# ТАЪМИНИ ОБ ВА САНИТАРИЯ ДАР ТОҶИКИСТОН

## Тамоюлҳои рушд ва тавсияҳо

Августи соли 2010

*Лоиҳаи ниҳоӣ*

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

**Swiss Agency for Development and Cooperation SDC**

Oxfam

TajWSS
Tajikistan Water Supply & Sanitation

**Таҳқиқи “Таъмини об дар Тоҷикистон”**

**Августи соли 2010**

*Таҳқиқи «Таъмини об дар Тоҷикистон»* – таҳлили сифати заминаи қонунгузорӣ ва институтсионалии дар Тоҷикистон мебошад, ки бар асоси гузориши пештараи Ассосиатсияи Оксфам – Британияи Кабир (Oxfam GB) дар Тоҷикистон таҳти унвони "Идоракунии захираҳои об дар Тоҷикистон, соли 2007" таҳия шудааст.

Таҳқиқи мазкур ба муайян намудани тамоюлҳои рушд дар зербахш ва пешниҳодҳою тавсияҳо оид ба масъалаҳои зерин равона шудааст:

- Қонунгузории амалкунанда ва инситутсионалӣ дар соҳаи таъмини об ва санитария дар ҶТ;
- Масъалаҳои соҳибият ва устувории системаи таъминоти об;
- Нақш ва имконияти ширкати ҷомеа ва бахши хусусӣ дар равандҳои идоракунии системаи таъмини об ва санитария;
- Таърифаҳо барои об: асоснок будани онҳо, ҷубронпазирӣ ва таъсирбахшӣ;
- Таҳлили ҷиҳатҳои қавӣ ва заиф, имкониятҳо ва монеаҳо (SWOT), ки дар назди ташкилотҳои манфиатдор дар зербахши таъмини об ва санитария қарор доранд.

Гузориши мазкур аз тарафи Ҷиёншоҳ Бухориев таҳия шуд, ки бар асоси шартномаи Ассосиатсияи «Oxfam GB» дар Тоҷикистон ба кор ҷалб карда шуда буд.

Мазмуни гузориш нуктаи назари «Oxfam GB» ё Дафтари Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкориро баён намекунад.

Иттилооти иловагиро метавонед аз нишонии зерин дарёфт намоед:

734003, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Бузургзода 53,
Тел.: + (992 37) 224-53-53 или 221-22-42;
Факс + (992 37) 224-76-42;
E-mail: dushanbe@oxfam.org.uk

Oxfam GB – созмони пешбари байналмилалии ғайриҳукуматӣ аст ва дорои шӯҳрати байналмилалӣ дар соҳаи кор оид ба рушд ва расонидани кӯмак мебошад. Мақсади мо – кор бо дигарон барои бартараф кардани камбизоатӣ ва ранҷу азоб мебошад. Oxfam GB – узви Оксфам Интернэшнл аст.

Нишонии вебсафҳа: http://www.oxfam.org.uk/

© Oxfam GB

## Мундарича

ИХТИСОРАҲО ........ 4
ПЕШГУФТОР ........ **Error! Bookmark not defined.**
ИСТИЛОҲОТИ АСОСӢ, КИ ДАР БАХШИ ОБ ИСТИФОДА МЕШАВАНД ........ 7
1. МАҚСАД ВА МЕТОДОЛОГИЯИ ТАҲҚИҚ ........ 11
2. ТАВСИФИ МУХТАСАРИ БАХШИ ОБИ ТОҶИКИСТОН ........ 14
3. ЧОРЧӮБАИ ҲУҚУҚИИ ТАЪМИНИ ОБ ДАР ТОҶИКИСТОН ........ 23
4. ТАЪМИНИ ОБ ВА КОРЕЗӢ ДАР ДЕҲОТ ........ 27
4.1 Созмонҳои давлатӣ, ки бахши обро танзим мекунанд ........ *27*
4.2 Муносибатҳои давлатӣ дар мавриди моликият ва устувории системаи таъмини оби ошомиданӣ ва корез ........ *33*
5. ТАМОЮЛИ РУШДИ ТАЪМИНИ ОБ ВА КОРЕЗ ДАР ДЕҲОТ ДАР ҶТ ........ 37
5.1 Сохтмони системаҳои нав ва бозсозии системаи мавҷуди таъмини об ва корез дар деҳот ........ *37*
5.2 Идоракунӣ ва хидматрасонии системаҳои мавҷуди таъмини оби ошомиданӣ . *43*
5.3 Таърифаҳо ба хадамоти таъмини об ва корез, баровардани хароҷоти онҳо ва таъсирбахшӣ ........ *45*
5.4 Нақши бахши хусусӣ дар таъмини оби ошомиданӣ ........ *48*
5.5 SWOT – таҳлили ҷиҳатҳои қавӣ ва заиф, имкониятҳо ва монеаҳо, ки дар назди намояндагони манфиатдори зербахшҳои таъмини об ва санитария дар Тоҷикистон қарор доранд ........ *54*
6. ХУЛОСА ........ 57
7. ТАВСИЯҲО ........ 60
8. ЗАМИМАҲО ........ 68
Замимаи 1. Феҳристи санадҳои меъёрӣ, ки масъалаҳои таъмини оби ошомиданӣ ва корезро танзим мекунанд ........ *68*
Замимаи 2. Мазмуни санадҳои меъёрӣ, ки масъалаҳои таъмини оби ошомиданӣ ва корезро танзим мекунанд ........ *74*
Замимаи 3. Сохтор, тарзи идоракунӣ, рӯйхати муассисаҳо, корхонаҳо ва дигар ташкилотҳои системаи Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби ҶТ ........ *82*
Замимаи 4. Таърифаҳо барои расонидани хадамот оид ба таъмини аҳолии шаҳри Душанбе бо оби ошомиданӣ ва корез дар моҳ ва ҳар сари одам ........ *84*
Замимаи 5. Феҳристи нашрияҳо/манбаъҳои иттилоот ........ *86*
Замимаи 6. Феҳристи шахсоне, ки дар сӯҳбатҳои инфиродӣ ширкат карданд........ *87*

**Ихтисораҳо**

| | |
|---|---|
| ААО | Агроаксияи Олмон |
| АБР | Ассотсиатсияи байналмилалии рушд |
| АИО | Ассосиатсияи истифодабарандагони об |
| АКТЕД | Агентии ҳамкории техникӣ ва рушд |
| АРБК | Агентии рушди байналмилалии Канада |
| АСМ | Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати ҶТ |
| АШҲР | Агентии Шведсия оид ба ҳамкорӣ ва рушд |
| БРО | Бонки рушди Осиё |
| БКАКБ | Бюрои Комиссияи Аврупо оид ба кӯмаки башардӯстона (ECHO) |
| БҶ | Бонки ҷаҳонӣ |
| БДО | Бозрасии давлатии об |
| ББРА | Бонки аврупоии бозсозӣ ва рушд (EBRD) |
| БДРҶК | Барномаи дастгирии рушди ҷомеаҳои кӯҳистонӣ |
| БОХ | Бунёди Оғо Хон |
| БРСММ | Барномаи рушди СММ |
| ВТ | Вазорати тандурустии ҶТ |
| ВК | Вазорати кишоварзии ҶТ |
| ВМ | Вазорати маорифи ҶТ |
| ВМЗО | Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВРББК | Вазорати рушди байналмилалии Британияи Кабир (DFID) |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ИИМО | Иҷозатнома барои истифодаи махсуси об |
| ИМБ | Институтҳои молиявии байналмилалӣ |
| ИНТ | Истифодабарӣ ва нигоҳдории техникӣ |
| ИОК | (Маводҳои) иттилоотӣ-омӯзишӣ ва коммуникативӣ |
| КБЗО | Котиботи байналмилалӣ оид ба захираҳои об |
| КДСИАД | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идоракунии амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон |

| | |
|---|---|
| КИО | Кумитаи истифодабарандагони об |
| КИА | Комиссияи Иттиҳоди Аврупо |
| КҲМЗ | Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КРС | Кумитаи рушди деҳот |
| МКМК | Муассисаи кооперативии манзилию коммуналӣ |
| МТСЗ | Маркази тарзи солими зиндагӣ |
| ОМ | Осиёи Марказӣ |
| СҒД (Б) | Созмони ғайридавлатӣ (байналмилалӣ) |
| СМР | Стратегияи миллии рушд барои солҳои 2007-2015 |
| СҶШ | Созмони ҷомеаи шаҳрвандӣ |
| СҶМ | Созмони ҷомеаи маҳаллӣ |
| ССПСК | Санади стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2007–2009 |
| СБО | Стратегияи бахши оби ҶТ барои солҳои 2006–2015 |
| СЕКО | Котиботи давлатии Швейтсария оид ба иқтисод |
| ТОД | “ТоҷикОбДеҳот” – созмон барои лоиҳакашӣ, сохтмон ва истифодаи оби ошомиданӣ дар минтақаҳои деҳоти Тоҷикистон |
| ФГЭ | Фонди глобалии экологӣ |
| ХБА | Хазинаи байналмилалии арз |
| ХМК | «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» (Муассисаи воҳиди давлатӣ) |
| ХНСЭ | Хадамоти назорати санитарию эпидемиологӣ |
| ҲРҲ | Ҳадафҳои рушди ҳазорсола |
| ҲҶТ | Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ШУРС | Дафтари Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ |
| ҶИА | Ҷомеаи иқтисодии Аврупо |
| ҶТ | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ЮНИСЕФ | Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид |
| ЮСАИД | Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ |

## ПЕШГУФТОР

Об барои рушди устувори ҳар як кишвар, аз ҷумла, барои ҳифзи муҳити табиии он, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва таъмини амнияти озуқавории аҳолии он нақши ҳалкунанда мебозад ва барои таъмин намудани саломатӣ ва фаъолияти ҳаётии ҳар шахс зарур аст. Бар ин асос, дар саросари олам ба захираҳои об ва масъалаҳои он аҳамияти бузург дода мешавад. Масалан, Маҷмаъи умумии Созмони Милали Муттаҳид бо резолютсияи худ таҳти рақами 5/196 аз 20 декабри соли 2000 соли 2003-ро Соли байналмилалии оби ошомиданӣ ва бо резолютсияи дигар таҳти рақами 58/217 аз 23 декабри соли 2003 солҳои 2005-2015-ро Даҳсолаи байналмилалии амалиёти “Об барои ҳаёт” эълон намуд. Бояд қайд кард, ки ин қарорҳо бо ташаббуси Тоҷикистон қабул шуда буданд.

Масъалаҳои об дар чунин санадҳо ва чорасозиҳое мисли Ҳадафҳои рушди ҳазорсолаи Созмони Милали Муттаҳид, нақшаи Йоҳаннесбург, форумҳо ва саммитҳои сершумори байналмилалии об ва ғ. инъикос шудаанд.

“Дар ҳудуди Тоҷикистон 64 миллиард метри мукааб об ба вуҷуд меояд, ки беш аз 60% оби ҳавзаи дарёҳои Баҳри Аралро ташкил медиҳад ва Тоҷикистон яке аз ғанитарин кишварҳо дорои захираҳои обии дунё мебошад...”. “Бо вуҷуди фаровонии захираҳои об, беш аз 40% аҳолии Тоҷикистон ба оби бехатари ошомиданӣ дастрасӣ надорад ва дар ноҳияҳои алоҳидаи деҳот таъмин намудан бо оби ошомиданӣ масъалаи мухим боқӣ мемонад” [1].

Ин қисман бо системаи таъмини об вобаста аст, ки комилан идеалӣ нест ва масъалаҳои ҷиддиро дорост, ки ба ҳалли зуд ва бетаъхир ниёз доранд.

Таъмини об, махсусан оби ошомиданӣ дар кишвар хеле суст рушд кардааст, 90% аҳолӣ дар шаҳрҳо ва танҳо 41% аҳолии деҳнишин ба таъминоти мутамарказ ва бехатари об дастрасӣ доранд[2].

Дар ҳоли ҳозир, бисёре аз системаҳои таъмини об ба таҷдид ва бозсозӣ ниёз доранд. Дар ин бора гуфтаанд ва навиштаанд, ин гузориш як гузориши навбатист, вале аввалину охирин нест ва ҳамчунин он муколамаи охирин миёни тарафҳои манфиатдор нест.

Бо истифода аз фурсати муносиб миннатдории фаровони худро ба иштироккунандагони ин муколамаи вобаста ба омӯзиши масъалаи таъмини об дар Тоҷикистон изҳор менамоям ва умедворам, ки ин

[1] Аз баромади президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ифтитоҳи конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба тавсифи кӯтоҳмуддати рафти амалисозии Даҳсолаи байналмилалии амалкард «Об барои ҳаёт», Душанбе, 8 июни соли 2010. Нишонӣ: http://www.asiaplus.tj/news/48/66176.html

[2] Ниг. Ҳамонҷо.ы

муколама барои тавсиъа ва ҳамоҳангсозии минбаъдаи амалиётҳо ҳамчун асос хидмат менамояд, ҳамчунин, ба ҳалли баъзе масъалаҳои таъмини аҳолӣ бо оби ошомидании босифат, бехатар ва доимӣ кӯмак мекунад.

Ба намояндагони сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ҷомеаи донорӣ, ки бо сарфи вақт ва ғайрати худ тавзеҳот, тавсияҳову орзуҳои худро ба ин таҳқиқот баён намуданд, миннатдории махсус баён мекунам.

Андешаҳо, умедҳо, тавсияҳое, ки ба такмили муколама, ҳамкорӣ ва умуман системаи идоракунӣ, масъулият ва таъсирбахшӣ дар таъминоти об нигаронида шудаанд, ки барои амалисозии бомуваффақияти тавсияҳои дар ин гузориш дарҷшуда хидмат мекунанд, бо миннатдорӣ қабул карда мешаванд.

**Ҷиёншоҳ Бухориев**

**Коршиноси мустақил**

## ИСТИЛОҲОТИ АСОСӢ, КИ ДАР БАХШИ ОБ ИСТИФОДА МЕШАВАНД

**Арзёбии хатар барои саломатӣ** – раванди муқаррарсозии эҳтимолияти рушд ва хусусияти оқибатҳои номусоид барои саломатии одам аст, ки зери таъсири оби дорои сифати номуносиб ба вуҷуд омадааст.

**Дастгирии давлатӣ** – қабул ва амалисозии барномаҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллии ба соҳибон додани системаҳои мутамарказ, ташкилотҳои истифодабарандаи ин системаҳо, ҳамчунин ташкилотҳои истиҳсолкунандаи таҷҳизот, дастгоҳҳо, маводҳо ва реагентҳо барои таъмин намудани ниёзҳо ба оби ошомиданӣ, кӯмакҳои пулии давлат, субвенсияҳо, қарзҳои имтиёзнок, имтиёзҳои буҷавӣ ва гумрукӣ.

**Захираҳои обӣ** – захираҳои обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминии ҷойдошта дар объектҳои об, ки истифода мешаванд ё истифода хоҳанд шуд.

**Иншооти ҷамъоварии об** – иншооти гидротехникӣ барои ҷамъоварии об тавассути хатти обгузар аз объекти рӯизаминии об (ҳавзи об ё ҷараёни об) ё аз объекти зеризаминии об

**Иқдомҳои санитарӣ-техникӣ** – безарарсозӣ ва тамйизи партовҳое, ки ба объектҳои обҳои корезӣ партофта мешаванд, ҳамчунин ҳифзи санитарӣ ва такмили ҳудудҳои наздисоҳилӣ, ки ба фаъолиятҳои хоҷагидорӣ фаро гирифта шудаанд.

**Истеъмолкунанда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие мебошад, ки мутобиқи

тартиботи муқарраршуда барои таъмин намудани эҳтиёҷоти худ об мегирад.

**Истифодаи умумии (муқарраии) об** – ин истифодаи об бидуни истифодаи иншоот ё воситаҳои техникӣ мебошад.

**Истифодаи махсуси об** – истифодаи об бо роҳи татбиқи иншоот ва дастгоҳҳои техникӣ.

**Истифодабарандаи об** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқист, ки бо тартиби муқарраршуда ҳуқуқи истифодаи объекти обро бо ҳадафҳои таъминоти мутамарказ, ғайримутамарказ ё автономии об ба даст меорад.

**Истифодабарандагони аввалиндараҷа** – ин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие мебошанд, ки объектҳои об барои истифодаи инфиродӣ ба онҳо дода мешаванд.

**Истифодабарандагони дувумдараҷаи об** – ин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие мебошанд, ки иҷоза доранд аз объектҳои обӣ бо рухсати истифодабарандагони аввалиндараҷаи об бар асоси шартнома ва мувофиқа бо мақомоти дорои салоҳияти махсуси давлатии танзимкунандаи истифода ва ҳифзи об истифода баранд.

**Иҷозатнома**– иҷозат барои истифодаи иншооти об, ки аз ҷониби мақомоти махсуси салоҳиятдори давлатӣ оид ба танзими истифода ва ҳифзи об дода шудааст.

**Кадастри давлатии об** – маҷмӯи систематизатсияшудаи маълумоти расмӣ дар бораи ҳолат, истифода ва ҳифзи иншоотҳои об.

**Каптаж** – чамъовари ва равона намудани об ба самти муайян барои истифода ва эхтиети он аз ифлос будан.

**Қобили эътимод будани системаи таъминоти об** – хусусияти система барои таъмин намудани реҷаи муайяни (бетанаффус, соатбайъ мутобиқи ҷадвал) таҳвили оби ошомиданӣ ба истеъмолкунандагон мутобиқи меъёрҳои муқарраршудаи таъминоти об ва талаботи меъёрӣ ба сифати оби ошомиданӣ мебошад.

**Қубурбандӣ** – ҷамъоварӣ ва ба ҷараёни муайян равона кардани об бо ҳадафи истифода ва ҳимояи комили он аз олудашавӣ мебошад.

**Меъёрҳои гигиении сифати оби сарчашмаҳои таъминоти об** – мутобиқи қоидаҳои муқарраршудаи санитарӣ маҷмӯи нишондодҳои органолептикии хусусиятҳои об, ки ҳадди максималии таҳшинҳои қобили қабули моддаҳои кимиёӣ, биологӣ, микроорганизмҳо ва сатҳи заминаи радиатсиониро дар он фаро мегирад ва имконияти истифодаи обро барои талаботи нӯшидан ва рӯзмарраи одам пас аз омодасозии мутобиқ ё бидуни он кафолат медиҳад.

**Меъёрҳои таъминоти об** – миқдори муҳосиботии оби ошомиданӣ, ки барои қонеъ кардани эҳтиёҷоти физиологӣ ва рӯзмарраи як одам дар тӯли як шабонарӯз дар нуқтаи аҳолинишини мушаххас, иншооти алоҳида ҳангоми фаъолияти муқаррарии системаи таъминоти об,

вайроншавии фаъолияти он ва ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда зарур аст.

**Меъёрҳои сифати оби ошомиданӣ (талаботи меъёрӣ)** - маҷмӯи нишондодҳои қобили қабули таркиби кимиёӣ ва микробиологии хусусиятҳои оби ошомиданӣ, ки бо методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ муқаррар ва қоидаҳои санитарӣ танзим шудаанд, бехатарӣ ва безарарии худро ба саломатии одам кафолат медиҳанд.

**Минтақаи ҳифзи санитарӣ (МҲС)** – минтақае, ки барои ҳифзи санитарӣ аз олудасозии сарчашмаҳои таъминоти об ва иншоотҳои таъминкунандаи об таъйин шудаанд, ҳамчунин ҳудудҳое, ки дар он чунин минтақа ҷойгир шудаанд.

**Мониторинг** – назорат, арзёбӣ ва пешгӯии ҳолати об.

**Оби ошомиданӣ** – оби дорои сифат дар ҳолати табиии худ ва пас аз коркард (софкорӣ, безараркунӣ, илова кардани моддаҳои нокифоя), ки ба талаботи меъёрӣ ҷавобгӯст ва барои эҳтиёҷоти ошомиданӣ ва рӯзмарраи одам ё барои истеҳсоли масолеҳи хӯрокворӣ таъйин шудааст.

**Объектҳои об** – тамаркузи об дар сатҳи хушкӣ дар шакли релефи он, ё дар зери замин, ки дорои ҳудудҳо, ҳаҷм ва хусусиятҳои реҷаи об мебошад.

**Обҳои партовӣ** – обе, ки бо тартиби муқарраршуда пас аз истифодаи он ё аз ҳудуди ифлосшуда воридашуда ба иншоотҳои об партофта мешавад.

**Оператори системаи таъминоти об ва санитария** – шахси юридакӣ, ки ба истифодаи системаи таъминоти об ва санитария, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои истифодаи умумӣ кушода шудаанд, машғул аст.

**Омодасозии об** – раванди технологӣ барои ба обе, ки аз сарчашмаҳои таъминоти об гирифта мешаванд, додани хусусиятҳои сифатии ҷавобгӯ ба меъёрҳо ва талаботи муқарраршудаи истеъмолкунанда мебошад.

**Садама** – харобшавӣ ё аз кор баромадани системаи таъминоти об, корез ё иншоотҳои алоҳида, таҷҳизот, дастгоҳҳо, ки қатъ ё коҳиши назарраси ҳаҷми таҳвили об, сифати об ё расонидани зиёнро ба муҳити зист, моликияти шахсони ҳуқуқӣ ё воқеӣ ва саломатии аҳолӣ ба бор меорад.

**Сарчашмаҳои рӯизаминии таъминоти об** – иншоотҳои рӯизаминии об (обанборҳо ва ҷараёнҳои об), ки барои истифода бо ҳадафҳои таъминоти об мусоиданд.

**Сарчашмаҳои зеризаминии таъминоти об** – иншоотҳои зеризаминии об, ки барои истифода бо ҳадафҳои таъминоти об мусоиданд.

**Сарчашмаҳои таъминоти об** – иншоотҳои об ё қисми онҳо, ки нигоҳдорандаи оби ҷавобгӯ ба меъёрҳои гигиении муқарраршудаи сифат ҳастанд ва барои ҷамъоварии об ба системаи таъминоти об пас аз омодасозии мутобиқ ё бидуни он истифода мешаванд ё метавонанд истифода шаванд.

**Системаи автономии таъминоти об** – иншоотҳо ё дастгоҳҳо барои

ҷамъоварӣ кардани об, омодасозии об ё бидуни омодасозӣ бо сар додани об ё бидуни сар додани об ба истеъмолкунандагон ва барои истифодаи умумӣ баста мебошанд.

**Системаи мутамаркази таъминоти об** – маҷмӯи иншоот ва дастгоҳҳои муҳандисӣ барои ҷамъоварӣ ва омодасозии об ё бидуни он, ҳифз, ҳамлу нақли об ба истеъмолкунандагон ва иншоотҳои кушода барои истифодаи умумӣ мутобиқи тартиботи муқарраршуда мебошад.

**Системаи ғайримутамаркази таъминоти об** – маҷмӯи иншоотҳо ва дастгоҳҳои муҳандисӣ барои ҷамъоварӣ ва омодасозии об ё бидуни он, ки барои истифодаи умумӣ кушода аст ё таҳти истифодаи инфиродӣ, бе таҳвили об ба истеъмолкунандагон, қарор дорад.

**Сифати об** – ҳолати об дар сарчашмаи таъминоти об ва дар системаи таъминоти об, ки бо меъёрҳо ва талаботи муқарраршуда аз ҷониби истеъмолкунандагон мутобиқ аст.

**Соҳиби системаи таъминоти об ва санитария** – соҳибе, ки моликияти ба ӯ тааллуқдоштаро истифода мебарад ва онро дар ихтиёр дорад. Соҳиб ҳуқуқ дорад то дар робита бо моликияти худ ҳама гуна амалеро анҷом диҳад, ки ба қонун мухолиф нест ва ҳуқуқи соҳибон ва шахсони воқеии дигарро халалдор намекунад.

**Тарҳҳои истифодаи маҷмӯӣ ва ҳифзи об** – иқдомҳои асосии хоҷагии об ва чораҳои дигарро муайян менамояд, ки барои қонеъ сохтани талаботи дурнамоии аҳолӣ ба об ва иқтисодиёти давлат, ҳамчунин ҳифзи об ва пешгирӣ кардани таъсири зараррасони он амалӣ мешаванд.

**Тарафҳои манфиатдор** – Ҳукумати ҶТ, вазоратҳои дахлдор, мақомот, сохторҳои дигаре, ки бевосита ё бавосита ба раванди таъминоти об ҷалб шудаанд, донорҳои байналмилалӣ ва маҳаллӣ, спонсорҳо (пуштибонҳо), сармоягузорон, созмонҳои ҷамъиятӣ, башардӯст, хайрхоҳ ва созмонҳои дигаре, ки дар соҳаи таъминоти об ва санитария дар Тоҷикистон кор кардаанд, кор карда истодаанд ва мехоҳанд кор кунанд.

**Таъминоти об** – фаъолияти таъмин намудани истеъмолкунандагон (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ) бо об, ки бо интихоби сарчашмаи таъминоти об ва истифодаи системаҳои таъминоти об, ҷамъоварӣ, омодасозӣ, ҳифз ва таҳвили об ба истеъмолкунандагон алоқаманд аст.

**Таърифа** – тариф (tariff).

**Ташкилотҳои таъминоти об** – шахсони ҳуқуқие, ки нигоҳдорӣ, истифодаи системаи таъминоти обро бо тартиби муқарраршуда бо ҳадафҳои ба даст овардани оби ошомиданӣ барои эҳтиёҷоти шахсӣ ё додани он ба шахсони дигар амалӣ менамоянд.

**Феҳристи давлатии иншоотҳои хоҷагии об** – маҷмӯи иттилооти систематизатсияшудаи паспортизатсияи иншоотҳои хоҷагии об, ки дорои тавсифномаи маҷмӯии дорои таъйиноти хоҷагии мавриди ҳадаф, нишондодҳои ҳуқуқӣ, физикӣ-географӣ, гидрологӣ- техникӣ-иқтисодӣ

ва нишондодҳои дигар мебошанд.

**Фаъолияти хоҷагии об** – фаъолияти шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, ки бо истифода, таҷдид ва ҳифзи иншоотҳои обӣ алоқаманд аст.

**Хатар барои саломатӣ** – эҳтимолияти рушди таҳдид ба ҳаёт ё саломатии одам, ё таҳдидҳо ба наслҳои оянда мебошад, ки таҳти таъсири оби дорои сифати номувофиқ ба вуҷуд омадааст.

**Хатти обгузар** – иншооти гидротехникӣ барои таъмин ва гирифтани об дар самти муқарраршуда.

**Хатҳои (минтақаҳои) ҳифзи об** – ҳудудҳое, ки бевосита ба ҳавзаҳои дарёҳо, каналҳои дорои таъйиноти гуногун, обанборҳо, объектҳои дигари об ҷойгиранд, ки дар он реҷаи махсуси истифодаи об бо ҳадафҳои ҳифзи ин объектҳо аз ифлосшавӣ, таҳшиншавии маводҳои шӯяндаи хок, олудасозӣ бо моддаҳои шиновар ва падидаҳои дигари манфӣ, ҳамчунин барои эҷод кардани реҷаи мусоиди об, муқаррар мешавад.

**Хатҳои таъминоти об** – маҷмӯи иншоотҳое, ки фарогирандаи нуқтаи таъминоти об, пойгоҳҳои обкашии (стансияҳои насосии) таъмини об, стансияҳои софсозии об ё омодасозии об, шабакаҳои таъминоти об ва обанборҳоро барои таъмини оби дорои сифати муқарраршуда ба истеъмолкунандагон мебошад.

**Шабакаи таъмини об** – системаи хатҳои обгузар ва иншоотҳо дар он, ки барои таъминоти об таъйин шудаанд.

# 1. МАҚСАД ВА МЕТОДОЛОГИЯИ ТАҲҚИҚ

Таҳқиқи “Таъмини об ва санитария дар Тоҷикистон” дар чаҳорчӯби амалисозии лоиҳаи “Таъмини об ва санитария дар Тоҷикистон” омода шудааст, ки аз ҷониби Агентии Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ (SDC) дар Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад.

“Таъмини об ва санитария дар Тоҷикистон” – ин таҳқиқи сифатии пойгоҳи қонунгузорӣ ва институтсионалист, ки бар асоси гузориши пешинаи Ассотсиатсияи «Oxfam GB» дар Тоҷикистон “Идоракунии захираҳои об дар Тоҷикистон” барои соли 2007 омода шудааст.

Дар чаҳорчӯбаи таҳқиқи мазкур таҳлили қонунгузории ҷорӣ ва масъалаҳои институтсионалӣ дар сатҳҳои гуногуни идоракунӣ, маълумоти оморие, ки аз сарчашмаҳои гуногун, дар натиҷаи вохӯриҳои шахсӣ бо намояндагони сохторҳои давлатӣ дар ҳамаи сатҳҳо, ҳамчунин истифодабарандагони об ва намояндагони онҳо ба даст омадааст, гузаронида шудааст.

Мутобиқи натиҷаҳои таҳқиқи мазкур бар асоси воқеияти мавҷуда ва

иқтисодиёти бозорӣ, сохторҳои институтсионалӣ ва салоҳиятҳои онҳо, ки мутобиқи қонунгузорӣ пешбинӣ шудааст, тавсияҳои мушаххас пешниҳод шуданд.

Мақсади таҳқиқи мазкур: ошкор кардани тамоюли рушд дар зербахш ва таҳия намудани тавсияҳо барои ҳамаи тарафҳои манфиатдор оид ба такмили минбаъдаи вазъият марбут ба масъалаҳои асосии зерин:

- Чорчӯбаҳои ҳуқуқӣ барои таъминоти оби ошомиданӣ;
- Масъалаҳои таъмини оби ошомиданӣ дар деҳот;

  а) Сохтмони системаҳои нав ва таҷдиди системаҳои мавҷуд;

  б) Идоракунӣ ва хидматрасонии системаҳои мавҷуд;

  в) Таърифаҳо барои оби ошомиданӣ, хароҷотпӯшонӣ ва таъсирбахшии онҳо;

  г) Нақши бахши хусусӣ дар идоракунии системаи таъмини об;

  ғ) Таҳлили SWOT-и (тарафҳои қавӣ, заиф, имкониятҳо ва монеаҳо) иштироккунандагони муҳити манфиатдор дар зербахш (мақомоти давлатӣ (ҳамчун танзимкунанда ва оператори зербахш), донорҳо, созмонҳои байналмилалӣ, созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (ҳамчун соҳиби системаи таъмини об), бахши хусусӣ ва худи истифодабарандагони хидматҳо (махсусан аҳолии деҳоти кишвар). Натиҷаҳои таҳқиқи мазкур ҳам барои Ҳукумати ҶТ ва ҳам барои вазоратҳои алоҳида, идораҳо, мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ҳамчунин сармоягузорон ва донорҳои маҳаллӣ ва байналмилалӣ таъйин шудаанд.

Дар рафти ин таҳқиқ методҳои зерини ҷамъоварии иттилоот ва таҳлил истифода шудаанд:

- Ҷамъоварӣ, омӯзиш, таҳлил ва тафсири маълумоти оморӣ;
- Таҳлили қонунгузорӣ, барномаҳои давлатӣ ва мафҳумҳо;
- Омӯзиши барномаҳо, лоиҳаҳо, гузоришҳо ва маводи нашркардаи созмонҳои/муассисаҳои гуногун;
- Пайгирӣ кардан аз нашрияҳо ва навгониҳо дар васоити ахбори омма;
- Боздид намудани деҳаҳое, ки дар он ҷо бори нахуст системаҳои таъминоти оби ошомиданӣ сохта шудаанд;
- Мулоқотҳои инфиродӣ ва мусоҳиба бо намояндагони ҳамаи тарафҳои манфиатдор (сохторҳои давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, созмонҳои ғайридавлатии байналмилалӣ ва маҳаллӣ, муассисаҳои молиявӣ, иҷрокунандагони бевоситаи лоиҳаҳо оид ба эҷоди системаҳои таъминоти оби ошомиданӣ дар минтақаҳои деҳот, истифодабарандагони об).

Таҳқиқ аз ҷониби коршиноси мустақил гузаронида шудааст, ки дар гузаронидани чунин таҳқиқот таҷрибаи бузург дорад.

Умуман, барои таҳқиқ ҳадди ақал 39 рӯзи кории пурарзиш сарф шудааст.

**Раванди гузаронидани таҳқиқ аз марҳилаҳои зерин иборат буд:**

**1. Марҳилаи ибтидоӣ:**

- Мулоқот бо намояндагони Лоиҳаи Оксфам (Oxfam) оид ба таъминоти оби ошомиданӣ ва санитария дар Тоҷикистон барои таҳия ва мувофиқа кардани нақшаи фаъолиятҳои минбаъда, интихоби методология, тамосҳо ва ташкил намудани мулоқотҳо, самтҳои таҳқиқ ва натиҷаҳо;
- Таҳқиқоти оморӣ: ҷамъоварӣ ва баррасии ҳуҷҷатгузории мутобиқ (гузоришҳо дар бораи лоиҳа, қонунҳо, қарорҳо, санадҳо, нашрияҳои дигари ба кор дахлдошта ва ғ.);
- Ташкил намудани мулоқотҳо бо намояндагони дахлдори тарафҳои манфиатдор (сохторҳои давлатӣ, донорҳо, агентиҳо, созмонҳои ғайридавлатии байналмилалӣ ва маҳаллӣ, кумитаи идоракунии захираҳои об, созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, марказҳои захиравӣ дар маконҳо мутобиқи рӯйхати мувофиқашудаи Оксфам).

**2. Марҳилаи таҳқиқот:**

- Идома додани мулоқотҳо бо намояндагони дахлдори тарафҳои манфиатдор;
- Сӯҳбатҳои инфиродӣ бо тарафҳои манфиатдори асосӣ (намояндагони сохторҳои ҳукуматӣ, донорҳо, созмонҳои ғайридавлатии байналмилалӣ ва маҳаллӣ, шарикони асосии дигар);
- Муҳокимаҳои натиҷаҳои нахустин бо намояндагони Лоиҳаи Оксфам оид ба таъминоти оби ошомиданӣ ва санитария дар Тоҷикистон;
- Назорат, таҳлил ва тафсири маълумотҳои бадастомада;

**3. Марҳилаи ҷамъбасткунӣ:**

- Кор аз рӯи маълумотҳои бадастомада: омӯзиш ва баровардани хулосаҳои умумӣ аз рӯи маълумоти бадастомада, тавзеҳот ва тавсияҳо ва маълумотҳои дигар барои гузориши ниҳоӣ;
- Таҳия кардани нусхаи нахустини гузориши лоиҳа (мундариҷаи мухтасари қисми муқаддимавӣ, бобҳо, хулосаҳо ва тавсияҳо), пешниҳод кардан ба гурӯҳи Лоиҳаи Оксфам оид ба таъминоти оби ошомиданӣ ва санитария дар Тоҷикистон ва интизорӣ ба мулоҳизаҳо, умедҳо ва тавсияҳо аз гурӯҳи Оксфам БК оид ба такмил додани гузориш;

- Таҳрири гузориш бар асоси мулоҳизаҳо, умедҳо, тавзеҳот ва тавсияҳои бадастомада;
- Навиштани нусхаи дувуми гузориши лоиҳа (мундариҷаи мухтасар, маълумотҳои асосии бадастомада, тавсияҳо)

**4. Марҳилаи натиҷаҳои ниҳоӣ:**

- Муҳокимаи ниҳоӣ дар Лоиҳаи Оксфам оид ба таъминоти оби ошомиданӣ ва санитария дар Тоҷикистон;
- Навиштан ва пешниҳод кардани нусхаи ниҳоии гузориш;

## 2. ТАВСИФИ МУХТАСАРИ БАХШИ ОБИ ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон дорои сарчашмаҳои ғанитарини оби тоза аст, вале таъмин ва дастрасии аҳолии минтақаҳои деҳот ба оби ошомидании барои саломатӣ тоза ва бехатар чандон хуб нест.

Системаҳои таъмини об дар тӯли 30-50 сол истифода бурда мешаванд. Дар 10-15 соли охир хидматрасонии техникии ин иншоотҳо амалӣ нашудаанд ва онҳо дар ҳолати ғайриқаноатбахши техникӣ қарор доранд.

Дар минтақаҳои деҳот танҳо 20 дарсади аҳолӣ бо оби мутамаркази ошомиданӣ таъмин шудаанд. Аҳолии боқимонда обро аз сарчашмаҳои гуногун истеъмол менамояд (чашмаҳо, чоҳҳои дорои насоси дастӣ, ҷӯйборҳо, каналҳо, боришҳои атмосферӣ ва ғ.), ки сатҳи кофии шароитҳои санитарию гигиенӣ надоранд[3].

Ҳамаи зерсохтор беш аз 70 дарсад фарсуда шудааст ва таҷдиду бозсозии ҷиддиро талаб мекунад. Ҳамаи ин ба паст шудани сифати оби ошомиданӣ мусоидат менамояд, ки ба саломатии аҳолӣ таҳдиди ҷиддӣ дорад[4].

Ҳамчунин, бо сабаби фарсудагии коммуникатсияҳо дар системаҳои таъминоти оби ошомиданӣ талафоти об дар шакли шоридан аз системаҳои таъминоти об ҷараён дорад (ба ҳисоби миёна 50-60 дарсад), ки дараҷаи таъмини обро ба аҳолӣ паст менамояд ва дар натиҷаи ба вуҷуд омадани обҳои ифлосшудаи рӯизаминӣ дар робита бо шароитҳои эпидемиологӣ хатарро эҷод менамояд[5].

Ба вуҷуд омадани бемориҳои сироятӣ дар манотиқи деҳот ва қасабаҳои навъи шаҳрӣ, ки дар онҳо шароити бештар номусоид бо таъминоти оби ошомиданӣ ҷой доранд, мушоҳида мешавад. Асосан хатҳои таъмини об дар манотиқи деҳот тавассути ба таври хеле дағалона вайрон кардани қоидаҳои истифодаи техникӣ кор мекунанд.

---

[3] Барномаи такмил додани таъмини аҳолии ҶТ бо оби тозаи ошомиданӣ барои солҳои 2008-2020.
[4] Ниг. Ҳамон ҷо.
[5] Маълумоти Муассисаи воҳиди давлатии Хоҷагии манзилию коммуналӣ ва Муассисаи давлатии Тоҷикобдеҳот, соли 2008.

Таъмин набудани аҳолӣ бо оби тозаи ошомиданӣ ва хадамоти корезӣ барои саломатии одамон дар Тоҷикистони дорои аҳолии беш аз ҳафт миллион одам хатари калон дорад[6].

93% аҳолии шаҳрнишин бо оби ошомиданӣ таъминанд. Дар манотиқи деҳот, ки дар он 75% аҳолии Тоҷикистон умр ба сар мебарад[7], 40% аҳолии Тоҷикистон ба оби бехатари ошомиданӣ дастрасӣ надорад[8], танҳо 3% аз хадамоти корезӣ истифода мебарад. Тақрибан 47% ҳоҷатхонаҳои деҳот аз нуқтаи назари меъёрҳои санитарӣ ба таври кофӣ бехатар нестанд. Бо вуҷуди шумораи зиёд будани онҳо (98.6%) дастрасӣ ба шароитҳои санитарӣ хеле маҳдуд аст[9].

Аз 66 шаҳр, марказҳои ноҳия ва шаҳракҳо танҳо 52-тои онҳо системаи мутамаркази таъмини об доранд[10]. 87% сокинони шаҳрнишин ва 20% сокинони деҳнишин обро аз системаҳои мутамаркази таъмини об ба даст меоранд[11].

"Тоҷикистон яке аз кишварҳои озмоишист барои амалисозии Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола. Дар ин робита, арзёбии талаботҳо барои амалисозии Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола гузаронида шуд, ки мутобиқи он ***барои ду маротиба кам кардани шумораи аҳолии дастрасинадошта ба оби ошомидании бехатар, то соли 2015 ба кишвар тақрибан 1 миллиард доллари амрикоӣ зарур аст***. Бо мақсади такмил додани бахши таъмини об ва муваффақ шудан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола ҳамчунин аз ҷониби Ҳукумати ҶТ "Барномаи такмил додани таъмини аҳолии ҶТ бо оби тозаи ошомиданӣ барои солҳои 2008-2020" қабул шудааст.

Барои ҳалли масъалаҳои марбут бо захираҳои об, ***дар тӯли панҷ соли охир беш аз 15 барнома, стратегия ва нақшаи амалиёт аз ҷониби Ҳукумати ҶТ қабул шудаанд, ки дар чаҳорчӯбаи онҳо даҳҳо лоиҳа бо маблағи умумии беш аз 500 миллион доллар амалӣ шудаанд. Санадҳои мазкур якчанд тавсияҳоро фаро мегирифтанд, ки дар гузориши "Идоракунии захираҳои об дар Тоҷикистон" барои соли 2007 дарҷ шудаанд.***

***Мутаассифона, бо вуҷуди ҳамаи ин саъю кӯшишҳо, иҷро ва амалисозии лоиҳаҳо ва барномаҳои мазкур бо сабаби бӯҳрони молиявӣ-иқтисодӣ ва фалокатҳои ҳарсолаи табиӣ, ки дар охир ба буҷети кишвар ба таври манфӣ таъсир мерасонанд, аз нақшаҳои кашидашуда ба таври назаррас ақиб мемонанд*** »[12].

Таҳлили қонунгузорӣ ва системаи институтсионалии таъмини об нишон медиҳад, ки дар қатори норасоии воситаҳои молиявӣ масъалаҳои асосӣ

---

[6] Маълумоти СММ, соли 2004

[7] Иловаҳо ба санади Бонки Ҷаҳонӣ «Дар бораи арзёбии камбизоатӣ» барои соли 2005, саҳ. 2

[8] Аз баромади Президенти Тоҷикистон дар ифтитоҳи Конфронси Байналмилалии сатҳи баланд дар бораи бознигарии миёнамуддати рафти амалисозии Даҳсолаи Байналмилалии (солҳои 2005-2015) амалиёти «Об барои ҳаёт», Душанбе, 8 июни соли 2010. Нишонии вебсафҳа : http://www.asiaplus.tj/news/48/66176.html.

[9] Аз китобчаи Лоиҳаи «Таъмини оби ошомиданӣ ва санитария дар Тоҷикистон».

[10] Барномаи такмили таъминоти аҳолии ҶТ бо оби тозаи ошомиданӣ барои солҳои 2008-2020, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ таҳти рақами 514 аз 2 декабри соли 2006 тасдиқ шудааст.

[11] Стратегияи рушди бахши оби Тоҷикистон, солҳои 2006-2020, Таъминоти об ва санитария, саҳ. 25

[12] Аз баромади Президенти Тоҷикистон дар ифтитоҳи Конфронси Байналмилалии сатҳи баланд дар бораи бознигарии миёнамуддати рафти амалисозии Даҳсолаи байналмилалии (солҳои 2005-2015) амалиёти «Об барои ҳаёт», Душанбе, 8 июни соли 2010. Нишонии вебсафҳа: http://www.khovar.tj/index.php?option=com_content&task=view&id=22227.

барои таъмини саривақтӣ ва доимии аҳолӣ бо оби тоза ва бехатар низ чунинанд:

- пардохти ғайрисаривақтӣ барои хадамоти таъмини об аз ҷониби истеъмолкунандагон;
- набудани мақомоти ҳамоҳангсозандае, ки барои лоиҳакашӣ, таҷдид, сохтмон ва истифодаи системаи таъминоти об сиёсати ягонаи техникиро пеш мебарад;
- набудани бақайдгирии дақиқи системаи таъминоти об, об ва ҳисобгарҳои андозагири об;
- таъмини системаи таъминоти об бо нерӯи барқ мутобиқи маҳдудият, махсусан дар фасли зимистон;
- набудани пояи устувори қонунгузорӣ дар соҳаи таъминоти об. Кодекси амалкунандаи оби ҶТ масъалаҳои таъминоти обро ба таври нокофӣ танзим мекунад.
- ҳолати ғайриқаноатбахши техникии иншоотҳои таъмини об. Беш аз 70% системаи мавҷудаи таъминоти об фарсудаанд ва сол ба сол ин рақам меафзоянд[13];
- норасоии таҷҳизоти барқӣ ва гидромеханикӣ;
- набудани равиши ягона дар масъалаи моликият ва тааллуқ доштани системаи таъминоти об ва ғ.

Барои беҳбуд сохтани вазъи таъминоти аҳолии деҳот бо оби тозаи ошомиданӣ бо истифода аз имкониятҳои созмонҳое, ки дар ин самт кор мекунанд ё хоҳиши кор кардан доранд, ҳалли вазифаҳои зерин зарур аст:

- бо ҳадафи такмил кардани идоракунӣ, истифодаи техникии онҳо, гузаронидани ислоҳот дар соҳаи таъминоти об амалӣ кардани сиёсати таърифаҳо (тарифҳо);
- бурдани кори муассир оид ба бақайдгирии системаи таъминоти об, об ва ҳолати он;
- қабули Қонуни алоҳидаи ҶТ "Дар бораи оби ошомиданӣ ва таъминоти он". Барои ин мақсад, эҷод кардани гурӯҳи корӣ (бо иштироки эҳтимолии намояндагони ҳамаи тарафҳои манфиатдор дар кори он) бо мақсади омӯхтани масъалаҳои вобаста ба таъминоти об, аз ҷумла таҷрибаи байналмилалӣ зарур аст ва бар асоси онҳо лоиҳаи қонун таҳия гардад, ки он принсипҳо, ҳуқуқҳо, ӯҳдадориҳо ва масъулиятҳои тарафҳо муқаррар менамояд, масъалаҳои дорои хусусиятҳои амалӣ ва воқеӣ, механизмҳои амалисозии кафолатҳое, ки аз ҷониби сарқонун ва қонунҳои дигари ҶТ пешбинӣ шудаанд;

---

[13] Барномаи такмили таъминоти аҳолии ҶТ бо оби тозаи ошомиданӣ барои солҳои 2008-2020.

- омода кардани мутахассисон, омӯзонидани кормандони техникӣ ва идоракунандаи соҳа, эҷод намудани шароитҳои муқаррарӣ барои фаъолияти онҳо;
- барқарорсозӣ, бозсозӣ ва вусъат бахшидан ба системаҳои амалкунандаи таъминоти об бо ҷалби тарафҳои мутобиқи манфиатдор;
- барҳам додани шоридани об дар системаи таъминоти об, насб кардани ҳисобгарҳои андозагири об ба ҳар як истифодабарандаи об;
- сохтмони иншооти обҷамъоварандаи маҳаллии таъминоти об дар минтақаи деҳот;
- баланд бардоштани сатҳи воқифияти аҳолӣ ва ӯҳдадориҳои онҳо оид ба истифодаи об, риоя намудани талаботи санитарӣ-гигиенӣ;
- баланд бардоштани сифати безарарсозии оби ошомиданӣ мутобиқи талаботи меъёрҳои давлатӣ, таъмин ва ҳифзи минтақаҳои санитарии сарчашмаҳои об ва иншоотҳои асосии обҷамъкунанда барои таъминоти об;
- таҳия ва қабули барномаҳои миёнамуддат ё стандартҳо бо мақсади амалисозии минбаъдаи Меъёрҳои санитарӣ ва қоидаҳо оид ба масъалаҳои таъминоти об ва санитария, ки ҳанӯз дар соли 2007 ва ғ. қабул шуда буданд;

Бо ҳадафи бартараф кардани масъалаҳои мавҷуда дар соҳаи таъминоти об, Ҳукумати кишвар дар соли 2006 Барномаи махсуси такмили таъминоти аҳолии ҶТ бо оби тозаи ошомиданиро барои солҳои 2008-2020 қабул намуд[14]. Вазифаи асосии Барномаи мазкур таъмин намудани аҳолии ҷумҳурӣ бо оби доимӣ, тоза ва бехатари ошомиданӣ мебошад.

Таъмин намудани дастрасӣ ба оби бехатари ошомиданӣ низ яке аз вазифаҳои нахустини паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ, кам кардани сатҳи марги одамон, беҳ кардани саломатӣ ва мубориза бар зидди бемориҳои сироятӣ мебошад.

Бо мақсади амалисозии Барномаи мазкур, Ҳукумати кишвар вазифа дар бораи зарурати амалӣ кардани корҳои зеринро пеш мегузорад:

- тайёр кардани кормандони техникӣ ва идории бахш, баланд бардоштани фарҳанги истифодаи об дар чорабиниҳои санитарӣ ва гигиенӣ, ҷалби ҷомеа ва сармоягузории хусусӣ ба системаи таъминоти об;
- таҷдиди системаҳои мавҷудаи таъминоти об, амалӣ кардани сохтмони системаҳои хурд, миёна ва маҳаллӣ, чоҳҳои ҷамъоварии об барои истифодаи инфиродӣ ва гурӯҳӣ бар асоси қарорҳои лоиҳавӣ;

[14] Барнома бо қарори Ҳукумати ҶТ таҳти рақами 514 аз 2 декабри соли 2006 тасдиқ шудааст.

- татбиқи технологияҳои нав, роҳҳои таҷдид, методҳои муосири безараргардонии оби ошомиданӣ, автоматизатсияи системаи идоракунӣ, назорати сифат ва бақайдгирии об, безараргардонӣ бо усули физикӣ бар асоси нурпошии ултрабунафш, сохтмони озмоишгоҳ барои муайян кардани сифати об;
- татбиқи технологияҳои нав бо мақсади нарму равшан кардани оби ошомиданӣ, бо безараргардонии минбаъдаи сарчашмаҳои оби дорои дуруштии баланд ва хирагии об бо методҳои мавҷудаи физикӣ;
- барқарорсозӣ, бозсозӣ ва вусъатдиҳии системаҳои мавҷуда, сохтмони системаҳои нави мутамаркази таъмини об бар асоси асосноксозии техникӣ-иқтисодии лоиҳаҳои таҳияшуда бо истифодаи методҳои муосири таъмини об, таҷҳизот, маводҳо, дастгоҳҳои бақайдгирӣ ва назорат, безараргардонӣ ва худидоракунии воситаҳо;
- истифодаи мақсадноки сармоягузориҳои дохилӣ ва берунӣ, татбиқи технологияҳо ва таҷҳизоти муассир;
- барқарорсозии коршоямии зершӯъбаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва лоиҳавӣ-истеҳсолӣ;
- сохтмони системаҳои маҳаллии таъмини об дар ноҳияҳои кӯҳистони ҷумҳурӣ, ки дар он ҷо чашмаҳо, дарёҳо, наҳрҳо ва обҳои зеризаминии дорои иқтидори кофӣ ва сифати хуб бартарӣ доранд;

Барномаи ҳукуматӣ барои солҳои 2008-2020 ба таъмини дастрасии доимии 7,683,900 нафар, аз ҷумла дар минтақаҳои деҳот бо фарогирии 6,304,000 нафар ба оби тоза ва бехатари ошомиданӣ равона карда шудааст.

***Вале амалисозии муассири Барномаи мазкур аз ҷалби воситаҳои сармоягузорон, созмонҳои байналмилалии молиявӣ, буҷети давлатӣ ва худи истеъмолкунандагон вобаста аст.***

Бинобар ин, маблағгузории чорабиниҳое, ки аз ҷониби "Барнома барои такмил додани ҳолати таъмини аҳолӣ бо оби тозаи ошомиданӣ барои солҳои 2007-2020" пешбинӣ шудааст, ки 960 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад (бо ҳисоби қурби сомонӣ / доллар дар соли 2007), ҷалби маблағҳоро аз ҳисоби сармоягузорони ватаниву хориҷӣ, созмонҳои байналмилалии молиявӣ ва буҷети далватӣ дарҷ намудааст. Барои ҳалли ин вазифа 20-23% захираҳои зарурии ҳукуматӣ ва 18% аз донорҳо мавҷуд аст[15].

Бо дарназардошти ин, дар замони кунунӣ асосан чунин созмонҳои байналмилалие мисли Бонки ҷаҳонӣ (БҶ), Бонки аврупоии бозсозӣ ва рушд (БАБР), Хазинаи байналмилалии рушди кишоварзӣ (IFAD),

[15] Аз баромади С. Раҳимов, Ҷонишини аввали Вазири мелиоратсия ва захираҳои оби ҶТ дар ҷаласаи 3-уми шабакаи созмонҳои шарик оид ба таъминоти устувори об дар ҶТ, Душанбе, 8 апрели соли 2010.

ШУРС, ЮСАИД, Агентии Ҷопон оид ба ҳамкории байналмилалӣ (JICA), Комиссияи Аврупо (ЕС), БРСММ, ЮНИСЕФ, Агроаксияи Олмон (ААО), Оксфам, КАРИТАС, Котиботи байналмилалӣ оид ба об (ISW), Барномаи рушди минтақаҳои кӯҳистон (MSDSP), CESVI ва дигарон дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ лоиҳаҳои барқарорсозӣ ва сохтани системаҳои таъмини оби ошомиданиро амалӣ кардаанд. Ҳамаи созмонҳои байналмилалии мазкур ба истифода ва хидматрасонии устувори техникии системаи таъмини об манфиатдоранд. Вале набудани умумии шабакаи дуруст байни ин созмонҳо пешбурди равишҳои навоваронаро ба рушди устувор зуд-зуд душвор мекунад. Қайд кардан зарур аст, ки ин холигӣ аз ҳисоби шабакаи созмонҳои ТоҷВСС оид ба масъалаҳои таъмини об ва санитария дар Тоҷикистон пӯшида мешавад, ки барои такмил додани фаъолияти мутақобила саҳнаи хуберо таъмин менамояд ва ба паҳншавии равишҳо ва эҷоди шароитҳои бештар мусоид бурда мерасонад. Ғайр аз ин, иштироккунандагон метавонанд таҷрибаи ҳамдигарро истифода намоянд ва онро ба фаъолияти худ мутобиқ созанд.

Барои кафолати хидматрасонии амалиётӣ талаботи потенсиалӣ дар такмил додани пойгоҳи қонунгузории таъминоти оби ошомиданӣ ва моликияти зерсохтори захираҳои об дар Тоҷикистон мавҷуд аст.

Дастрасии доимӣ ба оби тоза ва бехатари ошомиданӣ – ҳуқуқи асосии одам аст, ки ҳам дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналмилалӣ ва ҳам миллӣ пешбинӣ шудааст.

Вале аксарияти аҳолӣ намедонанд, ки оё барои доштани дастрасӣ ба оби бехатари ошомиданӣ ҳуқуқ доранд ё не. Ҳамон миқдори каме, ки медонанд, одатан, дар бораи механизми ҷуброн дар мавриди мамнӯъияти дастрасӣ ба об иттилоот надоранд. Барои истеъмолкунандагон зарурати ҷиддии донистан мавҷуд аст, вақте созмонҳои обтаъминкунанда қонунро вайрон мекунанд, ташаккул додани боварӣ ба он, ки аз таъминкунандагони хидматрасонии лозимӣ ва таъмини оби бехатарро талаб намоянд ва ташаккул додани малакаҳо то дар сурати зарурат тавонанд даъво ва ҷуброн дархост кунанд.

Дар соли 2010 "60% аҳоли кишвар ба оби тозаи ошомиданӣ дастрасӣ доранд. Дар тӯли 5 соли оянда, бо сабаби тақвият ёфтани имкониятҳои иқтисодии кишвар, Ҳукумат ин рақамро ба 80% мерасонад"[16]. Ҳамзамон, "беш аз 40% аҳолии кишвари мо ба оби бехатари ошомиданӣ дастрасӣ надорад, дар ноҳияҳои алоҳидаи деҳот таъмин оби ошомиданӣ масъалаи ҷиддӣ боқӣ мемонад" [17].

[16] Сайфулло Сафаров, ҷонишини директори Маркази таҳқиқоти стратегӣ дар назди Президенти ҶТ, http://www.khovar.tj/index.php?option=com_content&task=view&id=22053

[17] Маҳмудоҷон Собиров, муовини Вазири корҳои хориҷӣ, http://www.khovar.tj/index.php?option=com_content&task=view&id=20051&Itemid=




Чӣ тавре диаграммаи дар боло овардашуда нишон медиҳад, дар соли 2009 ҳиссаи истеъмоли об барои обёрӣ 93,9%, барои таъминоти оби ошомиданӣ ва саноат – 2,4%, барои хоҷагии моҳипарварӣ – 0,6%, барои соҳаҳои дигар – 0,7%-ро ташкил медод[18].

Истеъмоли об бо шаклҳои гуногуни манфӣ, мисли истеъмоли аз ҳад зиёд, напардохтани ҳаққи хадамоти расонидашуда, андозагирии нодурусти оби таҳвилшуда ва ғ. мушоҳида мешавад[19].

Таъминоти нокофии буҷет, таърифаҳои паст ва истифодаи номуассири сармоягузориҳои дохиливу берунӣ маънои онро дорад, ки дар пойгоҳи моддӣ ва ба сифати хадамоти расонидашаванда тағйироти ҷиддие рӯй намедиҳад[20].

Кӯшишҳои бозсозӣ ва сохтмони системаи таъминоти оби ошомиданӣ дар тӯли даҳсолаи охир аз ҷониби як қатор донорҳо ва созмонҳои байналмилалӣ беш аз ҳама бемуваффақиятона анҷом меёбад. Як қатор сабабҳое маълум аст, ки бо ҳадафи таъмин намудани устуворӣ ба онҳо таваҷҷӯҳ намудан зарур аст:

- заминаи нокофии қонунгузорӣ ва парокандагии институтсионалӣ;
- норасоии равишҳои муассири идоракунии системаи таъмини об ва санитария;
- норавшанӣ дар тақсимоти нақшҳо ва ӯҳдадориҳо дар байни иштироккунандагони давлатӣ ва ғайридавлатӣ, чунин навъҳои хадамотро мерасонанд;
- сиёсати нодурусти тарифгузорӣ;
- талабот ба кадрҳои баландихтисос ва омӯзиш;
- талабот ба навовариҳо ва навкориҳо;
- баланд бардоштани воқифият дар бораи истифодаи оқилонаи захираҳои об дар байни аҳолӣ ва шахсоне, ки қарор қабул мекунанд;

[18] Барномаи рушди бахши об, Душанбе, ноябри соли 2009.
[19] СНР, саҳ. 51
[20] Ҳамон ҷо, саҳ.51

Кодекси оби ҶТ дар ҳоли ҳозир санади асосии меъёриву ҳуқуқист, ки принсипҳои асосии дастрасии афзалиятнокро ба оби ошомиданӣ муайян менамояд.

***Сатҳи воқифияти аҳолӣ дар бораи қонунгузорӣ дар соҳаи таъмини об нокофия аст. Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии қабулшуда саривақт ба аҳолӣ расонида намешаванд, ки амалисозии онро дар сатҳи маҳаллӣ дар якчанд соли қабули онҳо ба таъхир мегузоранд. Масалан, дар соли 2009 аз ҷониби Ҳукумати кишвар якчанд санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ қабул карда шуданд[21], ки тартиботро содда менамояд, аз ҷумла марбут ба сохтмони системаҳои таъмини об, вале аҳолии маҳаллӣ ва сохторҳои дахлдор дар бораи онҳо чизе намедонанд.***

Ҳукумати Тоҷикистон эътироф менамояд, ки зарур аст дар бахши об ислоҳоти ҳамаҷонибаи сохторӣ ва институтсионалӣ сурат гирад, чаҳорчӯбаҳои ҳуқуқӣ дубора баррасӣ карда шаванд ва Қонуни алоҳида "Дар бораи оби ошомиданӣ ва таъмини он" қабул карда шавад.

Ҳамзамон, эҷод кардани гурӯҳи корӣ (бо иштироки эҳтимолии намояндагони ҳамаи тарафҳои манфиатдор дар кори он) зарур аст. Гурӯҳи корӣ бояд масъалаҳои вобаста бо таъмини об, аз ҷумла таҷрибаи байналмилалиро биомӯзад ва бар асоси онҳо лоиҳаи мавҷудаи қонунро бо пешбинӣ намудани принсипҳо, ҳуқуқҳо, ӯҳдадориҳо ва масъулиятҳои тарафҳо дар онҳо, масъалаҳои дорои хусусиятҳои амалӣ ва воқеӣ, механизмҳои амалисозии кафолатҳо такмил диҳад, ки аз ҷониби сарқонун ва қонунҳои дигари ҶТ пешбинӣ шудаанд.

Ба воридшавии бахши хусусӣ ба бозори таъмини оби ошомиданӣ шарикиҳои нокифояи механизмҳои ҷамъиятӣ-хусусӣ, аз ҷумла, мамнӯъ кардани хусусигардонии системаи мутамаркази таъмини оби ошомиданӣ[22], сатҳи пасти хароҷотбарории барқарорсозӣ ва дастгирии нокифояи давлат монеъ мешавад.

Ҳангоми ҳалли масъала дар бораи иҷозат додани хусусигардонии системаи мутамаркази таъмини об аз рӯи эҷоди шароитҳои лозимии мусоид дар сатҳи қонунгузорӣ кор кардан зарур аст.

Тавоноӣ ва омодагӣ барои пардохтани ҳаққи хидматҳо оид ба таъмини об аз ҷониби истеъмолкунандагон низ беҳбудӣ мехоҳад, махсусан, бурдани кори дахлдор оид ба ҷалби сармоягузориҳои хусусӣ ба таъминоти об дар деҳот бо ҳадафи эҷод кардани корхонаҳои хурд дар маҳалҳо зарур аст.

Ба сифати пасти нақшаҳои стратегӣ, норасоии ҳайати салоҳиятдори кормандон ва афзалияти имтиёзнок дар соҳаи таъмини об таваҷҷӯҳ зоҳир додан зарур аст. Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби ҶТ, ки барои таҳия ва амалисозии сиёсат оид ба масъалаҳои таъмини об

---

[21] Тартиби гузаштани расмиёти идории вобаста ба амалисозии фаъолияти сохтмонӣ дар ҶТ – бо қарори Ҳукумати ҶТ №282 аз 6 май соли 2009 тасдиқ шудааст. Қоидаи пайвастшавӣ ба шабакаҳои муҳандисӣ ва вогузор кардани хадамоти коммуналӣ - қарорҳои Ҳукумати ҶТ №531 аз 1 октябри соли 2009 тасдиқ шудаанд.

[22] Қисми 3-уми моддаи 57-и Кодекси об.

салоҳиятдор аст, барои амалисозии пурраи салоҳиятҳои мазкур иқтидори кофӣ надорад.

Масъалаи дигар дастрасии тарафҳои манфиатдор ба иттилооти расмии оморӣ оид ба таъмини об ва санитария, ҳамчунин шаффофият ва систематизатсияи ҷамъоварии онҳо боқӣ мемонад.

Чӣ тавре таҳлили гузоришҳои расмии оморӣ ва нашрияҳо нишон медиҳад, дар ҷумҳурӣ сарчашмаи мушаххас ва ягонаи иттилооти расмӣ дар бораи масъалаҳои зер вуҷуд надорад:

- Таносуби истеъмоли об мутобиқи бахшҳо: обёрӣ; таъмини оби ошомиданӣ; саноат; истироҳат ва моҳидорӣ.
- Дастрасии аҳолӣ ба сарчашмаҳои таъмини оби ошомиданӣ ва корезӣ умуман дар ҷумҳурӣ ва дар ноҳияҳо.
- Таносуби дастрасии аҳолии шаҳрнишин ва деҳотнишин ба сарчашмаҳои таъмини оби ошомиданӣ ва корезӣ.
- Шумораи системаҳои таъмини оби ошомиданӣ ва таносуби дарсадии соҳибони онҳо дар байни бахши давлатӣ ва бахши хусусӣ.
- Шумораи лоиҳаҳои амалишаванда дар соҳаи таъмини оби ошомиданӣ, ҳиссаи давлат, сармоягузорони байналмилалӣ ва маҳаллӣ ва донорҳо;
- Таърифаҳо ба оби ошомиданӣ умуман дар ҷумҳурӣ ва дар ноҳияҳо, ҳамчунин ҳама гуна иттилооти дигари мавҷуда, ки бо таъмини оби ошомиданӣ алоқаманд аст.

Таҳлили сарчашмаҳои гуногун нишон медиҳад, ки ҳамон як иттилооти оморӣ аз сол ба сол, бе таҷдид шудан, дар барномаҳо, консепсияҳо, нашрияҳо, гузоришҳо ва ғ. такрор мешаванд.

Ҳарчанд болоравии кам дар маблағгузории зербахши таъмини об ва санитария дар муқоиса бо соли 2007 мушоҳида мешавад, имкониятҳои маблағгузории донорҳо дар замони ҳозир хеле маҳдуданд ва донорҳои асосӣ алтернативаҳо барои кафолати устувории қарорҳои худро баррасӣ менамоянд. ***Хулосаҳои асосии ин таҳқиқ дар бораи эҳтиёткории донорҳо дар робита бо маблаггузории таъмини оби деҳот шаҳодат медиҳанд. Чунин тамоюл метавонад то он замоне давом ёбад, ки масъалаҳои асосӣ дар атрофи устувории иншоотҳои таъмини об ҳал нашаванд, ҳамчунин то он замоне, ки шароитҳои бештар мусоид барои рушди зерсохтор эҷод нашаванд. Ин маънои онро дорад, ки имкониятҳои ба даст овардани дастгирии молиявӣ аз донорҳои байналмилалӣ барои барномаҳо оид ба об ва санитария хеле маҳдуданд.***

## 3. ЧОРЧӮБАИ ТАЪМИНИ ОБИ ОШОМИДАНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Қонунгузории Тоҷикистон дар бораи об ба сарқонуни кишвар асос ёфтааст ва аз Кодекси Об, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дигари ҶТ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ иборат аст, ки аз ҷониби ҶТ эътироф шудаанд[23].

Қонунҳои асосии миллӣ, ки паҳлӯҳои гуногуни муносибатҳои обро ба танзим медароранд, инҳоянд:

- Сарқонуни ҶТ, ки 6 ноябри соли 1994 қабул шудааст (иловаҳо пас аз раъйпурсии таърихи 22 июни соли 2003 ворид шудаанд);
- Кодекси оби ҶТ, ки 10 ноябри соли 2000 қабул шудааст (иловаҳо дар солҳои 2006, 2008 ва 2009 ворид шудаанд;
- Қонуни ҶТ "Дар бораи ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об", ки 21 ноябри соли 2006 қабул шудааст ва ғ.

Мутобиқи сарқонуни ҶТ об ба давлат тааллуқ дорад ва давлат истифодаи муассири онро ба манфиати одамон кафолат медиҳад[24].

Кодекси об муносибатҳои иқтисодиро дар соҳаи истифода ва ҳифзи захираҳои об, таъмин намудани асосҳои ҳуқуқии дастгирӣ ва рушди истифодаи об ва ҳифзи захираҳои об, муайян кардани принсипҳо, самтҳои асосии истифода ва ҳифзи захираҳои обро ба танзим медарорад. ***Мутобиқи Кодекси об, системаҳои таъмини оби ошомидании мавҷуда хусусӣ карда намешаванд***[25].

Қонуни ҶТ "Дар бораи ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об" асосҳои ҳуқуқии ташкил, фаъолият ва идоракунии ассотсиатсияҳои истифодабарандагони обро ҳамчун созмонҳои ғайритиҷоратӣ барои амалиёт ва таъмини нигоҳдошти системаҳои обёрӣ ба танзим медарорад.

Принсипҳои асосии фаъолияти Ассотсиатсияҳо дар соҳаи таъмини об инҳоянд:

- ҷалби аъзоёни ассотсиатсияҳо барои иштироки онҳо дар кори идоракунӣ, таъмир ва бозсозии иншооти обёрӣ;
- кафолати тақсимоти дуруст ва баробарҳуқуқи об, дар навбати аввал, байни аъзоёни ассотсиатсияҳо ва истифодабарандагони дигари об;
- таъмини истифодаи оқилона ва муассири об бо мақсади сарфакорӣ ва пешгирии ифлосшавӣ, ботлоқшавӣ ва шӯршавии заминҳо ва ғ.

Мафҳуми "Ассотсиатсияи истифодабарандагони об"-ро Қонун ҳамчун "***созмони ғайритиҷоратии эҳтиёҷмандӣ аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ, ки дорои ҳуқуқи истифодаи заминҳо барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мебошад***" таъриф мешавад.

[23] Моддаи 3-уми Кодекси Оби ҶТ.
[24] Моддаи 13-уми Сарқонуни ҶТ.
[25] Қисми 3-уми Моддаи 57-и Кодекси оби ҶТ.

***Бо вуҷуди он, ки Сарқонуни ҶТ ҳуқуқи ҳар як нафарро[26] дар муттаҳид шудан[27] ба ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об ва ба иштирок дар таъсис додани иттиҳодияҳои ҷамъиятии[28] навъи ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об, кафолат медиҳад, меъёрҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об» ба истифодабарандагони оби ошомиданӣ (ҳам шаҳрвандон, ҳам шахсони ҳуқуқӣ) татбиқ карда намешавад.***

Яке аз санадҳои меъёриву ҳуқуқии ҶТ, ки масъалаҳои таъмини оби ошомиданиро ба танзим медарорад, Қонуни ҶТ "Дар бораи монополияҳои табиӣ" мебошад. Мутобиқи ин Қонун хадамоти системаи хоҷагии об ва (ё) корезӣ соҳаи фаъолияти монополияҳои табиӣ мебошанд[29]. Субъекти монополияи табиӣ субъекти хоҷагидоре (шахси ҳуқуқие) мебошад, ки ба иҷрои корҳо ва (ё) расонидани хадамот ба истеъмрокунандагон оид ба таъмини оби ошомиданӣ машғул аст[30].

Яке аз санадҳои асосӣ ва муҳимтарини меъёриву ҳуқуқие, ки ба масъалаҳои танзимкунандаи таъмини оби ошомиданӣ ва корезӣ алоқаманд аст, Дастурамал дар бораи тартиби ҳамоҳангсозӣ ва додани иҷозатномаҳо барои истифодаи махсуси об аст, ки аз ҷониби Кумитаи давлатии ҳифзи муҳити зист ва хоҷагии ҷангали ҶТ дар таърихи 20 январи соли 2005 мебошад.

Дастурамал дар робита бо истифодаи об барои ҳамаи эҳтиёҷҳо ба кор бурда мешавад[31] ва муқаррар менамояд:

- тартиби мувофиқа кардани шароитҳои иҷозатнома барои истифодаи махсуси об (ИИМО) ва додани ИИМО аз ҷониби мақомоти махсуси салоҳиятдори давлатӣ оид ба танзими истифода ва ҳифзи об;
- таркиби санадҳоеро муайян менамояд, ки барои мувофиқа кардан ва ба даст овардани иҷозатнома заруранд;
- тартиби тағйир додан ва барҳам додани шароитҳои ИИОМ-ро дар ҳудуди ҶТ муайян менамояд;
- тартиби баррасии лоиҳаҳои сохтмони (бозсозии) муассисаҳо, иншоотҳо ва объектҳои дигарро новобаста аз шаклҳои моликият, ки ба ҳолати об таъсир мерасонанд.

Чӣ тавре таҳлили дастурамали мазкур нишон медиҳад, фаҳмидани он хеле мураккаб аст ва ба бознигариву такмил ниёз дорад. Пеш аз ҳама, ***ба таври дақиқ муайян кардани тартиби гирифтани иҷозатнома ба истифодаи махсуси об барои мақсадҳои дигар зарур аст.*** Дувум, ***кам кардани ҳаҷми иттилооти дархостшаванда аз ҳисоби иттилооти такроршаванда ва нодаркор зарур аст.*** Севум, ***дастурамали мазкур ба***

[26] Моддаи 17-и Сарқонуни ҶТ.
[27] Моддаи 28-уми Сарқонуни ҶТ.
[28] Ҳамон ҷо.
[29] Моддаи 5-уми Қонуни ҶТ «Дар бораи монополияҳои табиӣ».
[30] Ҳамон ҷо, моддаи 4.
[31] Барои эҳтиёҷоти таъмини оби ошомиданӣ, обёрӣ, моҳипарварӣ, корез, саноат, энергетика ва г.

***санадҳои меъёриву ҳуқуқие мухолиф аст, ки масъалаҳои гузаштани тартиботи маъмуриро дар робита бо амалисозии фаъолияти сохтмонӣ ба танзим медарорад[32].***

***Ғайр аз ин, мутобиқи тағйироти воридшуда ба моддаи 6-уми Кодекси оби ҶТ[33] тартиби барасмиятдарорӣ, бақайдгирӣ ва додани иҷозатномаҳо барои истифодаи махсуси об бояд аз ҷониби Ҳукумати ҶТ тасдиқ карда шавад, вале Феҳристи шаклҳои истифодаи махсуси об ва маҳдудиятҳои ҷамъоварии об аз сарчашмаҳои об бояд аз ҷониби мақомоти махсус салоҳиятдори давлатӣ оид ба танзими истифода ва ҳифзи об муқаррар карда шавад[34].***

Ғайр аз ин, қонунҳои бисёре вуҷуд доранд, ки масъалаҳо ва ҷиҳатҳои алоҳидаи проблемаҳои обро ба танзим медароранд. Ниг. Замимаи 1. Феҳристи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, ки масъалаҳои таъмини оби ошомиданӣ ва корезиро ба танзим меоранд.

Дар солҳои 2002-2009 Ҳукумати ҶТ якчанд санади меъёриву ҳуқуқии ҶТ, ки масъалаҳои алоқаманд бо раванди таъмини оби ошомиданиро ба танзим медарорад, тасдиқ намуд, аз ҷумла:

- Консепсия оид ба истифода ва ҳифзи оқилонаи захираҳои об дар ҶТ[35],
- Кадастри давлатии об[36],
- Консепсияи рушди соҳаҳои маҷмӯи сӯзишворӣ-энергетикии ҶТ барои солҳои 2003-2015[37],
- “Тартиби ҳавасмандсозии истифодабарандагони об, ки чорабиниҳои барои ҷамъият муфидро оид ба истифода ва ҳифзи оқилонаи об амалӣ мекунанд”[38],
- “Тартиби барасмиятдарорӣ, бақайдгирӣ ва додани иҷозатномаҳо барои истифодаи махсуси об” [39],
- “Қоидаҳои истифодаи объектҳои об барои эҳтиёҷоти гидроэнергетика”[40],
- Барномаи рушди иқтисодии ҶТ барои давраи то соли 2015[41],
- Барномаи вазифаҳои аввалиндараҷа оид ба такмил додани шароитҳои мелиоратсияи заминҳои обёришавандӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2005-2009[42],
- Консепсияи гузариши ҶТ ба рушди устувор[43],

[32] Қарори Ҳукумати ҶТ таҳти рақами 282 аз 6 майи соли 2009 ва таҳти рақами 531 аз 1 октябри соли 2009.
[33] Қонуни ҶТ аз 20 марти соли 2008, №381.
[34] Қисми 2-уми моддаи 23 Кодекси оби ҶТ.
[35] Аз 1 декабри соли 2001 таҳти рақами 551
[36] 30 апрели соли 2002 таҳти рақами 193
[37] Аз 3 августи соли 2002 таҳти рақами 318
[38] Қарори Ҳукумати ҶТ 31 августи соли 2002 таҳти рақами 349
[39] Қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 декабри соли 2002, №485.
[40] Қарори Ҳукумати ҶТ аз 4 марти соли 2003, №95.
[41] Аз 1 марти соли 2004 таҳти рақами 86
[42] Аз 2 июли соли 2005 таҳти рақами 236

- Барномаи амнияти озуқаворӣи ҶТ барои давраи то соли 2015[44],
- Барномаи давлатии муҳити зисти ҶТ барои солҳои 2009-2019[45],
- Барномаи барқарорсозии хатҳои фишории обгузари истгоҳҳои обкашии Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби ҶТ[46],
- Тартиби гузаштан аз тартиботи маъмурие, ки бо амалисозии фаъолияти сохтмонӣ дар ҶТ алоқаманд аст[47],
- Қоидаҳои пайваст шудан ба шабакаҳои муҳандисӣ ва пешниҳод кардани хадамоти коммуналӣ[48],
- Нақшаи миёнамуддати амлисозии Консепсияи ҳифзи муҳити зист дар ҶТ барои солҳои 2010-2012[49],
- Консепсияиислоҳоти хоҷагии манзилию коммуналӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи 2010-2025[50] ва ғ.

Ғайр аз қонунҳо, қарорҳои Ҳукумати ҶТ, санадҳои меъёриву ҳуқуқии идоравӣ низ вуҷуд доранд, ки масъалаҳои мушаххаси алоқаманд бо таъмини обро ба танзим меоранд, мисли:

- Меъёрҳо ва қоидаҳои сохтмон барои таъмини обу корез[51];
- Қоидаҳо ва меъёрҳои санитарии 2.1.4.004-07 Оби ошомиданӣ. Талаботи гигиенӣ ба сифати оби системаҳои мутамаркази таъмини оби ошомиданӣ. Назорати сифат. Бо фармони Вазорати тандурустии ҶТ аз 28 феврали соли 2007 таҳти рақами 73-А тасдиқ шудааст. Дар Вазорати адлияи ҶТ дар таърихи 1 марти соли 2007 таҳти рақами 245 ба қайд гирифта шудааст;
- Қоидаҳо ва меъёрҳои санитарии 2.1.4.005.-07 Талабот ба сифати оби таъмини мутамаркази об. Ҳифзи санитарии сарчашмаҳо. Бо фармони Вазорати тандурустии ҶТ аз 28 феврали соли 2007 таҳти рақами 73-А тасдиқ шудааст. Дар Вазорати адлияи ҶТ дар таърихи 1 марти соли 2007 таҳти рақами 245 ба қайд гирифта шудааст;
- Қоидаҳо ва меъёрҳои санитарии 2.1.4.006-07 Минтақаҳои ҳифзи санитарии сарчашмаҳои таъмини об ва хатҳои обгузари дорои таъйиноти хоҷагиву ошомиданӣ. Бо фармони Вазорати тандурустии ҶТ аз 28 феврали соли 2007 таҳти рақами 73-А тасдиқ шудааст. Дар Вазорати адлияи ҶТ дар таърихи 1 марти соли 2007 таҳти рақами 245 ба қайд гирифта шудааст;

[43] Аз 1 октябри соли 2007 таҳти рақами 500
[44] Қарори Ҳукумати ҶТ аз 2 феврали соли 2009 таҳти рақами 72
[45] Аз 27 феврали соли 2009 таҳти рақами 123
[46] Аз 29 апрели соли 2009 таҳти рақами 235
[47] Аз 6 майи соли 2009 таҳти рақами 282
[48] Аз 1 октябри соли 2009 таҳти рақами 531
[49] Аз 27 феврали соли 2010 таҳти рақами 94
[50] Аз 1 июли соли 2010, №321.
[51] Баъзе аз онҳо (меъёрҳо ва қоидаҳои сохтмон) аз замони ИҶШС дубора баррасӣ шудаанд. Санадҳои асосӣ оид ба масъалаи мазкур то ҳол амал мекунад. То моҳи июли соли 2010 вазъият норавшан боқӣ мемонад ва нусхаҳои таҷдидшудаи санадҳоро на ҳамаи мутахассисон дар ихтиёр доранд, ки дар робита бо дастрасӣ ба ин маълумот, ҳамчунин татбиқи амалии онҳо дар маҳал, монеае мебошад.

Матритсаи қонунҳои асосӣ, санадҳои дигари меъёриву ҳуқуқӣ, консепсияҳо ва барномаҳо оид ба масъалаҳои об дар замимаи 2 оварда шудаанд.

# 4. ТАЪМИНИ ОБ ВА КОРЕЗӢ ДАР ДЕҲОТ

## *4.1 Созмонҳои давлатӣ, ки бахши обро танзим мекунанд*

Истифода ба ҳифзи захираҳои об ба маҷмӯи принсипҳои ҳавзавӣ, ҳудудӣ ва маъмуриву ҳудудии идоракунӣ асос ёфтааст, ки Ҳукумати ҶТ, мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ҳамчунин мақомоти махсуси салоҳиятдори давлатӣ татбиқ менамоянд, ки бо масъалаҳои танзими истифода ва ҳифзи захираҳои об машғуланд[52].

Мутобиқи Ҷадвали 1, аз нуқтаи назари қонунгузорӣ чаҳор мақоми махсуси салоҳиятдори давлатӣ, ки бевосита бо масъалаҳои танзими истифода ва ҳифзи захираҳои об машғуланд, муайян шудааст.

**Ҷадвали 1. Мақомоти махсуси салоҳиятдори давлатӣ оид ба ҳифз ва танзими истифодаи захираҳои об**




---

52 Гузориши миллии ҶТ дар соли 2006 дар чаҳорчӯбаи дастгирии UNEP доир ба амалисозии нақшаи Йоҳаннесбург «Идоракунии якҷояи захираҳои об ва баланд бардоштани натиҷадории истифодаи об то соли 2005», бо расонидани кӯмак ба кишварҳои рӯ ба инкишоф.

| | | | |
|---|---|---|---|
| • Ташаккул, истифода ва ҳифзи захираҳои об; | чорабиниҳое, ки ба ҳифз намудани хусусиятҳои об нигаронида шудаанд;<br>• Муқаррар намудани меъёрҳои махсуси истифодаи об | | а ва системаҳои омодакунии об (дар шаҳрҳои таъйиноти ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ);<br>• Гардиши таъмини об. |

- Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби ҶТ[53] - мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия дар соҳаи захираҳои об ва мелиоратсияи замин мебошад, ки вазифаи таҳияи сиёсати ягонаи давлати ва танзими меъёриву ҳуқуқиро дар соҳаи мелиоратсияи заминҳои обёришаванда, амалиёт ва нигоҳдошти иншоотҳои хоҷагии об, ташаккул, истифода ва ҳифзи захираҳои об, сохтмон, таъмини об дар деҳот ва обёрии чарогоҳҳоро амалӣ менамояд[54].
- Кумитаи ҳифзи муҳити зист дар назди Ҳукумати ҶТ – мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи ҶТ аст, ки дар бурдани сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, хоҷагии ҷангал, ҳудудҳои махсуси ҳимояшавандаи табиӣ, гидрометеорология, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ иштирок мекунад ва назорати давлатии ҳифзи муҳити зист ва истифодаи табиатро амалӣ менамояд[55].
- Раёсати асосии геологияи назди Ҳукумати ҶТ – мақоми марказии ҳокимияти иҷроия мебошад, ки сиёсати давлатиро пеш мебарад ва идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии корҳоро дар соҳаи таҳқиқи геологии қаъри замин, истифодаи оқилона, бозистеҳсоли захираҳои минераливу ашёӣ, ҳамчунин иттилооти давлатии геологӣ дар бораи қаъри замини ҶТ амалӣ менамояд[56].
- Сарраёсати назорати давлатӣ барои ба таври бехатар бурдани корҳо дар саноат ва назорати корҳои маъданканӣ дар назди Ҳукумати ҶТ – мақоми марказии махсуси салоҳиятдори ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки вазифаи қабули санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, назорат аз рӯи риояи қонунгузорӣ дар соҳаи амнияти саноатӣ, истифода ва ҳифзи оқилонаи канданиҳои зеризаминӣ, гардиши моддаҳои таркандаи дорои таъйиноти шаҳрвандӣ, ҳамчунин

---

[53] Сохтор ва тарҳи идоракунии Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби ҶТ ниг. дар Замимаи 3.
[54] Низомномаи Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби ҶТ аз 28 декабри соли 2006, № 595.
[55] Низомномаи Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати ҶТ аз 24 апрели соли 2008, № 189.
[56] Низомномаи Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати ҶТ аз 28 декабри соли 2006, №617.

назорат аз рӯи таҳқиқи геологии канданиҳои зеризаминиро амалӣ менамояд[57].

**Ҷадвали 2: Созмонҳои асосие, ки ба идоракунии захираҳои об дар Тоҷикистон ҷалб шудаанд**




[57] Низомномаи Раёсати асосӣ оид ба назорати давлатӣ аз рӯи ба таври бехатар бурдани корҳо дар саноат ва назорати маъдани кӯҳӣ дар назди Ҳукумати ҶТ аз 28 декабри соли 2006 таҳти рақами 618.

[58] ТОД соли 1984 таъсис дода шудааст ва дар замони шӯравӣ бевосита ба Ҳукумати Тоҷикистон итоат мекард. Дар соли 1997 дубора сохторбандӣ шуд ва ба як қисми ВМЗО табдил ёфт. ТОД сохтмон, амалиёт ва хидматрасонии системаҳои таъмини обро, ки дар тавозуни худ қарор дорад (ба таври потенсиалӣ дорои имконияти расонидани чунин намуди хадамот ба созмонҳои дигар бар асоси шартномаро дорад) ва обёрии чарогоҳҳо дар ноҳияҳои деҳотро амалӣ менамояд. ТОД дар Исфара, Истаравшан, Мастчоҳ, Б.Ғафуров, Спитамен (вилояти Суғд), Ҳисор, Рӯдакӣ ва Варзоб (НТМ); дар ҳамаи ноҳияҳо, ба истиснои Ховалинг, Шӯрообод, Мӯминобод, Ҳамадонӣ (вилояти Хатлон) созмони амалиётӣ мебошад. То моҳи июли соли 2010 ТОД то ҳол ҳузури худро дар ВАБК надорад.

[59] ХМК як қисми Вазорати сохтмони манзил буд ва пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ дубора сохторбандӣ шуд. ХМК – муассисаи воҳиди давлатӣ буда, фаъолияти худро бар асоси худмаблағгузорӣ, вале бо назорати давлат аз рӯи мавқеъҳо ва таъйиноти асосӣ, амалӣ менамояд. Агар сухан дар бораи минтақаҳои деҳот равад, ХМК танҳо дар марказҳои ноҳияҳо фаъолият мекунад. ХМК дар 55 шаҳру ноҳияҳо, ба истиснои даҳ шаҳру ноҳияе, ки дар он масъулияти расонидани хадамоти таъмини об ва корезӣ бар дӯши муниципалитетҳо вогузошта шудааст, ҳузур дорад.

[60] Душанбе, Хуҷанд, Чкаловск, Қайроқум, Спитамен, Файзобод, Сарбанд, Ҷиликӯл, Норак ва Роғун.

| | | | |
|---|---|---|---|
| истифодаи захираҳои об;<br>• **Раёсати асосии геология:** назорат аз рӯи обҳои зеризаминӣ;<br>• **Назорати давлатии шаҳрии техникӣ:** истифодаи обҳои табобатӣ, минералӣ, гарм ва ширинс;<br>• **Вазорати молия** – банақшагирии буҷет ва тақсимоти захираҳо<br>• **ВМ:** тасдиқи маводҳои таълимии «ИОК» ва «ОЗ» барои мактабҳо, коллеҷҳо ва ғ.<br>• **АСА:** Додани литсензия барои фаъолиятҳои сохтмонӣ ва меъморӣ<br>• **Тоҷикстандарт:** стандартизатсия, шаҳодатнома барои молҳо | дар деҳот;<br>• Обёрии — чарогоҳо;<br>• Сохтмон ва бозсозӣ, хидматрасонии техникии системаҳои таъмини об, асосан дар он ҷое, ки хатҳои шохроҳии обгузар мавҷуданд | • Хадамоти коммуналӣ, аз ҷумла:<br>• Таъмини об;<br>• Корез – амалиёт ва хидматрасонии техникӣ дар шаҳрҳо ва марказҳои ноҳияҳо ва дар деҳотҷой | шаҳр<br>• Сохтмон;<br>• Бозсозӣ;<br>• Хидматрасонии техникии системаҳои таъмини об ва шабакаҳои асосии хатҳои обгузар |

**Дар сатҳи ҷамоат**
**Созмонҳои ҷамъиятӣ / соҳибкорон (операторҳои хусусӣ) дар маҳалҳо**
(таъминкунандагони оби ошомиданӣ), ки системаҳои таъмини обро дар ихтиёр доранд

Салоҳияти мақомоти махсуси давлатии дар боло номбаршуда оид ба танзими истифода ва ҳифзи об бо Низомнома дар бораи муайянсозии ваколатҳои мақомоти махсуси салоҳиятдори давлатӣ оид ба танзими истифода ва ҳифзи об муайян шудааст[61].

Баробари муассисаҳои дар боло қайдшуда, сохторҳои зерин низ мавҷуданд, ки ба ин ё он дараҷа (бар асоси самти мушаххаси ваколатҳои ба онҳо додашуда) масъалаҳои марбут ба таъмини аҳолӣ бо оби ошомиданиро ҳал мекунанд:

- Шӯрои машваратӣ оид ба такмил додани муҳити сармоягузорӣ дар назди Президенти ҶТ[62] – мақомоти машваратист дар назди Президенти ҶТ, таҳия, омода кардани тавсияҳову пешниҳодҳоро ба Президент ва Ҳукумати ҶТ ва мақомоти дигари давлатӣ оид ба масъалаҳои беҳбуд бахшидан ба муҳити соҳибкорӣ ва иқлими сармоягузорӣ дар ҶТ, ки барои суръат додан ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар зарур аст, таъмин менамояд;
- Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ ҳамоҳангсозӣ дар соҳаи банақшагирӣ ва пешгӯии истифода ва ҳифзи оқилонаи захираҳои обро амалӣ менамояд;
- Вазорати тандурустӣ ва а) Хадамоти давлатии назорати санитарӣ-эпидемиологии Вазорати тандурустии ҶТ (ХСЭ) ҳолати санитарӣ-эпидемиологии аҳолиро бо кафолат додани ҳуқуқи шаҳрвандон ба муҳити мусоиди атроф, оби ошомиданӣ, назорат аз рӯи сифати обе, ки дар таъминоти мутамарказ ва ғайримутамарказ, аз ҷумла б) Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим (МҶТТҲС), масъули пешгирии сирояти бемориҳо (аз ҷумла, бемориҳое, ки тавассути об сироят мешаванд) тавассути фаъолияти баланд бардоштани воқифияти ҷомеа, додани омӯзиш ба ҳайати кормандони тиббӣ оид ба масъалаҳои тандурустӣ, таъмин менамояд;
- Вазорати маориф донишҳои махсус, маводҳои дорои хусусияти иттилоотӣ-таълимӣ ва коммуникатсиониро (ИТК) дастрас менамояд ва маводҳои таълимиро барои нақшаҳои таълимии мактабҳо, коллеҷҳо, донишгоҳҳо, масалан, оид ба сиҳатии ҷамъият, ё тарзи ҳаёти солим, тасдиқ менамояд;
- Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идоракунии амволи давлатии ҶТ ҳамчун мақоми марказии ҳокимияти давлатӣ сиёсати давлатӣ ва танзими меъёриву ҳуқуқиро дар соҳаи сармоягузорӣ татбиқ менамояд,

[61] Низомнома бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 4 феврали соли 2002 таҳти рақами 39 тасдиқ шудааст.
[62] Шӯрои машваратӣ мутобиқи Фармони Президенти ҶТ аз 19 декабри соли 2007 таҳти рақами 356 таъсис дода шудааст.

моликияти давлатиро идора мекунад, раванди хусусигардонии моликияти давлатиро, аз ҷумла, дар соҳаи таъмини оби нӯшокӣ, роҳбарӣ ва амалӣ менамояд;

- Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезияи ҶТ – дар интихоби қитъаи замин барои сохтмон иштирок мекунад, кори заминсозиро бар асоси шартнома бо фармоишгар таҳия менамояд, бар асоси қарори раиси ноҳия (шаҳр) дар бораи додани қитъаи замин ҷиҳати сохтмони иншоотҳои таъмини об барои Шаҳодатнома барои ҳуқуқи истифодаи замин медиҳад, кадастри давлатии заминро пеш мебарад;
- Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати ҶТ – меъёрҳо ва қоидаҳои танзимкунандаи масъалаҳои лоиҳакашӣ, ҳамоҳангсозӣ, коршиносӣ, тасдиқи санадҳои лоиҳавӣ барои сохтмон, қабули иншоот барои истифодабариро таҳия ва тасдиқ менамояд, коршиносии ғайриидоравиро пеш мебарад, санадҳои лоиҳавиро ҳамоҳанг ва тасдиқ менамояд, барои сохтмон иҷозатнома медиҳад, назоратро аз рӯи сохтмон амалӣ мекунад, дар қабули иншоотҳои таъмини оби ошомиданиро барои истифода амалӣ менамояд;
- Хадамоти зиддиинҳисорӣ дар назди Ҳукумати ҶТ (ХЗИ) – тавсияҳои методиро барои муайян кардани нархҳо (таърифаҳо) ё сатҳи ниҳоии онҳоро барои таъмини оби ошомиданӣ, низомнома дар бораи тартиби танзими нархҳо барои хадамот (аз ҷумла, оид ба таъмини оби ошомиданӣ) таҳия ва тасдиқ менамояд, таърифаҳои хадамоти пардохтшавандаро оид ба таъмини оби ошомиданӣ ҳамоҳанг мекунад;
- Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва бозрасии савдо – ташкил ва бурдани корҳои сертификатсияҳои маҳсулот, татбиқи назорати давлатӣ аз рӯи иҷрои талаботҳои стандартҳо, муқаррароти техникӣ, таъмини ягонагии андозагириҳо ва назорат аз рӯи риояи қоидаҳои сертификатсияи ҳатмӣ дар ҶТ бо мақсади таъмин намудани бехатарии ҳаёт, тандурустӣ ва моликияти шаҳрвандон, ҳифзи муҳити зист, қоидаҳои тиҷорат, тағйирпазирии муштарак ва рақобатпазирии маҳсулот, ягонагии методҳои назорат ва тамғазанӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, пеш бурдани назорати давлатии метрологӣ дар соҳаи воситаҳои андозагирӣ ва ғ.;
- ҶСШК "Барқи Тоҷик" - барои таҳияи санадҳои лоиҳавӣ барои сохтмон шароитҳои техникӣ медиҳад, шабакаҳои таъмини обро ба шабакаҳои барқӣ пайваст менамояд, таъмини бетанаффуси барқии иншоотҳои таъмини обро таъмин мекунад;
- Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (бо сардории Раисони вилоятҳо, шаҳрҳову ноҳияҳо), ки яке аз иҷрокунандагони асосӣ дар соҳаи таъмини об ва корезӣ дар деҳот ба шумор меравcovered. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз ваколатҳои зерин бархурдоранд[63]:

[63] Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» аз 17 майи соли 2004 таҳти рақами 28

а) муассисаҳои системаҳои таъмини оби ошомиданӣ ва корезиро таъсис ва барҳам медиҳанд;

б) системаҳои таъмини обро, ки дар моликияти коммуналӣ қарор доранд, идора мекунанд;

в) назоратро аз рӯи истифодаи захираҳои об, сохтмон ва бозсозии иншоотҳои об, ки бар моликияти мувофиқи коммуналӣ асос ёфтаанд, таъмин менамоянд;

ғ) муносибатҳои дигарро, ки бо истифодаи захираҳои об алоқаманданд, танзим мекунад ва иҷрои Сарқонун, қонунҳо ва санадҳои дигари меъёриву ҳуқуқии ҶТ-ро, ки масъалаҳои таъмини оби ошомиданӣ ва корезиро танзим мекунад, таъмин менамояд.

- Мақомоти худидории шаҳракҳо ва деҳаҳо (ҷамоатҳо), ки ваколатҳои асосии онҳо дар соҳаи таъмини оби ошомиданӣ чунинанд[64]:

а) нигоҳдорӣ ва такмилдиҳии сарчашмаҳои таъмини об;

б) ташкили назорати вазъи санитарии сарчашмаҳои таъмини об.

### *4.2 Муносибатҳои давлатӣ дар мавриди моликият ва устувории системаи таъмини оби ошомиданӣ ва корез*

Мутобиқи Кодекси оби ҶТ (моддаҳои 53 ва 54) таъмини оби бехатари ошомиданӣ бояд ба воситаи системаҳои мутамарказ ва ғайримутамаркази таъмини об амалӣ гардад. ***Сифати об*** дар системаҳои мутамарказ ва ғайримутамаркази таъмини об ***бояд ба талаботҳои муқарраршудаи санитарӣ мувофиқ бошад*** (моддаи 53).

Ҳангоми истифодаи иншоотҳои об барои эҳтиёҷоти ошомиданӣ, рӯзмарра ва ниёзҳои дигари аҳолӣ, бо тартиби таъмини мутамаркази об, шахсони ҳуқуқӣ, дар идоракунии амалиётӣ ё моликият, ки дар ихтиёри онҳо хатҳои обгузари хоҷагиву ошомиданӣ қарор дорад, ҳуқуқ доранд обро аз сарчашмаҳои таъмини об мутобиқи иҷозатномаҳои додашуда барои истифодаи махсуси об гиранд ва ба истеъмолкунандагон расонанд. Дар ин маврид шахсони ҳуқуқӣ ӯҳдадоранд:

- Ҳамаи шароитҳои технологиро дар вақти додани оби ошомиданӣ иҷро кунанд;
- Оби ошомиданиеро таҳвил диҳанд, ки ба меъёрҳои муқарраршудаи сифат мутобиқ аст, миқдори оби ҷамъоваришударо ба қайд гиранд ва сифати обро дар ҷойҳои ҷамъоварии об ба таври мунтазам назорат кунанд;
- Реҷаи доимии таҳвили оби ошомиданиро барои эҳтиёҷоти аҳолӣ ва муассисаҳои саноати хӯрокворӣ таъмин намоянд;

[64] Қонуни ҶТ «Дар бораи мақомоти худидоракунандаи қасабаҳо ва деҳот» аз 5 августи соли 2009 тахти рақами 549.

- Реҷаи доимии таҳвили обро ба аҳолӣ вайрон накунанд, агар зарурат ба оби ошомиданӣ барои равандҳои технологии ташкилот вуҷуд надошта бошад;
- Муассисаҳои салоҳиятдори давлатиро дар бораи танзими ҳифз ва истифодаи об, муассисаҳои санитарӣ ва ҳокимияти иҷроияи маҳаллиро дар бораи тағйироти сифати об аз меъёрҳои муқарраршуда огоҳ кунанд.

Корхонаҳо, созмонҳо, муассисаҳо ва шаҳрвандон ҳангоми истифодаи иншоотҳои об барои ошомидан ва дигар ниёзҳои ҷамъиятӣ ва ниёзҳои дигари аҳолӣ бо тартиби таъмини ғайримутамарказ, ҳақ доранд, ки обро бевосита аз сарчашмаҳои рӯизаминӣ ё зеризаминӣ бо тартиби истифодаи умумӣ ва махсуси об гиранд. Истифодаи таҷҳизоти ҷамъоварии об, ки барои ин мақсад ҷудо мешаванд, бояд мутобиқи қоидаҳое сурат гирад, ки аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроӣ дар ҳудудҳое муқаррар шудаанд, ки онҳо ҷойгир шудаанд.

Мутобиқи қисми 3-уми моддаи 57-уми Кодекси об, ***системаҳои мутамарказ ва гайримутамарказии таъмии об наметавонанд хусусӣ карда шаванд***. Вале, ҳамин модда (қисми 1) баён мекунад, ки "***Системаҳои мутамарказ ва гайримутамаркази таъмини оби ошомиданӣ метавонанд моликияти*** шахсони ҷумҳуриявӣ, мунисипалӣ ё ***ҳуқуқӣ бошанд***". Ҳамзамон ***қонунбарор доираи шахсони ҳуқуқиро (шаклҳои ташкиливу ҳуқуқӣ)***, ки метавонанд моликияти системаи таъмини обро дошта бошанд, ***дақиқ муайян намекунад***. Ба эҳтимоли зиёд, ин меъёр асоси он шуд, ки дар солҳои охир баъзе шахсони хусусии ҳуқуқӣ системаҳои таъмини оби ошомиданиро аз ҳисоби маблағҳои худ сохта, ҳуқуқи соҳибият ба онҳоро ба ин васила ба даст овowarданд.

Ҳамчунин, то ин рӯз сарнавишти системаҳои таъмини об дар минтақаҳои деҳот, ки дар солҳои охир бо кӯмаки донорҳои байналмилалӣ ва созмонҳои хайриявӣ сохта шуда буданд, норавшан боқӣ мемонад. Сарчашмаҳои чунин системаҳо асосан чашмаҳое мебошанд, ки дар масофаи то 5000 метр аз деҳе ҷойгиранд, ки дар он система бунёд мешавад.

Бо мақсади нигоҳ доштани захираи оби ошомиданӣ, чун қоида, истифодаи обҳои зеризаминии дорои сифати ошомиданӣ барои эҳтиёҷоте, ки бо таъмини оби ошомиданӣ алоқаманд нест, рухсат дода намешавад. Вале дар ноҳияҳое, ки сарчашмаҳои зарурии оби рӯизаминӣ вуҷуд надоранд ва захираҳои кофии обҳои зеризаминии дорои сифати ошомиданӣ мавҷуданд, мақомоти махсуси салоҳиятдори давлатӣ оид ба танзим ва ҳифзи об истифодаи чунин обҳоро барои ҳадафҳое, ки бо таъмини оби ошомиданӣ ва рӯзмарра алоқаманд нестанд, метавонад иҷозат диҳад.

***Давлат ба шаҳрвандон таъмини оби ошомиданиро бар асоси доимӣ ва бетанаффус кафолат медиҳад*** тавассути:

1. Муқаррарсозии ӯҳдадориҳои мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, соҳибони системаҳо ва созмонҳо дар сурати аз кор баромадани системаҳои мутамарказ ва ғайримутамаркази таъмини оби ошомиданӣ:

   - қабули чораҳо оид ба таҳвили об аз сарчашмаҳои захиравӣ ва системаҳои таъмини оби ошомиданӣ;
   - истифода бурдани таркибҳои техникии софкории ҳаррӯза ва коллективии об;
   - таҳвил додани оби ошомиданӣ барои истифодаи умумӣ дар зарфҳо.

   Мутобиқи мантиқи Кодекси об мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва соҳибони дигари системаҳои таъмини оби ошомиданӣ бояд барои таъмини саривақтии оби ошомиданӣ масъулият бар дӯш гиранд. ***Вале чӣ тавре таҳлил нишон медиҳад, ягон қонун чунин масъулиятро пешбинӣ намекунад.***

2. Бар асоси ихтиёрӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таъсис додани созмонҳои ғайридавлатӣ (ҷамъиятӣ) оид ба таъмини муштараки об. Созмонҳои ғайридавлатӣ оид ба таъмини муштараки об барои баланд бардоштани устувории таъмини об барои як нуқтаи аҳолинишин ё гурӯҳҳои нуқтаҳои аҳолинишин бо иштироки ҳама ё як қисми аҳолӣ бо ҳадафи сохтмони шабакаи нав, бозсозии шабакаи мавҷудаи таъмини об, дар ҳолати коршоямӣ нигоҳ доштан, маблағгузорӣ ва фаъолияти шабакаҳои истифодаи умумӣ таъсис дода мешаванд.

   Мақомоти ҳокимияти давлатӣ ӯҳдадоранд, ки дастгириро барои таъсис додани чунин созмонҳои ғайридавлатӣ барои фаъолияти муштараки таъмини об таъмин намоянд.

Иншоотҳои об бо тартиби умумӣ ва бо тартиби махсуси истифодаи об дода мешаванд.

Истифодаи умумии об бе иҷозатнома амалӣ мешавад. Вале дар сурати истифодаи умумии об риояи талаботи мақомоти амаликунандаи назорати давлатии санитарӣ, қоидаҳои ҳифзи ҳаёти одамон барои об ва мақомоти махсуси салоҳиятдори давлатӣ оид ба танзими истифода ва ҳифзи об ҳатмист. Истифодаи умумии об бепул амалӣ карда мешавад.

Истифодаи махсуси об бар асоси иҷозтнома татбиқ мешавад, ки дода мешаванд аз ҷониби:

- Вазорати мелиоратсия ва захираҳои об – барои обёрӣ мутобиқи лимитҳои (маҳдудиятҳои) ҷудошуда;
- Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати ҶТ – барои истифодаи об аз иншоотҳои табиӣ;
- Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷамоатҳо, шаҳракҳо ва деҳаҳо – барои истифодаи обҳои зеризаминӣ, ки

барои таъмини мутамаркази об бо роҳи таҷҳизот дар ҳудуди деҳаҳо, шаҳракҳо ва шаҳрҳои чоҳҳои зеризаминӣ, чоҳҳои софкоришаванда, ҳамчунин лӯлакашии сарчашмаҳо, ки бе пасткунии маҷбурии сатҳи об кор мекунанд, истифода намешаванд[65].

Дар мавридҳои зарурӣ иҷозатнома барои истифодаи махсуси об бо мақомоти салоҳиятдори давлатӣ оид ба назорати санитарӣ, ҳамчунин бо идораҳои дигари манфиатдор ҳамоҳанг карда мешавад. Масъалаи ҳамоҳангсозии шароитҳои истифодам об, ҳамчунин масъалаи додани иҷозатнома бояд аз ҷониби мақомоти махсуси салоҳиятдор дар мӯҳлати ду ҳафта[66] баррасӣ карда шавад, ки ба зиёд кардани мӯҳлатҳои умумии марбут ба додани иҷозатнома барои истифодаи махсуси об бурда мерасонад.

Истифодаи махсуси об бар асоси пардохтӣ (пулакӣ) татбиқ мешавад, ки аз ҳамаи истифодабарандагони об новобаста аз мансубияти идоравӣ, шаҳрвандӣ, шаклҳои соҳибият ва шаклҳои хоҷагидорӣ ситонида мешавад:

- барои истифодаи захираҳои об дар доираи лимитҳои муқарраршуда (ғайр аз обёрии кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал;
- барои истифодаи беҳад ва ғайриоқилонаи захираҳои об;
- барои хадамоти марбут ба ҷамъоварӣ, ҳамлу нақл то ҳудуди истеъмолкунандагон, тақсимот ва софкории об;
- барои додани ҳуқуқҳои истифодаи захираҳои об бо мақсади обёрӣ;
- барои амалисозии фаъолиятҳои дигари хоҷагидорӣ (ғайр аз обёрии кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал);

Мутобиқи моддаи 39 Кодекси оби ҶТ иншоотҳои об барои истифодаи бемӯҳлат ё муваққатӣ дода мешаванд. Истифодаи бемӯҳлати (доимии) об бе муқаррарсозии пешакии мӯҳлат эътироф карда мешавад. Истифодаи муқаввитӣ метавонад кӯтоҳмуддат бошад – то се сол ва дарозмуддат – аз се то бисту панҷ сол. ***Қонунбарор кӯтоҳмуддатӣ ва дарозмуддатии истифодаи обро бо чӣ алоқаманд менамояд, норавшан аст***. Ҳангоми зарурат мӯҳлатҳои истифодаи обро метавон ба мӯҳлате дароз карда шаванд, ки аз мӯҳлатҳои нахустин беш нест. Истифодаи умумии об бо мӯҳлат маҳдуд карда намешавад. Иҷозатномаҳои доимӣ барои истифодаи махсуси об метавонанд барои истифодаи системаҳои муҳандисии об, ҳавзҳои об, системаҳои обёрӣ ва иншоотҳои дигари гидротехникӣ дода шаванд.

Лоиҳаи иҷозатнома барои истифодаи махсуси об бояд аз ҷониби мақомоти махсуси салоҳиятдори давлатӣ, ки барои танзими ҳифз ва истифодаи об таъйин шудааст, дар тӯли як моҳ дар сурати додани ҳамаи санадҳои зарурӣ, баррасӣ карда шавад.

---

[65] Қисми 1-уми моддаи 33 Кодекси оби ҶТ.
[66] Банди 1.6. Дастурамал дар бораи тартиби ҳамоҳангсозӣ ва додани иҷозатномаҳо барои истифодаи махсуси об.

Иҷозатнома барои истифодаи махсуси об мутобиқи қолаби тасдиқшуда дода мешавад. Иҷозатнома дар чаҳор нусха дода мешавад: якум барои мақомоти давлатӣ, ки иҷозатнома медиҳад; дувум – барои соҳиби системаи таъмини об; севум ва чаҳорум – вобаста аз мақсадҳои истифодаи об барои мақомоти махсуси салоҳиятдори давлатӣ, ки ба ҳифзу танзими истифодаи об таъйин шудаанд.

Ҳангоми ворид шудани ариза барои гирифтани иҷозатнома ҷиҳати истифодаи махсуси об одатан машваратҳои ҳамоҳангсозӣ бо мақомоти зерини давлатӣ баргузор ва ба қайд гирифта мешаванд:

- Мақомоти давлатии ХНСЭ;
- Мақомоти давлатии геология;
- Кумитаи назорати давлатӣ аз рӯи бехатарии кор дар саноат ва назорати корҳои маъданканӣ
- Мақомоти давлатӣ оид ба ҳифзи табиат;
- Мақомоти давлатӣ оид ба идоракунии захираҳои об;
- Соҳибони хатҳои обгузар ва шабакаҳои корезӣ;
- Мақомоти хадамоти байторӣ;
- Истифодабарандагони аввалияи об (дар ҳоле, ки иҷозатнома ба истифодаи алоҳида дода мешавад).

# 5. ТАМОЮЛИ РУШДИ ТАЪМИНИ ОБ ВА КОРЕЗ ДАР ДЕҲОТ ДАР ҶТ

## *5.1 Сохтмони системаҳои нав ва бозсозии системаи мавҷудаи таъмини об ва корез дар деҳот*

Дар ҷумҳурӣ ба сифати сарчашмаҳои таъмини оби ошомиданӣ ҳам обҳои рӯизаминӣ ва ҳам обҳои зеризаимӣ истифода мешаванд. "Баъзе сарчашмаҳои оби ошомиданӣ дар Қурғонтеппаи минтақаи вилоятҳои Хатлон ва Суғд ба обҳои дорои дуруштии баланд (15-22 мг. э/л ) ва минерализатсия (то 10 г/л ва бештар аз он)" [67] тааллуқ доранд.

Ҳангоми сохтмони шабакаи нав, бозсозии шабакаи мавҷудаи таъмини об, дар ҳолати коршоямӣ нигоҳ доштан, маблағгузорӣ ва фаъолияти шабакаи истифодаи умумӣ давлат дар симои ВМЗО ва мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дастгирии машваратӣ, техникӣ ва кӯмакҳои дигарро мерасонад ва ба ташаккули таъмини муштараки об ба созмонҳои ғайридавлатӣ мусоидат менамояд, ки барои баланд бардоштани устувории таъмини об ба як нуқтаи аҳолинишин ё гурӯҳи нуқтаҳои аҳолинишин бо иштироки ҳама ё як қисми аҳолӣ бо ҳадафи сохтмон таъсис ёфтаанд.

[67] Аз Барномаи такмили таъмини аҳолии ҶТ бо оби тозаи ошомиданӣ барои солҳои 2008-2020, к ибо қарори Ҳукумати ҶТ таҳти рақами 514 аз 2 декабри соли 2006 тасдиқ шудааст.

Ҳангоми мувофиқа кардани масъалаҳои ҷойгиркунии сохтмони корхонаҳо, иншоотҳо ва объектҳои дигар, ки ба ҳолати об таъсир мерасонанд, ҳамчунин ҳангоми додани иҷозатномаҳо барои истифодаи махсуси об, мақоми махсуси салоҳиятдори давлатӣ оид ба танзими истифода ва ҳифзи об[68] ӯҳдадор аст, ки тавассути схемаҳои маҷмӯии истифода ва ҳифзи об ва тавозунҳои хоҷагии об, ки манфиатҳои истифодабарандагони об ва талаботи ҳифзи муҳити зистро ба эътибор мегиранд, роҳнамоӣ шаванд.

Ҷойгиркунӣ, лоиҳакашӣ, сохтмон ва ба кор андохтани корхонаҳо, иншоотҳо ва объектҳои дигари нав ва бозсозишуда, ҳамчунин татбиқи равандҳои нави технологӣ, ки ба ҳолати об таъсир мерасонанд, бояд истифодаи оқилонаи обро бо риояи талаботи амнияти экологӣ ва ҳифзи сиҳатӣ, қонеъсозии аввалиндараҷаи эҳтиёҷоти нӯшиданӣ ва рӯзмарраи аҳолиро таъмин намояд.

Бо ин мақсад амалисозии масъалаҳои зерин бояд таъмин карда шавад:

- бақайдгирии оби аз иншоотҳои об гирифташаванда ва оби ба онҳо баргардонидашаванда;
- ҳифзи об ва хатҳои обгузар аз ифлосшавӣ,  пуршиавӣ аз таҳшинҳо ва фарсудашавӣ.
- пешгирии таъсири зиёновари об;
- маҳдудсозии обзеркунии заминҳо то андазаҳои ҳадди ақал имконпазир;
- ҳифзи заминҳо аз ҷамъшавии об, ботлоқшавӣ, зиёдшавии обҳои рӯизаминӣ, шӯршавӣ ва хушкшавӣ;
- эҷод кардани минтақаҳои ҳифзи об ва нигоҳдории шароитҳои мусоиди табиии манзараҳо.

Ҳангоми лоиҳакашӣ ва сохтмони корхонаҳо, иншоотҳо ва объектҳои дигаре, ки ба ҳолати об таъсир мерасонанд, вобаста аз шароитҳои табииву хоҷагӣ, бояд саривақт чорабиниҳое амалӣ карда шаванд, ки ҳифзи моҳиҳо, ҳайвоноту набототи дигари обӣ ва шароитҳо барои такрористеҳсоли онҳоро таъмин намоянд, ҳамчунин имкониятҳои истифодаи объектҳои об барои истироҳат ва варзиш ба эътибор гирифта шаванд.

Ҳангоми лоиҳакашӣ ва сохтмони иншоотҳои нав ё бозсозии иншоотҳои мавҷуда барои ҷамъоварии обҳои зеризаминӣ, тартиби фаъолияти чунин иншоотҳо бояд ифлосшавӣ ва фарсудашавии онҳоро бартараф намояд.

Муайян кардани ҷойи сохтмони корхонаҳо, иншоотҳо ва объектҳои дигаре, ки ба ҳолати об таъсир мерасонанд, бо мақомоти махсуси салоҳиятдори далватӣ оид ба танзими истифода ва ҳифзи оби мақомоти

[68] Мақомоти махсуси салоҳиятдор – ВМЗО, КҲМЗ, Назорати давлатии шаҳрии техникӣ, Раёсати иасосии геология – ниг. Ҷадвали 1. Ҳар яке аз онҳо, ҳамчунин намояндагони онҳо дар маҳалҳо (вобаста аз мураккабии иншоот ва сарчашмаи об), ҳамчунин мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба додани иҷозатнома барои истифодаи махсуси об равона карда шудаанд.

ҳокимияти маҳаллӣ дар маҳалҳо, мақомоте, ки назорати санитарии давлатиро татбиқ менамоянд ва мақомоти дигар мутобиқи қонунгузорӣ ҳамоҳанг карда шавад.

Лоиҳаҳои сохтмони корхонаҳо, иншоотҳо ва объектҳои дигар бо мақомоти махсуси салоҳиятдори давлатӣ оид ба танзими истифода ва ҳифзи об ва мақомоти дигар мутобиқи сурат ва тартиби муқарраршудаи қонунгузории ҶТ ҳамоҳанг карда мешаванд.

Сохтмони корхонаҳо, иншоотҳо ва объектҳои дигаре, ки ба ҳолати об таъсир мерасонанд, танҳо дар сурати мавҷудияти хулосаи мусбати коршиносии экологии давлатӣ иҷозат дода мешавад.

Ба истифода додан мамнӯъ аст:

- объектҳои истифодабарандагони об, ки барои истифодаи махсуси об иҷозатнома ва хулосаи коршиносии экологии давлатӣ надоранд;
- корхонаҳо, сехҳо (коргоҳҳо), агрегатҳо, объектҳои коммуналии нав ва бозсозишуда ва объектҳои дигар, ки бо таҷҳизоти пешгирикунандаи ифлосшавии об ё таъсири зиёновари он таъмин нашудаанд;
- системаҳои обёрӣ, обанборҳо ва каналҳо то замони гузаронидани фаъолиятҳои пешгирикунандаи обхезӣ, ботлоқзоршавӣ, шӯршавӣ ва шусташавии хок, ки аз тарафи лоиҳа пешбинӣ шудаанд;
- системаҳои захбур то омодагии зарфҳои ҷамъоварии об ва иншоотҳои дигар мутобиқи лоиҳаҳои тасдиқшуда;
- иншоотҳои хоҷагии об, ки дар лоиҳаҳои онҳо ҷуброни талафоти ба захираҳои моҳиҳо, ҳайвоноту набототи дигари обӣ расонидашаванда пешбинӣ нашудааст;
- чоҳҳои пармашудаи об бе ҷиҳозонидани дастгоҳҳо ва асбобҳои танзимкунандаи об, дар мавридҳои мувофиқ, минтақаҳои ҳифзи синатарӣ.

Пур кардани обанборҳо то татбиқи фаъолиятҳои пешбинишудаи лоиҳавӣ оид ба омодасозии ҳавз мамнӯъ аст.

Лоиҳаҳои сохтмони пулҳо, гузаргоҳҳо ва коммуникатсияҳои дигари нақлиётӣ ба воситаи иншоотҳои об бояд шароитҳоеро пешбинӣ намоянд, ки гузаштани обҳои партов, риояи тартиби фаъолияти объектҳои об, ҳифзи моҳиҳо ва ҳайвоноти дигари обӣ, пешгирии ифлосшавӣ ва олудашавии об, таъсироти дигари зиёноварро таъмин намоянд.

**Ҷадвали 3. Тартиби гузаштани раванди марбут ба амалисозии сохтмони объектҳои таъмини об ва санитария[69]**

| ТАРТИБОТ | ИДОРАҲОИ ДАХЛДОР | ТАВЗЕҲОТ |
|---|---|---|
| Интихоб ва ҷудо кардани қитъаи замин[70] | Раиси ноҳия/шаҳр, Комиссия, Кумитаи давлатии заминсозӣ | Раванди интихоб ва ҷудо кардани қитъаи заминро қонунгузории замин танзим мекунад |
| Гирифтани вазифаи меъморӣ-лоиҳакашӣ (ВМЛ) ва ШТ (шароити техникӣ)[71] | Меъмори ноҳия/шаҳр, хадамоти техникӣ | ШТ-ро дар хадамоти техникӣ ба воситаи меъмор мутобиқи принсипи “як дарича” метавон ба даст овард |
| Омодасозии ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ (ҲЛ) | Лоиҳакаш, созмони лоиҳакаш (СЛ) | ҲЛ бар асоси шартномавӣ бо лоиҳакаш ё СЛ, ки литсензия дорад, омода карда мешавад |
| Мувофиқасозӣ ва тасдиқи ҲЛ | Меъмори ноҳия/шаҳр | ҲЛ танҳо бо Меъмор мувофиқа карда мешавад |
| Коршиносии ҲЛ | Раёсати ғайриидоравии коршиносии АСМ | Коршиносӣ бояд дар тӯли 20 рӯзи корӣ вобаста аз андоза ва мураккабии объект гузаронида шавад |
| **ТАРТИБОТ** | **ИДОРАҲОИ ДАХЛДОР** | **ТАВЗЕҲОТ** |
| Гирифтани иҷозатнома барои сохтмон | Меъмори ноҳия/шаҳр | Мӯҳлат – 5 рӯзи корӣ |
| Сохтмон | Созмони пудратӣ, мақомоти назораткунанда | Мӯҳлат ва арзиши сохтмон - шартномавӣ |
| Омодасозии иншоот барои қабул | Комиссияи корӣ (КК) | КК аз ҷониби фармоишгар таъсис дода мешавад, мӯҳлати омодагӣ то 10 |

[69] Тартибот мутобиқи қарори Ҳукумати ҶТ аз 6 майи соли 2009 таҳти рақами 282 тасдиқ шудааст.
[70] Ин тартибро дар он сурате гузаштан зарур аст агар система бори нахустин сохта шавад ва пештар барои ин қитъаи замин ҷудо нашудааст.
[71] Ин тартибро дар он сурате гузаштан зарур аст, агар ба системаи мавҷудаи муҳандисӣ пайваст шудан зарур бошад.

| | | |
|---|---|---|
| | | рӯзи корӣ вобаста аз аҳамият ва арзиши иншоот |
| Қабули иншоот барои истифода | Комиссияи давлатии қабул (КДҚ), фармоишгар, лоиҳасоз, пудратчӣ | КДҚ аз ҷониби фармоишгар – раиси дахлдори ноҳия/шаҳр, вазорат, идора таъсис дода мешавад |
| Бақайдгирии моликият | Мақомоти бақайдгиранда | Шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқи моликиятдода мешавад |
| Гирифтани шиносномаи техникӣ | Идораи инвентаризатсияи техникӣ | Шиносномаи техникӣ дода мешавад |

Се марҳилаи хеле маъмули сохтмони системаи таъмини об ва корез дар деҳот мавҷуд аст:

- **<u>То сохтмон:</u>** Ин марҳила тартиби зерини фаъолиятро дарбар мегирад: интихоб ва ҷудо кардани қитъаи замин (барои иншоотҳои дубора сохташаванда), гирифтани ВМЛ ва ШТ (барои иншоотҳое, ки ба системаҳои мавҷудаи таъмини об пайваст карда мешаванд), таҳия, мувофиқа, тасдиқ, коршиносии ҲЛ ва гирифтани иҷозатнома барои сохтмон. Лоиҳакашии иншоотҳои таъмини об бояд аз ҷониби созмон ё шахсе (шахсоне), ки барои лоиҳасозии иншоотҳои таъмини об литсензия доранд, амалӣ карда шавад. Ҳамаи лоиҳаҳои сохтмони системаҳои нав ва бозсозии/таҷдиди системаҳои мавҷудаи таъмини об бояд аз коршиносии давлатӣ гузарад, ки аз ҷониби Раёсати асосии коршиносии давлатии ҳуҷҷатгузории лоиҳавии Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати ҶТ гузаранд[72]. ***Дар навбати аввал ва аз худи огоз муайян намудани соҳиби системаҳои ояндаи таъмини оби ошомиданӣ тавсия дода мешавад. Имкониятҳо ӯ дар таъмини устувории система бояд ба эътибор гирифта, ба таври амиқ таҳлил карда шаванд. Агар имконияти потенсиалӣ вуҷуд дошта бошад пас таҳия намудани нақшаи эҷоди тавонмандӣ зарур аст ва воситаҳои зарурии техникӣ ва кӯмаки техникӣ бояд расонида шавад***. Мутобиқи қонунгузории замин, ҳамаи раванди интихоб ва додани қитъаи замин, аз гирифтани санади интихоби қитъаи замин то гирифтани қарор дар бораи додани қитъаи замин барои сохтмон гузаштан зарур аст. Гирифтани тасдиқнома/иҷозатнома аз ҳар созмони манфиатдори масъул (вобаста аз андоза ва мақсади система тағйир меёбад) зарур

[72] Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ дар ҶТ» аз 20 марти 2008 тахти рақами 380.

аст. Системаҳои таъмини оби ошомиданӣ метавонанд моликияти ҷумҳуриявӣ, коммуналӣ ё моликияти шахсони ҳуқуқӣ бошанд. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд системаҳои таъмини обро, ки мутобиқи талаботи санадҳои меъёрии амалкунанда ва қонунгузории ҶТ сохта шудаанд, ҳамчун моликият дар ихтиёри худ дошта бошанд[73].

- **Дар вақти сохтмон:** Ин марҳила асосан аз худи рафти сохтмон, ҳамчунин назорат аз рӯи рафти сохтмонро дар бар мегирад. Сохмон, асосан, мутобиқи шартномаи пудратӣ байни фармоишгар ва пудратчӣ (созмони пудратӣ) амалӣ карда мешавад. Тендер барои ба даст овардани пешниҳодҳо эълон карда мешавад ва аз байни созмонҳо созмонҳои сохтмонии пудратии дорои литсензия интихоб карда мешавад, байни фармоишгар (созмони сохтмонии дорои литсензия, таҷриба, таҷҳизот, нуфузи хуб ва ғ.) шартнома таҳия ва имзо карда мешавад. Шартнома бояд масъалаҳои муҳими зеринро дар бар гирад: асосноккунии техникиву иқтисодӣ, давомнокӣ, марҳилаҳои сохтмон ва давраҳои пардохти маблағ, сифати стандартии маводҳои сохтмонӣ. Ба шартнома бояд лоиҳаи техникии системаи таъмини об замима карда шавад. Аз рӯи рафти сохтмон назорати муаллиф ва техникӣ, ҳамчунин назорати давлатии сохтмонӣ бурда хоҳанд шуд. Ғайр аз ин, мутобиқи Қонуни ҶТ "Дар бораи тафтишоти фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар ҶТ" низ тафтишоти сершумор гузаронида хоҳанд шуд.
- **Пас аз сохтмон:** Пас аз сохтмон фармоишгар Комиссияи кориро аз ҳисоби намояндаи худ, намояндаи лоиҳакаш ва пудратчӣ бо мақсади омода кардани объекти сохташуда барои қабул ба истифодаи он таъсис медиҳад. Комиссияи корӣ хусусиятҳо ва шароитҳои мувофиқро тафтиш менамояд, хулосаи мувофиқ омода мекунад, ки ба комиссияи давлатии қабул таҳвил дода мешавад. Комиссияи давлатии қабул аз ҷониби фармоишгар таъсис дода мешавад – Раиси ноҳия/шаҳр, роҳбари вазорат, идора, ки ба он намояндагони созмонҳои гуногуни манфиатдор дохил мешаванд. Дар рафти кори Комиссияи давлатии қабул намояндагони фармоишгар, лоиҳакаш ва созмони пудратӣ низ метавонанд ширкат кунанд. Одатан комиссия гуногунии масъалаҳоро муайян менамояд (асосан вобаста ба корҳои сохтмонӣ ва сифати маводҳои сохтмонии истифодашуда), ки ба он иҷрокунанда (ширкати сохтмоние, ки дар тендер ғолиб омадааст) бояд дар вақти муайян таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намояд, то таҳвили мунтазами системаро ба соҳиби ояндаи худ таъмин кунад. Дар ин марҳила масъалаҳои бақайдгирии моликият ва ба даст овардани шиносномаи техникӣ барои иншоот низ дохил мешаванд.

[73] Моддаи 57-уми Кодекси оби ҶТ.

### *5.2 Идоракунӣ ва хидматрасонии системаҳои мавҷуди таъмини оби ошомиданӣ*

Умуман, дар таъмини оби Тоҷикистон равиши ғайримутамаркази идоракунӣ мавҷуд аст.

Дар соҳаи таъмини оби деҳот дар 24 ноҳия, ки 5 хатҳои шоҳроҳии обгузарро фаро мегиранд ва ба 1,2 млн. одам хидмат мерасонанд, ВМЗО мақомоти марказӣ мебошад. Ғайр аз ин, ваколатҳои ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои созмонҳои дахлдор, аз ҷумла, созмонҳои байналмилалӣ, новобаста аз шаклҳои моликият, ки ба таъмини об машғуланд, бар дӯши ВМЗО вогузошта шудааст.

Корхонаи воҳиди давлатии “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” (КВД ХМК) беш аз 830 ҳазор нафар аҳолиро дар 15 шаҳр ва 40 маркази ноҳиявӣ, ки дар он зершӯъбаҳои сохтории он вуҷуд доранд, хидмат мерасонад. КВД ХМК барои таъмини об дар шаҳрҳои калону хурд, марказҳои ноҳиявӣ ва қасабаҳо масъулият бар дӯш дорад ва ба Ҳукумати ҶТ бевосита ҳисобот медиҳад. Дар маҳалҳо, 32 шӯъбаи махсусгардонидашудаи корхонаи КВД ХМК ба масъалаҳои таъмини обу корез машғуланд, ки воқеан дар тобеияти дутарафа қарор доранд (ин корхонаҳо ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ низ ҳисобот медиҳанд).

Муассисаи давлатии раёсати асосии “Тоҷикобдеҳот”, ВМЗО, мақомоти ҷумҳуриявии таъмини об дар деҳот, ки барои таъмини оби ошомиданӣ дар нуқтаҳои аҳолинишини деҳот, ки дар он системаҳои мутамаркази таъмини оби деҳот вуҷуд доранд, масъулият бар дӯш дорад.

КВД “Душанбеводоканал”, “Хуҷандводоканал”, системаҳои обу корези шаҳрҳои Чкаловск, Конибодом, Қурғонтеппа, Ваҳдат, Исфара ва ноҳияи Спитамен системаҳои таъмини обу корези шаҳрҳои дахлдорро идора мекунанд ва танҳо ба мақомоти дахлдори иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳисобот медиҳанд.

Системаи таъмини оби ошомиданӣ ба муассирӣ ва устуворӣ ниёз дорад. Дар бораи системаҳои амалнакунандаи таъмини об дар сохторҳои дахлдори Тоҷикистон хуб махлум аст. Таъмини ноустувори барқ, нигоҳдошти ноқис, воситаҳои маҳдуди молиявӣ барои иҷрои корҳои назарнораси таъмир ва набудани малакаҳо дар ҳалли масъалаҳои асосӣ, сифати пасти маводҳои сохтмонӣ ва набудани қисмҳои эҳтиётӣ – ин танҳо баъзе аз сабабҳои ноустувории системаҳост. Ҷомеа аз ҷониби Ҳукумат ва донорҳо барои ҷудо кардани воситаҳои иловагӣ барои фаъолият ва хидматрасонии техникии системаҳои мавҷудаи таъмини оби ошомиданӣ ба кӯмак ниёз дорад.

Мутобиқи Барномаи такмил додани таъмини аҳолии ҶТ бо оби ошомиданӣ барои солҳои 2008-2020, аксарияти системаҳои таъмини об дар солҳои 1960-1980 сохта шудаанд.

Дар натиҷаи тағйирёбии шаклҳои хоҷагидорӣ ва муносибатҳои истеҳсолӣ, кори муштараки корхонаҳои дахлдор қатъ шуданд, ки ба нигоҳдорӣ ва рушди соҳаи таъмини оби ошомиданӣ таъсири манфӣ ворид кард.

Яке аз сабабҳои паст шудани фаъолияти истеҳсолӣ набудани шароитҳо ва фарсудагии ҷисмонии воситаҳои асосии истеҳсолӣ бо сабаби гузаштани мӯҳлати истифодаи онҳо мебошад.

Бо сабаби набудани корхонаҳои саноатии истеҳсол дар ҷумҳурӣ қубурҳо ва ҷузъҳои дигари шабакаҳои хатҳои обгузар, ки ба стандартҳои талабшаванда ҷавобгӯ бошанд, истеҳсол намешаванд. Ҷузъҳои мазкур берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ ворид карда мешаванд, ки гаронии онҳо бешубҳа ба арзиши аслии системаҳо таъсир мерасонад ва ҳамаи ин бар дӯши истеъмолкунандаи ниҳоӣ меафтад.

Корхонаҳои мавҷудаи таъмини об барои комилан нигоҳ доштан ва истифода бурдани иқтидорҳои мавҷуда қодир нестанд, илова бар ин пардохти ғайрисаривақтии хадамот оид ба истифодаи об аз ҷониби истифодабарандагони об вазъиятро боз ҳам душвор мегардонад.

Қатъи назар аз он, ки қисми хароҷоти буҷети давлатӣ барои маблағгузории соҳа сол аз сол меафзояд, буҷети миллӣ танҳо 8-10 дарсади эҳтиёҷоти воқеии созмонҳои махсуси давлатиро дар соҳаи об фаро мегирад. Дар замони шӯравӣ, буҷети ВМЗО 380 миллион доллари амрикоиро ташкил медод (хидматрасонии техникӣ, таъмир ва сохтмон; ба истисноии эҳтиёҷоти бахши кишоварзӣ ба об). Дар зер буҷет ВМЗО оварда шудааст.

**Ҷадвали 4. Буҷети ВМЗО барои солҳои 2007 – 2009**

| | ВМЗО | Маблағ (бо сомонӣ) | Афзоиш дар муқоиса бо соли пешин (бо %) | |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 2007 | 10.4 млн.[74] | | 64.5% |
| 2 | 2008 | 22.981 млн.[75] | 54.7% | |
| 3 | 2009 | 29.319 млн.[76] | 21.6% | |

Дар Қонуни ҶТ "Дар бораи буҷети давлатии ҶТ барои соли 2010" хатти мушаххаси маблағгузорӣ барои ВМЗО пешбинӣ нашудааст. Вале "Барои таъмини аҳолӣ бо оби тозаи ошомиданӣ, вусъат додани майдони заминҳои обёришаванда ва такмил додани вазъи мелиоративии он, муайян кардани майдон ва кадастри замин (***дар буҷети давлатӣ барои соли 2010*** – тавзеҳи муаллиф) ҷудо намудани 200 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст. Ин дар муқоиса бо соли 2009 48 млн. сомонӣ ё 33% зиёд аст[77]".

[74] Гузориши Оксфам «Идоракунии захираҳои об дар Тоҷикистон», соли 2007.
[75] Қонуни ҶТ «Дар бораи буҷети давлатии ҶТ барои соли 2008».
[76] Қонуни ҶТ «Дар бораи буҷети давлатии ҶТ барои соли 2009».
[77] Аз паёми Президенти Тоҷикистон ба парлумони кишвар аз 24 апрели соли 2010.

Ғайр аз ин, аз тарафи Қонунҳои ҶТ “Дар бораи буҷети давлатии ҶТ” барои солҳои 2008 ва 2009 тариқи хатти алоҳида хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ барои барқарорсозии таъмини оби шаҳри Хуҷанд ба андозаи 4.0 млн. ва 3.5 млн. сомонӣ мутобиқан пешбинӣ шудааст.

Яке аз масъалаҳои доғ ҷойивазкунии дохиливу берунии ҳайати кормандони тахассусии бахши об аст. Норасоии кормандони мутахассиси касбӣ дар созмонҳои давлатӣ вуҷуд дорад. Бисёр шахсоне, ки пештар дар лоиҳаҳои аз ҷониби донорҳо маблағгузоришаванда кор мекарданд, ба созмонҳои дигар ё берун аз ҳудуди кишвар, масалан, ба Россия, ё ба созмонҳои байналмилалӣ ё бахши хусусӣ ба кор гузаштанд. ***Сабаби асосӣ дар он аст, ки одамон қаноатманд нестанд ё онҳо ба андозаи мавҷудаи пардохти меҳнат, ки аз ҷониби сохторҳои давлатӣ дода мешаванд, манфиатдор нестанд.***

### *5.3 Таърифаҳо ба хадамоти таъмини об ва корез, баровардани хароҷоти онҳо ва таъсирбахшӣ*

Мутобиқи моддаи 58-и Кодекси оби ҶТ сарчашмаҳои маблағгузорӣ дар соҳаи таъмини оби ошомиданӣ чунинанд:

- Маблағҳое, ки аз истифодабарандагони системаҳои мутамаркази таъмини об ва истеъмолкунандагони оби ошомиданӣ ситонида мешаванд;
- Маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ;
- Маблағҳои буҷетҳои маҳаллӣ;
- Маблағҳои шахсони воқеиву ҳуқуқӣ, аз ҷумла сармоягузориҳое, ки барои рушди системаи таъмини оби ошомиданӣ ворид мешаванд;
- Сарчашмаҳои дигаре, ки аз ҷониби қонунгузории ҶТ мамнӯъ нашудаанд.

Истифодаи умумии об дар ҶТ бепул аст, вале истифодаи махсуси об бар асоси пулакӣ амалӣ мешавад:

- барои истифодаи захираҳои об берун аз лимитҳои муқарраршуда;
- барои истифодаи аз лимит зиёд ва ғайриоқилонаи захираҳои об;
- барои хадамоти вобаста бо ҷамъоварӣ, ҳамлу нақл то ҳудуди истеъмолкунандагон, тақсимот ва софкории об;
- барои додани ҳуқуқҳои истифодаи захираҳои об;
- барои амалисозии фаъолиятҳои дигари хоҷагии об.

Солҳои охир бо кӯмаки донорҳои байналмилалӣ ва созмонҳои хайриявӣ дар минтақаҳои деҳот системаҳои зиёди таъмини оби ошомиданӣ сохта шудааст, ки сарнавишти онҳо норавшан боқӣ мемонад.

Ҳамзамон, дар баъзе деҳаҳо бо мақсади ҳалли масъалаҳои монанд ҷиҳатҳои хусусии идоракунии чунин системаҳои таъмини оби ошомиданӣ таъсис дода мешаванд.

***Масалан, дар назди Кумитаҳои рушди баъзе деҳаҳо Кумитаҳои ҷамъиятии истифодабарандагони об таъсис дода шудаанд ва дар назди ин кумитаҳо хазинаи ҷамъшаванда ва комиссияи бозрасӣ бунёд шудаанд. Аз ҷониби Кумитаҳои рушди деҳот пардохти ҳаққи истифодаи об дар ҳаҷми 1 сомонӣ аз ҳар як оила муқаррар шудааст. Кумитаи ҷамъиятии истифодабарандагони об ҳар моҳ ин пардохтро ҷамъоварӣ намуда, ба хазинаи ҷамъшаванда месупорад. Маблағҳои ҷамъоваришуда барои нигоҳ доштани як корманд (техники санитарӣ) ва қисми боқимонда ба ҳолатҳои фавқулодда (садама, шикаст ва г.) равона мешаванд. Комиссияи ревизионӣ ба таври давравӣ, ҳамчунин бо дархости Кумитаи рушди деҳа назорати хазинаи ҷамъшавандаро баргузор мекунад ва дар бораи натиҷаҳо ба Маҷлиси умумии Кумитаи рушд хабар медиҳад.***

Тоҷикистон дорои зерсохтори мураккаб аст, ки ҳанӯз дар замони шӯравӣ бунёд шудааст, вале дар натиҷаи маҳдудсозии маблағгузорӣ аз буҷет ҳатто барои фаъолияти оддӣ ва хидматрасонии техникии системаҳои мавҷудаи таъмини об ва корез одатан таваҷҷӯҳи кам зоҳир шудааст. Таърифаҳои ғайримуассир барои об ба равандҳои фаъолият ва хидматрасонии техникӣ таъсири манфӣ расониданд. Хароҷот асосан бо маблағҳои маҳдуди давлатӣ, ки аз буҷетҳои давлатӣ ҷудо шудаанд, пӯшонида мешуданд (буҷетҳои вазорати мелиоратсия ва захираҳои об, "Тоҷикобдеҳот", мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи вилоят, ноҳия).

Идораҳои болоӣ бо кӯмаки роҳбарони созмонҳои тобеъ дар маҳалҳо, бо роҳи тақсим намудани маблағҳои давлатӣ, сармоягузориҳо, маблағгузориҳо ва воситаҳои дигар назоратро амалӣ менамоянд. Дар натиҷа созмонҳои тобеъро зарур омад то таърифаҳои дар сатҳи поён ҳисобшударо, ки ба хароҷоти воқеии амалиёт мувофиқат намекунанд, дастгирӣ намоянд ва ҳамзамон бар зарари фаъолияти худ кор кунанд. Бинобар ин, барқарорсозӣ ва муосирсозии зерсохтор сармоягузориҳои бузургро талаб менамояд.

Сатҳи дарки доираи васеи ҷамъиятро дар бораи истифодаи оқилонаи оби ошомиданӣ (одамон ба маҳкам кардани ҷумакҳои об одат накардаанд, ки ба талафоти бузурги об ва истифодаи номувофиқи он бурда мерасонад) ба воситаи баргузор кардани маъракаҳо оид ба паҳн намудани маводҳои ИОК, рекламаи иҷтимоӣ, ки аз омори талафоти об шаҳодат медиҳанд, меъёрҳои байналмилалӣ, ки барои як одам дар як рӯз ҷудо мешавад, миқдори миёнаи истеъмоли об ба ҳар сари аҳолӣ бо зикри нархи як литр /$м^3$ бардоштан зарур аст.

Насб кардани ҳисобгарҳои об метавонад вазъиятро беҳ созад, чунки ба одамон лозим меояд то бештар пул пардохтанд ва захираҳои обро бештар муассир истифода баранд.

Дар ин маврид ҳамон далелеро ба эътибор гирифтан зарур аст, ки Водоканал (Муассисаи обу корез) асосан ҳисобгарҳои инфиродиро дар шаҳрҳои Хуҷанду Душанбе насб мекунад. Системаи таъмини оби шаҳри Хуҷанд ба насби ҳисобгарҳо имкон медиҳад, чунки солҳои охир он ҳам аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ[78], ҳам аз ҳисоби донорҳо ва сармоягузорони байналмилалӣ бештар навсозӣ шудааст. Дар шаҳри Душанбе ҳисобгарҳо асосан барои корхонаҳо, муассисаҳо, созмонҳо насб карда мешаванд, чунки бо сабаби фарсуда будани системаҳои мавҷуда насб кардани асбобҳои ҳисобкунандаи об имконнопазир аст, чунки пас аз насби асбобҳо фишори мувофиқи обро ба даст овардан имконнопазир хоҳад буд.

Дар ҳоли ҳозир, Ҳукумати ҶТ барои ба таври мунтазам афзудани таърифаҳо чораҳои муайян меандешад, то сатҳи харидории хароҷотро комилан ба даст орад. Ҷадвали зерин нишон медиҳад, ки таърифаҳо барои оби ошомиданӣ ва корез сол аз сол зиёд мешаванд ва дар таърихи 1 феврали соли 2010 дар муқоиса бо 1 июни соли 2008 таърифаҳо ба беш аз 16 маротиба афзудаанд.

**Ҷадвали 5. Таърифаҳо барои об ва корез дар давраи аз соли 2007 то соли 2010 дар мисоли шаҳри Душанбе**

| Давра | Нишондиҳанда | Арзиш (сомонӣ) | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| | | Барои об | Барои корез | |
| То 1 апрели 2007 | Аз як одам | 0,51 | Маълумоти мавҷуд нест | |
| Аз 1 апрели 2007 | Аз як одам | 0,85 | 09,6 | 0, 946 |
| Аз 1 июни 2008 | Барои 1 м³ | 0,10 | 05,4 | 0,154 |
| Аз 1 феврали 2010 | Аз як одам | 1,77 | 0,70 | 2, 47 |

Бори охир дар даври таҳияи гузориши мазкур, масалан, таърифаҳо барои пойтахт мутобиқи қарори Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ аз 12 феврали соли 2010 таҳти рақами 3[79] тасдиқ шудаанд. Татбиқи таърифаҳои нав аз 1 феврали соли 2010 оғоз шуд.

Бо вуҷуди ин, мутобиқи маълумоти Кумитаи омори ИДМ, Тоҷикистон ба сегонаи кишварҳои дорои сатҳи пасттарини пардохт барои таъмини об дохил мешавад. Дар ин рӯйхат Озайрбойҷон пешсаф аст, ки ҳаққи обро дар як моҳ барои ҳар нафар 0,6 сомонӣ пардохтааст. Сокинони Қазоқистону Тоҷикистон барои таъмини об мутобиқан 0,87 ва 1,21 сомонӣ пардохтаанд. Таърифаҳои баландтарин дар байни кишварҳои ИДМ барои об дар Россия – 20,65 сомонӣ ба қайд гирифта шудаанд[80].

***Дар Тоҷикистон таърифаи ягонаи хадамот барои таъмини об, махсусан дар минтақаҳои деҳот вуҷуд надорад. Мутобиқи қонунгузорӣ таърифаҳо***

[78] Дар Қонунҳои ҶТ «Дар бораи буҷети давлатии ҶТ» барои солҳои 2008 ва 2009 хатҳои алоҳидаи маблағгузорӣ барои барқарорсозии системаҳои таъмини оби шаҳри Хуҷанд ба андозаи 4 млн. ва 3.5 млн. сомонӣ мутобиқан ҷудо шудаанд.
[79] Ниг. Замимаи 4. Таърифаҳо барои пешниҳоди хадамот барои таъмини аҳолии шаҳри Душанбе бо оби ошомиданӣ ва корез.
[80] http://www.asiaplus.tj/news/34/42412.html

***бояд аз ҷониби ҳар як созмони таъминкунандаи об (вале онҳо кам нестанд) таҳия ва дар ҳамоҳангӣ бо мақомоти зиддиинҳисорӣ тасдиқ карда шаванд. Масалан, дар системаи ТОД дар вилоятҳои Хатлону Суғд ва якчанд ноҳияи тобеи марказ 23 созмон вуҷуд дорад, ки таърифаҳо барои ҳар яке аз онҳо ба таври алоҳида вобаста аз хароҷоти онҳо барои ҳар як система таҳия карда мешаванд, ки аз 0,11 то 0,38 сомониро ташкил медиҳанд. Ҳамзамон, барои ҳар яке аз ин созмонҳо зарур аст то маблағи заруриро сарф намуда, ба маркази вилоят (барои ноҳияҳои тобеи вилоят) ё шаҳри Душанбе (барои ноҳияҳои тобеи марказ) раванд, то таърифаҳои таҳияшударо бо мақомоти зиддиинҳисорӣ мувофиқа кунанд[81].***

Таърифаҳо оид ба пардохти хадамоти расонидашавандаи таъмини об ва корез бояд эҳтиёҷоти онҳоро ба воситаҳои молиявӣ, ки ҳамчун маблағи умумии хароҷот ва даромади ҳарсолаи амалиётиро муайян мекунанд, ҷуброн намоянд[82]. ***Хароҷот ҳангоми коркарди таърифаҳо барои оби ошомиданӣ бояд мутобиқи "Низомномаи ҳисоби арзиши аслии маҳсулот (кор, хадамот) дар корхонаҳо ва созмонҳои ҶТ[83]" муайян карда шаванд. Низомномаи мазкур аз 1 июли соли 1999 эътибор пайдо кард ва мутобиқи қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 декабри соли 2002 таҳти рақами 487 тағйир дода шуд***.

Азбаски хадамоти системаҳои хоҷагии об ва (ё) корез мавзӯи танзими Қонуни ҶТ "Дар бораи монополияҳои табиӣ" [84] мебошанд, ҳамчунин ҳангоми таҳия таърифаҳо Тартиботи баргузор кардани баррасиҳои (ҷамъиятии) лоиҳаҳои таърифаҳо барои молҳои (корҳо, хадамот) субъектҳои монополияҳои табиӣ ҳамчун дастурамал истифода бурдан зарур аст[85].

### *5.4 Нақши бахши хусусӣ дар таъмини оби ошомиданӣ*

Созмонҳои дахлдори давлатӣ мисли "ТоҷикОбДеҳот" (таъмини об дар деҳот) ва ХМК (таъмини об ва санитария дар сатҳи марказҳои ноҳия, шаҳракҳо ва шаҳрҳо) ба таъмин намудани оби мувофиқи ошомиданӣ барои бисёр ноҳияҳои деҳоти Тоҷикистон бо сабаби сохтори заифи ташкилӣ, буҷети маҳдуд ва иқтидори техникӣ қодир нестанд. Дар натиҷа, истеъмолкунандагони об дар деҳот бештар ба шаклҳои идоракунии об, ки бар идораи аҳли ҷомеа асос ёфтаанд, умед мебанданд.

Қонуни ҶТ дар бораи "Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об"[86] чаҳорчӯбаҳои ҳуқуқии ташкил, фаъолият ва идоракунии АИО-ро ҳамчун созмони ғайритиҷоратии амалиёт ва хидматрасонии танҳо системаҳои обёрӣ дарбар мегирад. Вале масъалаҳои ташкил ва фаъолияти сохторҳои дигари ҷамъиятии ғайритиҷоратӣ, ки дар системаи таъмини об ва

81 Маълумоти ТОД.
82 Дастурамал барои амалисозии лоиҳаҳои таъмини оби ошомиданӣ дар Тоҷикистон, саҳ. 87.
83 Низомнома бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 12 майи соли 1999 таҳти рақами 210 тасдиқ шудааст.
84 Аз 5 марти соли 2007, №235.
85 Ин низом\тартиб аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 майи соли 2007 таҳти №28 тасдик шуда дар Вазорати адлия таҳти №274 аз 21 июни соли 2007 сабт шудааст.
86 Аз 21 ноябри соли 2006, №213.

санитария кор мекунанд, аз ҷониби Қонунҳои ҶТ мисли "Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ"[87] ва "Дар бораи мақомоти худфаъоли ҷамъиятӣ"[88] танзим мешаванд. Қонунҳои номбаршуда муносибатҳои ҷамъиятии марбут бо амалисозии ҳуқуқҳои шаҳрвандонро ба иттиҳодия дар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дар мақомоти худфаъоли ҷамъиятӣ, таъсис, фаъолият, бозташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти худфаъоли ҷамъиятӣ танзим мекунанд. Мутобиқи Қонуни ҶТ "Дар бораи мақомоти худфаъолия ҷамъиятӣ", мақомоти худфаъоли ҷамъиятӣ танҳо ба қайд гирифта мешаванд, мақоми ҳуқуқии онҳо ва мақоми қарорҳо ва аъмоли дигари аз ҷониби онҳо қабулшаванда норавшан аст.

Бинобар ин, бо вуҷуди мавҷудияти Қонунҳои мазкур, зарурати ҳатмӣ ба муқаррарсозӣ ва ба таври дақиқ муайян кардани нақшҳову ӯҳдадориҳои созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ба идоракунии оби ошомиданӣ ҷалб шудаанд, мавҷуд аст. Нақшҳо ва ӯҳдадориҳои тарафҳои дахлдори манфиатдор бояд дар қонуни алоҳида, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ муқаррар шуда бошанд, ки бо механизмҳои мувофиқашудаи ҳамкорӣ байни созмонҳо (ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳукумат ва бахши хусусӣ) тақвият дода шудаанд. Механизмҳои истифодашаванда дар муқаррарсозии нақшҳои созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд тағйирпазир бошанд ва омилҳои дохилӣ/беруниро, мисли равандҳои технологии таъмини об, давомнокӣ ва сатҳи хидматрасонӣ, андоза ва мураккабии системаи таъмини об, имконияти идоракунӣ ва динамикаи иҷтимоӣ дар ҷомеа, ба таври дақиқ баррасӣ намоянд. Вале масъалае, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ бо он рӯ ба рӯ мешавад, аз воқифияти ноқис дар бораи ҳуқуқҳои онҳо ба об ва надонистани раванд аст, ки тавассути он онҳо метавонанд ҳуқуқҳои худро ҳимоя намоянд ва шахсони мансабдорро барои эҷоди монеа дар беҳбуд бахшидан ба вазъият ба ҷавобгарӣ кашанд. Ғайр аз ин, аксарияти ҳуқуқдорони таъсирпазируфта сокинони камбизоат ва нохондаи минтақаҳои деҳотанд, ки барои ҳимояи ҳуқуқҳои худ восита ё ҷуръати кофӣ надоранд. Воқифият дар байни шахсони мансабдор мисли Вазорати мелиоратсия вазахираҳои об ва Душанбе "Водоканал" бештар рушдкарда аст, вале тавонмандии институтсионалӣ барои ҳалли масъала бе кӯмаки созмонҳои байналмилалӣ беҳад заиф аст.

Шаклҳои потенсиалии зерини ӯҳдадориҳои созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонанд ба назари эътибор гирифта шаванд:

- Муколама бо ҳукумат дар бораи эътирофи расмии ҳуқуқҳои созмони ҷомеаи шаҳрвандӣ барои расонидани хадамот ва муайян кардани нақши он дар ин раванд;
- Муваффақ шудан ба қарордодҳо ва бастани шартномаҳои дарозмуддат барои расонидани хадамот ба ҳавасмандкунии мувофиқ;

[87] Аз 12 майи соли 2007, №258
[88] Аз 5 январи соли 2008, №347

- Муқаррарсози меъёрҳои ҳадди ақали сифати хидматрасонӣ ва кори расонандаи хидматҳо; нигоҳдории худтанзимкунӣ, додани иттилоот ва ваколат ба истеъмолкунандагон;
- Мониторинги таъсирбахшӣ, маҳсулнокии равандҳои таъмини об ва таъсири об ба муҳити атроф.

Ҳукуматҳо одатан мепазиранд, вақте ки ҷомеа масъулиятро оид ба таъмини об дар деҳот бар дӯши худ мегирад, вале аз қонунӣ кардани чунин созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳамчун шарики худ эътироф кардан барои расонидани хадамот даст мекашанд. Мақоми ҳуқуқӣ на танҳо ба таъминкунандагони хадамоти ҷомеа эътирофу эътимод меоваранд, ҳамчунин ба онҳо барои машғул шудан ба шартномаҳо, мурочиат намудан ба қарз ва танзим кардани фаъолияти худ имкон фароҳам меорад.

Бо вуҷуди ин, ки бисёр ҷиҳатҳои мақоми операторҳои хусусӣ то охир ҳал нашудаанд, якчанд мавриди мавҷудияти онҳо маъмуланд, масалан, дар ноҳияҳои Фархор (таҷрибаи БРСММ), Мӯъминобод (таҷрибаи КАРИТАС), Восеъ (таҷрибаи Оксфам). Операторҳои мазкур дар сатҳи ин ноҳияҳо кор мекунанд ва масъалаҳои асосии онҳо чунинанд: қонуникунии фаъолиятҳои онҳо, набудани дастгирӣ аз ҷониби ҳокимияти маҳаллӣ, масъалаҳои вобаста бо гирифтани маблағ дар шакли қарзҳои имтиёзнок ва ғ.

***Бо мақсади ҳалли масъалаҳои мазкур бознигарӣ кардани қонунгузории мавҷуда бо ҳадафи ҳалли қонуникунии фаъолиятҳои онҳо, бартараф кардани монеаҳои маъмурӣ дар роҳи амалисозии фаъолиятҳои онҳо зарур аст.***

Дар рафти амалисозии лоиҳаҳо оид ба идоракунии захираҳои об созмонҳои ғайридавлатии байналмилалӣ ва созмонҳои ҷомеаи маҳаллӣ одатан аз созмонҳои байналмилалӣ кӯмакеро дар шакли грант ба даст меоранд. Аксарияти созмонҳои ғайридавлатии байналмилалӣ/созмонҳои СММ/донорҳо ҷомеаро барои гузоштани саҳми худ (сармояи инсонӣ ва сармоя дар шакли пул) ҳавасманд мекунанд, вале ин воқеан басанда нест. Вақте маблағгузорӣ қатъ мешаванд ва лоиҳа анҷом меёбад онҳо норасоии бузурги маблағҳоро таҳаммул мекунанд ва одатан барои ба таври муассир идора кардан ва идома додани расонидани хидматҳо қодир нестанд.

***Бо мақсади таъмин намудани устуворӣ ва эътимоднокии системаҳои таъмини оби ошомиданӣ дар манотиқи деҳот аъзоёни шабакаи созмонҳои шарик оид ба таъмини устувори об ва санитария масъалаҳои зерин таҳия шудаанд:***

**Масъалаҳои ҳуқуқӣ**

1. Асосҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ: таҷдиди пойгоҳи қонунгузорӣ ва вазифаҳои созмонҳои масъул бо ҳадафи таъмин намудани созгорӣ бо талаботи муосири бахш, риояи қонунҳо дар сатҳҳои гуногун.
2. Соҳибият ба зерсохтор: муайян кардани / ҳузур доштани соҳибони потенсиалии объектҳои таъмини об ва санитария

**Масъалаҳои идоракунӣ**

3. Идоракунӣ, истифодабарӣ ва хидматрасонии техникӣ: нақшҳо ва ӯҳдадориҳои дақиқ байни танзимкунанда ва оператор, муайян кардани шахсони масъул барои истифодабарӣ ва хидматрасонии техникии объект.
4. Барои ҳалли масъалаҳои молиявӣ ва ҷуброни хароҷот оид ба амалиёт ва хидматрасонии техникӣ бояд равиши стратегӣ ҳамроҳ бо стратегия ва механизми дақиқ такмил дода шавад, то барои ноил шудан ба системаи ҷуброни хароҷот кӯмак расонида шавад.

***Тақвият додани тавонмандӣ***

5. Барои бахши об стратегияи дақиқи такмил додани имкониятҳои роҳбарияти мунисипалӣ ва маҳаллӣ зарур аст. Ин бояд нақш ва масъулияти онҳоро ба таври дақиқ муайян намояд.
6. Барои тақвият додани тавонмандӣ ва таъсирбахшии бахш омӯзонидани шарикон ва кормандони бахш зарур аст.
7. Дар лоиҳаҳои ояндаи марбут ба об насби ҳисобгарҳои об бояд яке аз вазифаҳои афзалиятнок бошад. Мувофиқи мақсад мебуд агар дар лоиҳаҳои ояндаи системаҳои мутамаркази таъмини об ҷиҳатҳое ворид карда шаванд, то насби ҳисобгарҳои оби ошомиданиро фаро гиранд.

**Масъалаҳои иқтисодӣ**

8. Захираҳои молиявӣ: мавҷудияти маблағгузории боэътимод аз сарчашмаҳои гуногун;
9. Таъмин намудани истифодаи лозимӣ ва муассири захираҳои буҷетӣ, ки барои эҳтиёҷоти таъмини об ва системаи корез, ҳамроҳ бо ҳамоҳангсозии доимӣ ва истифодаи қарзҳо, грантҳо ва хазинаҳои дигар таъйин шудаанд;

10. Муқаррар намудани таърифаҳо: усулҳои озоди муқарар намудани таърифаҳое, ки даромаднокии расонидани хадамот, гуногунии таърифаҳо вобаста аз истифодаи обро кафолат медиҳанд;
11. Захираҳои инсонӣ: мавҷудияти ҳайати тахассусии таълимгирифта; иқтидори созмон барои эҷод кардани муҳити мусоид ва бехатари корӣ мисли музди мувофиқи меҳнат, бастаи хадамоти иҷтимоӣ, таҷҳизот ва ғ.

**Масъалаҳои мониторинг**

12. Таҳия намудани системаи бузургмиқёси мониторинги бахш барои арзёбии дастрасӣ ва оқилона будани хадамот зарур аст;
13. Иттилоот дар бораи шумораи аҳолие, ки ба системаи мутамаркази таъмини об дастрасӣ доранд ва дар бораи шабакаҳое, ки дар соҳаи таъмини об ва корез кор мекунанд, бояд ба қолаби ҳисоботдиҳии давлатӣ ворид карда шавад. Маводҳои таълимӣ ва семинарҳо оид ба ҳисоби нишондиҳандаҳои нав бояд таҳия шаванд.

**Масъалаҳои технологӣ**

14. Мутобиқат бо стандартҳои мавҷуда: асосан сифати об – ҚМСан: Қоидаҳо ва меъёрҳои санитарӣ; стандартҳои сохтмон – МҚС: Меъёрҳо ва қоидаҳои сохтмон.
15. Сифати сохтмон: шаҳодатномаи байналмилалӣ/миллии маводҳо ва қисмҳои эҳтиётии сохтмонӣ; системаи мустақили мониторинг/гузоришҳо дар бораи арзёбии сифати сохтмон.
16. Дастрасӣ ба дониш: тамоюл ба технологияҳои нав, ноу-ҳау аз ҷониби танзимкунанда ва оператори бахш, эҷоди пойгоҳ барои ташкил / гузаронидани тренингҳо, имконияти омӯзонидани кормандони худ.
17. Дастрасӣ ба сарчашмаҳои энергия, аз ҷумла захираҳои алтернативӣ: дараҷаи эътимоднокӣ / устувории (бетавақкуфии) таъмини барқ; татбиқи технологияҳои нав ва сарчашмаҳои алтернативии энергия.
18. Сарчашмаи об: иқтидори гидрогеологии сарчашмаи об, дебети об, маълумот аз сарчашмаҳои эътимоднок дар бораи таҳқиқоти геотехникӣ, иттилооте, ки аз сокинони маҳаллӣ ба даст омадааст;

**Масъалаҳои иҷтимоӣ**

19. Қобилият ва хоҳиши пардохт барои хидматҳо: таҳқиқи иҷтимоӣ дар бораи одамоне, ки дар камбизоатӣ умр ба сар мебаранд; таърифаҳои тағйирдодашуда ва қобили қабул, эътимоднокӣ ва сифати хидматҳое, ки ба эътимоди истеъмолкунандагон илҳом мебахшад.
20. Муносибат ва рафтори истеъмолкунандагон: арзёбии эҳтиёҷоти аҳолии мавриди ҳадаф / талабот барои хадамоти таъмини об ва санитария, фарҳанги истифодаи об.

***Ҳар як донор ва созмони байналмилалӣ барои лоиҳаҳои амалишаванда шартҳову талаботи худро дорад.***

***Ҷадвали 6. Талаботи Ҷамъияти ҳилоли аҳмари Тоҷикистон ба лоиҳаҳои амалишавандаи худ:***

- ***Мавҷудияти сарчашмаи устувори об, чашма ва захираи кофии об дар он мувофиқи мақсад аст;***
- ***Сарчашмаи системаи ояндаи таъмини об бояд дар муқоиса бо макони ҷойгиршавии аҳолии деҳот хеле баланд бошад, то об бо ҷараёни худ бе истифодаи қувваи барқ ҷорӣ шавад, чунки дар кишвар норасоӣ ба қувваи барқ, махсусан дар мавсими зимистон, ҷой дорад;***
- ***Масофаи байни сарчашмаи об ва нуқтаи аҳолинишин бояд беш аз 5000 метр бошад[89];***
- ***Набудани низоъ дар бораи ҳуқуқи моликият/истифодаи сарчашмаи об;***
- ***Шумораи аҳолии деҳа, ки ба таъмини оби ошомиданӣ ниёз дорад, бояд на камтар аз 1000 нафар бошад;***
- ***Иштироки муштараки аҳолӣ дар амалисозии лоиҳа аз 30 то 50%-и арзиши умумии лоиҳаи амалишаванда бошад. Ҳамзамон, қувваи кории истифодашаванда аз ҳисоби аҳолӣ тавассути методи “ҳашар” ҳамчун саҳми истифодабарандагони об ҳисобида намешавад;***
- ***Сатҳи бемориҳои сирояткунанда дар минтақаҳои деҳот ва г.***

Дар Тоҷикистон системаҳои амалнакунандаи барқароршудаи/сохташудаи таъмини об хеле хуб маъмуланд. Таъмини тағйирёбандаи қувваи барқ, хидматрасонии бад, маблағҳои маҳдуди молиявӣ барои амалӣ кардани корҳои хурди таъмир ё набудани маҳорат барои ҳалли масъалаҳои асосӣ, сифати пасти маводҳои сохтмонӣ ва набудани дастрасӣ ба қисмҳои эҳтиётӣ танҳо баъзе аз сабабҳои ноустувории кор аст. Ҷомеа зуд-зуд ба ин ё он донор барои маблағгузории иловагӣ муроҷиат менамоянд, то системаи харобгардидаро барқарор намояд. Бартараф кардани чунин тобеият интихоби дурусти технологияҳо (содда, дастрас, дар маҳал хидматрасонидашаванда), мавҷудияти қисмҳои эҳтиётӣ, ҳар он ҷое ки лозим аст, ҳайати кормандони тахассусии хуб таълимгирифтаро талаб мекунад.

Барои додани кафолати устувории техникӣ, институтсионалӣ ва молиявӣ, созмонҳои ҷомеаи маҳаллӣ бояд ба сикли пурраи лоиҳа ҷалб шаванд, ки метавонад фаъолиятҳои зеринро дар бар гирад: лоиҳакашӣ ва сохтани системаи об, омӯзонидан ва тақвият бахшидани тавонмандӣ, иштирок дар таҳияи сиёсати одилонаи таърифаҳо, амалиёт ва

[89] Ҳангоми мавҷудияти якчанд чунин лоиҳаи монанд, ба ин шарт низ таъкид карда мешавад.

хидматрасонии техникӣ, воқифияти ҷомеа оид ба истифодаи муассири захираҳои об, ҷамъоварии саривақтии пардохтҳо ва ғ.

Таъминкунандаи хадамот бояд ба идоракунии муассири системаи фаъолияти молиявӣ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир намояд. Тартиб додани буҷет ва истифодаи он – яке аз омилҳои муҳимтарини амалиёт ва хидматрасонии техникӣ мебошад, ин равандҳо бояд дар қонун ва санадҳои меъёрӣ, ки ҳуқуқҳову ӯҳдадориҳои ҳукуматҳо, созмонҳои ҷомеаи маҳаллӣ, оператор ва истеъмолкунандагонро пешбинӣ мекунад, ба таври равшан нишон дода шаванд.

Дастгирии муассир ба таъминкунандагони об дар деҳот, ки бар ҷомеа асос ёфтааст, системаи мувофиқи мониторинги дохилиро (сифати об, таъсир ба муҳити атроф, кор барои расонидани хадамот) талаб менамояд. Мониторинг бояд имконияти қабули қарор ва фаъолиятро дар сатҳи маҳаллӣ диҳад. Иттилооти бадастомада низ бояд ба системаҳои миллӣ ё минтақавии иттилооти идорӣ ворид карда шаванд, ки банақшагирӣ ва сармоягузории мувофиқи дарозмуддатро имконпазир месозад. Мониторинг, ҷамъоварии иттилоот ва таҳлил – яке аз фаъолиятҳои мушкилтарин, ки ба он таваҷҷӯҳ додан зарур аст, дар сатҳҳои ноҳиявӣ, вилоятӣ ва миллӣ маҳдуд аст.

### *5.5 SWOT – таҳлили ҷиҳатҳои қавӣ ва заиф, имкониятҳо ва таҳдидҳо, ки дар назди намояндагони манфиатдори зербахшҳои таъмини об ва санитария дар Тоҷикистон қарор доранд*

Қайд кардан лозим аст, ки минбаъд такмил додани ҳамоҳангсозӣ ё банақшагирии муштараки фаъолият оид ба истифодаи об дар сатҳи миллӣ зарур аст.

Таҳлили мазкури SWOT умуман барои зербахши таъмини об гузаронида шудааст. Дар ин робита, иттилооти бадастомада метавонад қисман ба ҳамаи тарафҳои манфиатдор, ки фаъолияти худро дар соҳаи таъмини об ва санитария амалӣ мекунанд, алоқамандӣ дошта бошад.

Таҳлили SWOT-ро метавон ҳамчун нуқтаи ибтидоӣ тасвир кард ва гузаронидани онро ба ҳамаи тарафҳои манфиатдор барои истифодаи иттилооти бадастомада бо ҳадафи такмил додани таъсирбахшии кор метавон тавсиф кард. Таҳқиқ ҷиҳатҳои гуногунро дар бар мегирад ва ба чунин маҳакҳое мисли тарафҳои қавӣ ва заифи зербахш, имкониятҳо ва таҳдидҳое таъкид мекунад, ки дар назди тарафҳои манфиатдор дар соҳаи таъмини об ва санитария дар Тоҷикистон меистад.

**<u>Тарафҳои қавӣ</u>**

- Ҳукумати Тоҷикистон дар таъмини устувории бахши об ва ҳамкории байналмилалӣ, ҳифзи иншоотҳои об сиёсати фаъолро пеш мебарад;
- Майдони кофии ҳуқуқӣ барои танзими муносибатҳои вобаста ба об дар кишвар вуҷуд дорад;

- Системаи пардохти хадамот барои хидматҳои расонидани об ба истеъмолкунандагон, ҳамчунин барои хадамоти корез, вуҷуд дорад;
- Системаи мақомоти махсуси салоҳиятдори идоракунии истифода ва ҳифзи захираҳои об: вазоратҳо, кумитаҳо, корхонаҳои воҳиди давлатӣ вуҷуд дорад;
- Дар қисми зиёди кишвар системаҳои таъмини мутамаркази об сохта шудаанд;
- Мавҷудияти ҳайати кормандони муҳандисӣ-техникӣ барои сохтмон ва барқарорсозии зерсохтори об;
- Системаи давлатии назорат аз рӯи истифода ва ҳифзи иншоотҳои об вуҷуд дорад;
- Давлат таъсис додани созмонҳои ҷамъиятиро бо ҳадафи ҳифз, истифодаи системаҳои дохилихоҷагӣ, ки таҳти истифодаи муштарак ва инфиродӣ қарор доранд, барои тақсимоти одилона, муассир, саривақтии об дар байни аъзоёни он ва истифодабарандагони дигари об, ҷамъоварии воситаҳо барои таъмини об, ҳалли мубоҳисаҳо дар байни аъзоён ва истифодабарандагони дигари об дар хусуси тақсимот ва истифодаи об ҳавасманд менамояд;
- Изҳори ҳавасмандӣ аз ҷониби донорҳо барои расонидани кӯмак ба зербахши таъмини об ва санитария, аз ҷумла, дар минтақаҳои деҳо.

**<u>Ҷиҳатҳои заиф</u>**

- Ба андозаи назаррас, бахши оби Тоҷикистон аз кӯмак ва ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ вобаста аст;
- Талошҳо дар баргузор кардани ислоҳот оид ба масъалаҳои таъмини об ва санитария ба интизориҳо дар сатҳи баланд дар сохторҳои ҳукуматӣ, ҳам дар байни истеъмолкунандагон дар маҳалҳо мувофиқат намекунад;
- То ин замон санадҳои зерқонуние амал менамоянд, ки дар замони шӯравӣ қабул шудаанд ва бо талаботи муосир мувофиқат намекунанд, ҳамзамон фаъолияти мақомоти салоҳиятдорро такрор мекунанд. Ҳолатҳое мешавад, ки санадҳои нав барои иттилооти умум нашр намешаванд, ки дастрасии маҳдуд ба иттилоот аст;
- Ҳангоми таҳияи таърифаҳо барои расонидани хидматҳо хароҷот барои амалиёт ва хидматрасонӣ ба назар гирифта намешаванд, ки ба фарсудашавии минбаъдаи таҷҳизот, музди пасти меҳнати кормандони бахши об ва фирори мутахассисони баландихтисос аз соҳа бурда мерасонад; набудани бақайдгирии дақиқи об ва назорати қувваи истеъмолшавандаи барқ; бедаромадии корхонаҳову созмонҳо, набудани ҳавасмандии сармоягузори

потенсиалӣ барои маблағгузорӣ кардан ба истеҳсолот;

- Системаи идоракунии захираҳои об дар байни созмонҳои гуногуни давлатӣ тақсим карда шудааст; идоракунии захираҳои об тақрибан пурра аз ҷониби созмонҳои давлатӣ амалӣ карда мешавад; ҳуқуқҳои асосии идоракунӣ дар марказ тамаркуз шудааст; принсипи ҷамъиятӣ-хусусии шарикӣ истифода бурда намешавад; иштироки аҳёни (нодири) бахши хусусӣ, ки бештар хусусияти иҷтимоӣ дорад;
- Зерсохтори об беш аз нисф фарсуда шудааст, таҷҳизот аз нуқтаи назари техникиву ахлоқӣ кӯҳна шудааст, дар муқоиса бо меъёрҳои пешбинишуда таҷҳизоти фарсуда қувваи зиёдтари баркро истеъмол мекунад; фарсудашавии зерсохтори об бе кӯмаки мувофиқ идома дорад;
- Системаи мавҷудаи давлатии назорат аз рӯи истифода ва ҳифзи иншоотҳои об барои пурра иҷро кардани вазифаи худ бо сабаби маҳдудияти техникӣ, иқтисодӣ ва кадрӣ қодир нестанд;
- Ассотсиатсияи мавҷудаи истифодабарандагони об танҳо шахсони ҳуқуқиро ва танҳо бо мақсади ҳалли масъалаҳои вобаста бо обёрӣ муттаҳид менамояд. Созмони ҷамъиятие, ки истифодабарандагони об – шахсони воқеиро бо ҳадафҳои ҳифзи манфиатҳои онҳо ва ҳалли масъалаҳои мавҷудаи вобаста ба таъмини об ва санитария муттаҳид менамояд, вуҷуд надорад;
- Сарчашмаи ягонаи иттилоотӣ (сайти интернетӣ), аз ҷумла иттилооти оморӣ, ки аз он дар бораи вазъи аҳвол дар зерсохтор, инвентаризатсияи объектҳои таъмини об, вазъияти онҳо, оид ба лоиҳаҳои амалишуда ва амалишавандаи таъмини об ва санитария метавон иттилоот ба даст овард, вуҷуд надорад.

**<u>Имкониятҳо</u>**

- Раванди ислоҳоти бахши об идома дорад, ҳамзамон тарафҳои манфиатдор барои мусоидат намудан ба Ҳукумат ва Парлумони кишвар дар ин раванд, тавассути таҳияи пойгоҳи дар амал татбиқшавандаи қонунгузорӣ, ки ба шароиту талаботи муосири зербахши Тоҷикистон ҷавобгӯст, имконият доранд.
- Муаррифӣ кардани системаи равиши озод ва гуногуни таҳияи таърифаҳо барои хадамоти таъмини об ва санитария, бо мақсади таъмини даромаднокии корхона, кӯмаки давлат тавассути маблағгузории бевоситаву бавосита (андозҳои имтиёзнок, тахфифи мавсимии нархҳо ба қувваи барқ), андозҳои имтиёздор барои ҷалби сармояи хусусӣ ба системаи таъмини об; муаррифӣ кардани системаи ҷаримаҳо барои истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои об;
- Интихоб ва татбиқи моделҳои муассири хоҷагидорӣ бо истифодаи технологияҳои сарфакунандаи обу барқ;

**<u>Монеаҳо</u>**

- Бадшавии муносибатҳои сиёсиву иқтисодӣ бо кишварҳои ҳамсоя;
- Ҷонибдории яктарафаи раванди эҷоди қонун, идомаёбии риоя накардани қонун дар ҳама ҷо, идомаёбии дахолати васеи мақомоти маҳаллии ҳокимият ва фаъолияти хоҷагидории созмонҳои хоҷагии об;
- Ноқобилияти операторҳо дар пӯшонидани хароҷоти таҳвили об, лаҳзаҳои коррупсионии муносибатҳои муштараки байни созмонҳои хоҷагии об ва истеъмолкунандагони об, ҳамчунин мақомоти тафтишкунанда;
- Дарки норавшани корҳо дар зербахш, ки ба нобоварӣ дар баргузорииислоҳот бурда мерасонад, ҷалби нокифояи институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи донорӣ;
- Идомаи тӯлонии бӯҳрони иқтисодӣ ва норасоии воситаҳои молиявӣ барои иҷрои чорабиниҳои нақшавӣ, фирор ва норасоии кормандони баландихтисос дар система.

## 6. ХУЛОСА

Дар 10 соли охир барномаҳо, консепсияҳо ва санадҳои дигари сершумори дорои хусусияти стратегӣ қабул шудаанд, ки дар марҳилаи амалисозӣ қарор доранд. Дар натиҷаи ин, таърифаҳои таъсирбахш шуданд, ҳарчанд 1,77 сомонӣ барои м$^3$ оби ошомиданӣ ва 0,70 сомонӣ барои м$^3$ корез бошад ҳам, ҳанӯз ҳамаи хароҷоти вобаста ба амалиёт ва хидматрасонии техникии системаҳои мавҷудаи хоҷагии обро намепӯшонанд. Ҷамъоварии маблағ барои хадамоти расонидашуда дар солҳои охир беҳтар шудаанд ва тақрибан 80%-ро ташкил доданд (дар соли 2007 70% буд). Ҷамъоварии пардохтҳо барои об дар ҳамон ҷойҳое, ки лоиҳаи озмоишии насби ҳисобгарҳои об амалӣ мешаванд, ба таври назаррас афзуданд.

Маъракаҳои ҷамъияти оид ба воқифгардонӣ ва паҳн кардани маводҳои ИОК (Иттилоот, Омӯзиш, Коммуникатсия) ташкил карда шуданд. Дар натиҷа, одамон ба истифодаи бештар муассир ва пурмаҳсули об шурӯъ карданд, таъсири манфӣ ба муҳити атроф низ коҳиш ёфт. Низоъҳои иҷтимоӣ дар байни истифодабарандагони об камтар шуд, ҳарчанд ҷумакҳои об баста мешаванд ва об ба хонаҳои дурдаст мерасад.

Дар баробари ин, Ҳукумати ҶТ эътироф мекунад, ки дар бахши об ҳанӯз ҳам масъалаҳо вуҷуд доранд ва гузаронидани ислоҳоти ҳамаҷонибаи сохторӣ ва институтсионалӣ зарур аст. "***Ҳалли масъалаҳои об қисми ҷудонашавандаи Стратегияи миллии шуд ва Стратегияи паст кардани***

***камбизоатии ҷумҳурӣ мебошад. Дар замони кунунӣ кишвари мо мутобиқи нишондиҳандаҳои махсус ... истифодаи обро ба ҳар сари аҳолӣ дар Осиёи Марказӣ ҷойи охиринро ишгол менамояд***”[90]. Корхонаҳои таъмини об аз ҷониби истеъмолкунандагон на аз нуқтаи назари муассирии техникӣ ва фаъолияти иқтисодӣ, вале ҳамчун идомаи дастгоҳи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ баррасӣ мешавад. Дар натиҷа ҳамаи ин ба сатҳи пасти сифати хидматҳои расонидашаванда мусоидат менамояд. Ҳамзамон, дар сурати норасоии оби ошомиданӣ истеъмолкунандагон маҳз ба айбдор кардани корхонаи таъмини об ва корез майл доранд.

Равиши ҳамоҳангсозанда дар байни тарафҳои манфиатдор барои таҳвили системаҳои сохташудаи/барқароршудаи таъмини об ба моликияти хусусӣ вуҷуд надорад. Меъёрҳои муайяни роҳбарикунанда, ки барои таҳвил додани системаҳои барқароршуда ва/ё сохташудаи таъмини об таҳия шудаанд, вуҷуд надоранд. Вале “Тартиботи барасмиятдарорӣ, бақайдгирӣ ва додани иҷозатномаҳо барои истифодаи махсуси об”[91] вуҷуд дорад, ки низ такмил мехоҳад.

Системаҳои таъмини об аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ ба расмият даровaрда нашудаанд ва дар ягон тавозуне қарор надоранд. Одатан чунин системаҳо ба Кумитаҳои рушди деҳа (созмонҳои ҷамъиятие, ки фаъолияти худро дар ҷамоат амалӣ менамоянд) дода мешаванд. Ҳамзамон масъалаҳои вобаста бо нигоҳдорӣ ва хидматрасонии минбаъдаи онҳо ҳалношуда боқӣ мемонанд. Меъёрҳои қонунгузорӣ дар робита бо пулакӣ будан ё арзиши пардохт барои истифодаи онҳо татбиқ намешавад. Дар чунин мавридҳо, кӯшишҳои муқаррар кардани ягон гуна ҳаҷми пардохт ва ҷамъоварии маблағ барои истифодаи об натиҷаҳои назаррас ба бор намеоранд. Дар сурати рух додани садама ва нуқсонҳои дигар ба роҳбарияти Кумитаи рушди деҳа лозим меояд то барои бартараф намудани онҳо ба созмонҳои байналмилалӣ ва хайрхоҳ барои ба даст овардани кӯмак муроҷиат намояд.

Ҳисобҳо нишон медиҳанд, ки беш аз 25% об дар роҳ, 40-70% - дар шабакаи таъмини оби ошомиданӣ талаф мешавад. Истеъмоли об дар Душанбе 340-500 литрро барои ҳар нафар ташкил медиҳад. Ҳар сол истеъмоли об дар саросари кишвар барои ҳар як сари аҳолӣ 9.88 ҳазор $м^3$-ро ташкил медиҳад.[92].

Истифодаи бепарвоёнаи об, маблағҳои зиёди давлатӣ барои пӯшонидани хароҷотҳо барои нигоҳдории системаҳои таъмини оби ошомиданӣ меъёри сунъии истеъмоли барзиёди захираҳои обро дар Тоҷикистон дар замони шӯравӣ ташаккул додаанд.

Нақшаҳои стратегие, ки дар гузаштаи наздик таҳия шудаанд, бо назардошти тамоюли рушди муосири ҷомеа, бо иштироки доираи васеи кормандони касбӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ барои тақвият бахшидани

---

[90] Аз баромади Президенти Тоҷикистон дар ифтитоҳи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба бознигарии миёнамуддати рафти амалисозии Даҳсолаи байналмилалии (солҳои 2005-2015) амалиёти «Об барои ҳаёт», Душанбе, 8 июни соли 2010. Нишонии вебсафҳа: http://www.asiaplus.tj/news/48/66176.html

[91] Тартибот аз ҷониби раиси Кумитаи давлатии ҳифзи муҳити зист ва хоҷагии ҷангали ҶТ аз 20 январи соли 2005 тасдиқ шудааст.

[92] Бонки Ҷаҳонӣ, пойгоҳи додаҳои «AQUASTAT»-и Созмони Озуқаворӣ ва Кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид

чораҳои воқифият ва масъулият дар амалисозии онҳо дар сатҳи маҳаллӣ таҷдидро талаб мекунанд. Санадҳои асосӣ мисли СМР, ССПСКС, СБО ҳанӯз ба тарафҳои манфиатдор дар минтақаҳои деҳот дастрас нестанд. Нақшаҳои стратегии давлатӣ паҳнкунии васеътарро талаб мекунанд ва бояд дар асоси методологияи такякунанда ба назорати натиҷаҳои SMART таҳия шаванд[93].

Бисёр созмонҳои давлатие вуҷуд доранд, ки ба идоракунии захираҳои об ҷалб шудаанд, вале дар байни танзимкунандагон, операторҳо, соҳибон ва созмонҳои дигар, ки ба таъмини оби ошомиданӣ, барои нигоҳ доштани системаи мавҷудаи таъмини об, эҷоди системаҳои нав бар ивази системаҳои кӯҳна, корношоям ва ғ. доираи дақиқи салоҳиятҳо вуҷуд надорад. Дар замони кунунӣ лоиҳаи "Таъмини об ва санитария дар Тоҷикистон", ки аз ҷониби ШУРС маблағгузорӣ ва аз тарафи Оксфам амалӣ мешавад, аз рӯи таъсис додани шӯрои байниидоравии ҳамоҳангсоз оид ба масъалаҳои таъмини об ва санитария дар сатҳи миллӣ кор мебарад. Кори мазкур аз ҷониби БРСММ аз моҳи июли соли 2010 оғоз намуда то моҳи декабри 2012 мусоидат карда мешавад.

Доираи дақиқи салоҳиятҳо дар байни танзимкунанда ва оператори зербахш вуҷуд надорад, ки ба эҷод намудани шароитҳои бештар мусоид барои рушди хадамоти расонидашаванда, ҳамоҳангсозӣ, назорати сифат ва муассирӣ, ҳифзи муҳити зист, иштироки бахши хусусӣ, эҷоди механизмҳои шарикии ҷамъиятиву хусусӣ, содда кардани монеаҳои маъмурӣ, даромадоварии хадамот ва афзоиши дастгирии давлат имкон медод.

Маблағгузориҳо аз буҷети Вазорати мелиоратсия ва захираҳои об барои "Тоҷикобдеҳот" хароҷоти амалиётиро намепӯшонанд ва барои нигоҳдорӣ хеле каманд. Дар замони шӯравӣ ин буҷет 9 миллион рублро ташкил медод (ҳамон вақт, беш аз 9 миллион доллари амрикоӣ). Дар соли 2010 аз буҷети марказӣ ТОД 1217597 сомонӣ ба даст овард, ки дар муқоиса бо соли 2007 (300,000 сомонӣ) хеле зиёд аст. Аз маблағи ҷудошуда дар соли 2010, тақрибан 1 млн. танҳо барои музди меҳнати кормандони дастгоҳи марказии ТОД пешбинӣ шудааст. Маблағи боқимонда (беш аз 217 ҳазор сомонӣ) барои маблағгузории ҳамаи фаъолиятҳои дигар, аз ҷумла, маблағгузории 23 созмони тобеи ТОД пешбинӣ шудааст. Мутобиқи ҳисобҳои пешакӣ барои маблағгузории хоксоронаи ҳамаи системаҳои ТОД барои соли 2011 тақрибан 7 млн. сомонӣ зарур аст.

Норасоии кормандони мутахассис дар созмонҳои давлатӣ вуҷуд дорад. Бисёрии онҳое, ки дар пештар дар лоиҳаҳои аз тарафи донорҳо маблағгузоришаванда кор мекарданд, ба кори дигари дорои маоши хуб мегузаранд ё берун аз ҷумҳурӣ, масалан, ба Россия мераванд ё ба созмонҳои байналмилалӣ ё бахши хусусӣ ба кор медароянд. Сабаби

[93] SMART – specific (бар асоси худ бояд махсус бошанд), measurable (муваффақиятҳо ва натиҷаҳо бояд андозашаванда бошанд), achievable (ва муваффаsшаванда), realistic (воқеӣ дар робита бо вазъи корҳо), time bound (ҳамчунин дар чаҳорчӯбаи муайяни вақт мутобиқ шудаанд))

асосӣ дар он аст, ки одамон аз подоши умумии аз ҷониби созмонҳои давлатӣ додашаванда қаноатманд ё манфиатдор нестанд.

Таъсирбахшӣ ва устуворӣ ҳангоми сохтмони системаҳои таъмини об тақрибан ба эътибор гирифта намешавад. Системаҳои амалнакунандаи барқароршудаи/сохташудаи таъмини об дар Тоҷикистон хеле маъмуланд. Таъмини тағйирёбандаи нерӯи барқ, хидматрасонии бад, маблағҳои маҳдуди молиявӣ барои амалисозии корҳои хурди таъмир ё набудани малакаҳои қабули қарор оид ба масъалаҳои асосӣ, сифати пасти маводҳои сохтмонӣ ва набудани дастрасӣ ба қисмҳои эҳтиётӣ танҳо чанде аз сабабҳои корношоямист. Ҷамоатҳо бештар барои маблағгузории иловагӣ ба ҳамон донор ё донори дигар ҷиҳати барқарор кардани системаи корношоям муроҷиат менамоянд.

Умедворкунанда ин аст, ки намояндагони ҷомеаи байналмилалӣ дар Тоҷикистон ба расонидани кӯмаки техникӣ ба Тоҷикистон барои ҳалли ин масъалаҳо ҳавасманд аст.

## 7. ТАВСИЯҲО

Баъзе тавсияҳое, ки дар гузориши "Идоракунии захираҳои об дар Тоҷикистон" барои соли 2007 пешниҳод шудаанд, қисман амалӣ шудаанд, маҳз:

1) Муттаҳид кардани талошҳо барои қабули қонунҳои нав дар бораи таъмини бехатари оби ошомиданӣ, ки нақши таъминкунандагони оби ошомиданиро муайян менамояд. *Лоиҳаи Қонуни ҶТ "Дар бораи об ва таъмини он" таҳия карда шуд, ки аз ҷониби Ҳукумати кишвар тасдиқ шудааст ва барои баррасӣ ба Парлумон пешниҳод шудааст*[94]. ***Вале ин лоиҳаи қонун нақши таъминкунандагони оби ошомиданиро пешбинӣ намекунад, ки ҳангоми баррасӣ ва қабули лоиҳаи қонун дар Парлумон ба эътибор гирифтан зарур аст.***
2) Ташкил намудани машваратҳо бо тарафҳои дахлдори манфиатдор, аз ҷумла намояндгони ҷомеаи шаҳрвандӣ, бо ташаккул додани сиёсат, қонунҳои нав ва ғ. Додани имконияти иштирок кардан ва фаъолона ҷалб шудан ба чунин равандҳо таъсири мусбат мекунад ва барои ҳамаи тарафҳо муфид хоҳад буд. *Бо саъю кӯшиши созмонҳои байналмилалӣ муколамаи фаъолияти муштарак дар сатҳи миллӣ "Шабакаи созмонҳои шарик оид ба таъмини устувори об ва санитария дар Тоҷикистон" ташкил карда шуд, ки дар кори он намояндагони Ҳукумати Тоҷикистон, СММ, СҒД, ҳамчунин ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои бахши хусусӣ мунтазам иштирок мекунанд. Фаъолияти Шабакаи мазкур ба амалисозии фаъолиятҳои зер низ равона шудааст:*

а) Тавсияҳо ба созмонҳои амаликунанда (СММ/СҒД-и байналмилалӣ)

[94] Қарори Хукумати ҶТ аз 1 июли соли 2010, №324.

оид ба амалисозии тарғиботи (семинарҳо, конфронсҳо, симпозиумҳо) гуногунмиқёси (миллӣ, минтақавӣ, ноҳиявӣ), муҳокимаҳо дар фокус-гурӯҳҳо, мизҳои мудаввар, маъракаҳои ҷамъиятӣ, чорабиниҳо ва иштирок дар сиёсати/фаъолиятҳои мунтазами тарғиботӣ;

б) Тавсияҳо ба донорҳо ва ИМБ дар бораи идомаи машваратҳои муштараки тарафҳои манфиатдор (Ҳукумати ҶТ, созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, СММ, СҒД-и байналмилалӣ ва ғ.) бо ҳадафи муайян намудани талаботи афзуда ба маблағгузорӣ ва амалисозии муассири стратегияҳои асосии миллӣ, ки масъалаҳои обро фаро мегиранд, ҳамчунин эъломияҳои байналмилалие мисли ҲРҲ.

3) Баланд бардоштани сатҳи фаҳмиши доираи васеи ҷамъият барои зарурати коҳиш додани талафоти об ба воситаи ташкил намудани маъракаҳои ҷамъиятӣ, паҳн кардани маводҳои ИОК ва эълонҳои рекламаи ҷамъиятӣ. *Чорабиниҳои рекламавӣ оид ба истифодаи сарфакоронаи об ва дар ҳолати муқаррарӣ нигоҳ доштани системаҳои таъмини об мунтазам баргузор мешаванд.*

4) Таҳия намудани лоиҳаҳо барои насби васеи ҳисобгарҳои об, ки ба банақшагирии равандҳои муассири истеъмол об бурда мерасонад ва таъсири манфиро ба муҳити зист коҳиш медиҳад, чунки одамонро лозим меояд ба оби истеъмолшуда пардохт кунанд ва захираҳои обро муассиртар истифода баранд. *Амалисозии чунин лоиҳаҳо дар баъзе вилоятҳо, шаҳрҳо ва марказҳои ноҳияҳо, мисли Душанбе, Хуҷанд ва г. огоз шудаанд.*

5) Амалисозии таҳлили SWOT (дохиливу берунӣ) барои ҳар як созмони давлатии манфиатдор ва баъд ба таври муштарак тартиб додани он дар ҳамкории наздик ва баргузор кардани чунин машваратҳо зарур аст. *Таҳлили SWOT аллакай барои ВМЗО, "ТоҷикОбДеҳот" ва арзёбии умуман вазъи бахши об гузаронида шудааст*[95]. ***Ҳамин низ барои таъминкунандагони об, созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва операторҳои хусусӣ муфид хоҳад буд то имкониятҳои онҳо арзёбӣ ва эҳтиёҷоти онҳо барои рушд ва расонидани кӯмак ҳангоми рӯ овардан ба ин эҳтиёҷот муайян карда шаванд. Натиҷаҳои таҳлили мазкур метавонанд барои роҳбарияти тарафҳои дигари манфиатдор мисли мақомоти махсуси салоҳиятдори давлатӣ оид ба танзими истифода ва ҳифзи об, Вазорати тандурустӣ ва ХНСЭ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Водоканалҳо ва ХМК намуна бошанд.***

Вале бисёр тавсияҳои дар гузориши "Идоракунии захираҳои об дар Тоҷикистон" барои соли 2007 пешниҳодшуда ва амалинашуда то ҳол рӯзмарра мебошад ва фавран оғоз намудани амалисозии онҳо зарур аст. Тавсияҳои мазкур бо дарназардошти талаботи муосир анҷом дода шуданд, маҳз:

95 Барномаи рушди бахши оби Тоҷикистон, Душанбе, ноябри соли 2009.

1) Таъмин намудани дастрасӣ ҳар нафар ба ҳамаи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва санадҳои дигар, аз ҷумла тавассути ҷойгир кардани онҳо дар шабакаи интернет, барои ҳамаи тарафҳои дахлдори манфиатдор. Паҳн кардани ин ва маводҳои дигар дар байни шарикони дахлдор (СҒД-и байналмилалӣ, СММ, созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ, ВАО, мақомоти ҳокимияти иҷроия дар ҳамаи сатҳҳо) барои ташаккули тафоҳуми умум низ хеле муфид хоҳад буд.
2) Пайгирӣ кардан аз принсипи ғайримутамаркази идоракунии захираҳои об дар минтақаҳои деҳот бо ҷалби фаъоли таъминкунандагони давлатӣ, ҷамъиятӣ ва хусусии хадамот, аз ҷумла бар асоси иштироки муштараки худи истеъмолкунандагон, чунки созмонҳои дахлдори давлатӣ бо оби ошомиданӣ таъмин намудани бисёр ноҳияҳои деҳоти Тоҷикистон имконият надоранд.
3) Таҳия намудани таърифаҳои асоснок ва муассир, татбиқ намудани онҳо ба сифати озмоиш дар ноҳияҳои озмоишӣ ба хотири боварӣ ҳосил кардан ба қобили зист будани онҳо ва гузоштани таҳкурсӣ барои татбиқи минбаъдаи онҳо дар ҳамаи саросари ҳудуди ҷумҳурӣ;
4) Ташкил намудани фаъолиятҳои тарғиботии (семинарҳо, конфронсҳо, гурӯҳҳои корӣ, муҳокимаҳо дар фокус гурӯҳҳо, мизҳои мудаввар, маъракаҳои ҷамъиятӣ-рекламавӣ) васеъмиқёс (дар сатҳҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ) ҳам барои худи истифодабарандагони об, ҳам барои тарафҳои дигари манфиатдор ва фаъолона иштирок намудан дар таҳияи сиёсат/фаъолияти тарғиботӣ, ки аз ҷониби иштироккунандагони дигари зерини раванд ташкил шудаанд:

а) Бознигарии қонунгузорӣ оид ба таъмини об, такмил додани банақшагирии стратегӣ,

б) Сохторбандии дубораи мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроия бо ҳадафи баланд бардоштани таъсир, муассирӣ ва ҳосилнокии фаъолиятҳои онҳо,

в) Муайян кардани нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ дар масъалаҳои таъмини об ва санитария, мисли иштироки муштараки онҳо дар сохтан, амалиёт, ташкили коршоямии доимӣ ва бехатарии системаҳои умумии таъмин ва истифодаи об,

г) Мониторинг ва бознигарии буҷети бахши таъмини об ва санитария, таҳияи таърифаҳои гуногун мутобиқи таҷрибаи байналмилалӣ ва бо дарназардошти шароитҳои маҳаллӣ,

ғ) Дастгирии техникӣ, институтсионалӣ ва иҷтимоии устувории системаҳои таъмини оби ошомиданӣ,

д) Ташкил ва расонидани кӯмаки техникӣ (мисли баргузор кардани кори тарғиботӣ) дар кори истифодаи дуруст ва муассир ва нигоҳдории минбаъдаи системаҳои таъмини об ва санитария,

е) Ҷустуҷӯи донорҳо, спонсорҳо ва сармоягузорони нав барои маблағгузории минбаъдаи зербахши таъмини об ва санитария бо имконияти иштироки муштараки худи истифодабарандагони об,

5) Ҳангоми таҳия ва амалисозии лоиҳаи таъмини об таъмин намудани интихоби дуруст дар истифодаи технологияҳо (содда, дастрас, дар сатҳи маҳаллии системаҳои таъмини об идорашаванда), ҳамчунин дар интихоби ҳайати кормандони омодашуда ва мутафаккир бо ҳадафи дар оянда таъмин намудани муассирӣ, маҳсулнокӣ ва устувории система;

6) Фаъолона ҷалб кардани соҳибони потенсиалии системаҳои таъмини оби ошомиданӣ ба ҷараёни ҳамаи сикли лоиҳа ва нигоҳ доштани иштироки фаъолона дар чунин шаклҳои фаъолият мисли:

а) Лоиҳакашӣ ва сохтмони системаи таъмини об,

б) гузаронидани тренинг оид ба эҷоди тавонмандӣ,

в) ба ҳимояи муқаррарсозии таърифаҳои одилона, ҷамъоварии саривақтии пардохт, амалиёти доимӣ ва хидматрасонии техникӣ, баланд бардоштани воқифияти ҷамъият дар бораи истифодаи муассири захираҳои об ва ғ. бархостан;

7) Ҳангоми ташкил ва баргузории таълим оид ба эҷоди тавонмандӣ барои операторони системаҳои таъмини оби ошомиданӣ бояд ба чунин масъалаҳо тамаркуз намояд:

а) амалиёт ва хидматрасонии техникӣ,

б) системаи шаффофи идоракунии молиявӣ (тартиб додани буҷет, системаи таърифаҳо, ҷамъоварии пардохт ва қайдҳои молиявӣ,

в) малакаҳои муомила ва омӯзиши одамон ба дарки истифодаи сарфакоронаи захираҳои об;

8) Бо ҳадафҳои кам кардани талафоти об баланд бардоштани сатҳи воқифияти истифодабарандагони об бо роҳи ташкил намудани маъракаҳои ҷамъиятӣ, эълонҳои рекламавӣ, паҳн кардани маводҳои иттилоотӣ-омӯзишӣ ва коммуникативӣ;

9) Бо мақсади банақшагирӣ ва истеъмоли оқилонаи об, кам кардани таъсири зиёновар ба муҳити атроф, ҳамчунин ташкили пардохти мутаносиб ба оби истеъмолшаванда, таҳия ва амалӣ кардани лоиҳаҳо оид ба насби бузургмиқёси ҳисобгарҳои об;

10) Таҳия намудани лоиҳаҳо барои насби васеи ҳисобгарҳои об, ки ба банақшагирии равандҳои муассири истеъмоли об ва коҳиш додани таъсири манфӣ ба муҳити атроф бурда мерасонад, чунки он вақт одамон ба оби истеъмолшаванда пардохт хоҳанд  кард ва захираҳои обро бештар муассир истифода хоҳанд бурд;

11) СҒД ва ҷомеаҳои маҳаллӣ бояд донорҳо ва ИМБ-ро дар бораи ҷонибдорӣ намудани ташаббусҳои аз онҳо сарзананда огоҳ созанд, то

донорҳо ва ИМБ натиҷаҳои ин корро дар рафти муҳокима бо Ҳукумати ҶТ ва муқаррар сохтани афзалиятҳо дар маблағгузории талабот дар назар гиранд.

Чӣ тавре таҳлили мазкур нишон медиҳад, ***бо мақсади эҷоди шароити мӯътадил барои муваффақшавии минбаъда ба ҲРҲ, коҳиши марҳилавии камбизоатӣ ва таъмини аҳолӣ бо оби ошомиданӣ,*** ғайр аз амалисозии тавсияҳое, ки дар гузориши "Идоракунии захираҳои дар Тоҷикистон" барои соли 2007, ***фаъолиятҳои зеринро низ амалӣ кардан зарур аст:***

**Тавсияҳо ба Ҳукумат ва парлумони ҶТ:**

- Ташкил намудани таъмини бехатарии ҳавзҳои ҷамъоварии об, обанборҳо ва умуман, системаҳои таъмини об;
- Баррасӣ намудани имконияти бознигарии меъёрҳо ва қоидаҳои сохтмонӣ, ки масъалаҳои таъмини об ва корезро танзим мекунанд, махсусан ҳамон меъёрҳо ва қоидаҳое, ки ҳанӯз дар замони шӯравӣ қабул шудаанд ва то замони кунунӣ дар ҳудуди Тоҷикистон фаъоланд;
- Таъмин намудани дастрасии ҳар нафар ба ҳамаи лоиҳаҳои санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмини об ва санитария барои омӯзиш, таҳлили умумӣ, ташаккули равиши ягона ба масъалаҳои баҳснок ва омода кардани тавсияҳо барои такмили онҳо;
- Дубора баррасӣ намудани стратегияи афзалиятнок дар соҳаи таъмини об ва додани баъзе ваколатҳо ба ХМК ё таъсис додани идораи нави дорои сохторҳо дар маҳал, дар мисоли собиқ Вазорати хоҷагии коммуналӣ. Ҳамзамон, ба онҳо додани ваколатҳои вобаста ба таъмини об дар деҳот, ки ТоҷикОбДеҳот дар ҳоли ҳозир ба ин кор машғул аст, ҳамчунин вазифаи оператор дар таъмини оби ошомиданӣ ва хадамоти корез барои сокинони деҳот. Идораи мазкур низ бояд нақши танзимкунандаро дар ҷалби операторҳои хусусиву ҷамъиятӣ бар асоси шартнома бозад.
- Таҳия намудани механизми андешидашуда, пайдарпай ва марҳила ба марҳилаи амалисозии қонунгузории амалкунанда, ки масъалаҳои танзими муносибатҳоро дар соҳаи таъмини об ва муқаррарсозии кафолатҳои давлатӣ дар таъмини аҳолӣ бо дастрасии доимӣ ба оби босифат ва бехатари ошомиданӣ, ба таври диқиқ муайян кардани ваколатҳо, ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои субъектҳои муносибатҳои қонунӣ дар соҳаи таъмини об ва санитария метавонад ҳал намояд.
- Бо дарназардошти вазъият ва амалияи бaамаломада, баррасӣ намудани имконияти ворид кардани тағйиротҳо ба қонунгузорӣ фаъолиятҳои зерро рухсат диҳад:

  а) истифодаи объектҳо бар асоси созишномаҳои консессионӣ байни соҳиби давлатӣ ва оператори ҷамъиятӣ / хусусӣ;

  б) хусусигардонии системаҳои ғайримутамаркази (маҳаллии) таъмини об бо тақвият бахшидан ба чораҳои масъулияти соҳибони ояндаи

онҳо дар таъмини дастрасии истифодабарандагони дигар ва барои нигоҳдории ҳолати ин системаҳо;

- Бо мақсади коҳиш додани мӯҳлатҳо ва содда кардани тартиботи вобаста ба таъмини об дар қонунгузорӣ пешбинӣ кардани системаи гирифтани иҷозатномаҳо барои истифодаи об мутобиқи принсипи "Равзанаи ягона" дар мисоли бақайдгирии соҳибкорӣ[96] ё гирифтани иҷозатномаҳо барои сохтмон зарур аст[97].
- Дубора баррасӣ кардани системаи нархгузорӣ, таҳия, ҳамоҳангсозӣ ва тасдиқи таърифаҳо барои хадамоти таъмини об бо ҳадафи таъмин намудани арзиши воқеии ин хадамот;
- Таҳия намудани нақшаи сохтмони гурӯҳии системаҳои таъмини об ва гузариш аз системаҳои муваққатии таъмини об ба системаи доимии таъмини об;
- Ташкил кардани инвентаризатсияи умумиҷумҳуриявии объектҳои таъмини об ва санитария, систематикӣ кардани кори мазкур аз поён ба боло, ҳамзамон таъмин намудани ҷараёни иттилоот барои қабули қарор аз ҷониби хадамот ва созмонҳои масъул;
- Нашр намудани иттилооти расмии оморӣ бо дарназардошти талаботи донорҳо ва сармоягузорони манфиатдор бо ҳадафи банақшагирии минбаъдаи фаъолияти онҳо дар эҷоди системаҳои нав ва дастгирии системаҳои мавҷудаи таъмини об ва корез дар деҳот, мисли:

  а) Дастрасии аҳолӣ ба сарчашмаҳои таъмини оби ошомиданӣ ва корез умуман дар саросари ҷумҳурӣ ва дар минтақаҳо.

  б) Таносуби дастрасии аҳолии шаҳру деҳот ба сарчашмаҳои таъмини об ва корез.

  в) Шумораи системаҳои таъмини об ва таносуби дарсадии соҳибони онҳо байни бахши давлатӣ ва бахши хусусӣ.

  г) Шумораи лоиҳаҳои амалишаванда дар соҳаи таъмини об, саҳми давлат, сармоягузорон ва донорҳои байналмилаливу маҳаллӣ.

  ғ) Таърифаҳо ба оби ошомиданӣ умуман дар саросари ҷумҳурӣ ва дар минтақаҳо ва ғ.

**Тавсияҳо барои созмонҳои иҷрокунанда (муассисаҳои СММ / СҒД-и байналмилалӣ)**

- Ҳангоми такмил додани системаҳои мавҷуда ва/ё сохтмони системаҳои нави таъмини оби ошомиданӣ пайгирӣ кардан аз "*Тартиби гузаштани тартиботи маъмурии вобаста ба амалисозии фаъолиятҳои сохтмонӣ дар ҶТ*"[98], "*Қоидаҳои насб ба шабакаҳои*

[96] Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 майи соли 2009, №508.
[97] Тартиби гузаштан аз тартиботи маъмурии вобаста ба амалисозии фаъолияти сохтмонӣ дар ҶТ, ки мутобиқи қарори Ҳукумати ҶТ аз 6 майи соли 2009 таҳти рақами 282 тасдиқ шудааст.
[98] Тартиб мутобиқи қарори Ҳукумати ҶТ таҳти рақами 282 аз 6 майи соли 2009 тасдиқ шудааст.

*муҳандисӣ ва расонидани хадамоти коммуналӣ*”[99] ва санадҳои дигари меъёриву ҳуқуқие, ки дар чаҳорчӯбаи барномаҳои такмил додани муҳити сармоягузорӣ ва муҳити соҳибкорӣ қабул шудаанд;

- Ташкил намудани омӯзиши мунтазами санадҳои амалкунанда ва нав қабулшудаи меъёриву ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмини об ва санитария, махсусан санадҳои нав қабулшуда ҳам барои аҳолӣ, ҳам барои сохторҳои дахлдор, ки амалисозии онҳо дар маҳалҳо аз онҳо бевосита вобаста аст;
- Ташкил намудани кори шарикона бо ҳамаи тарафҳои дахлдори манфиатдор, аз ҷумла намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳангоми таҳияи стратегияҳо ва сиёсати нав дар соҳаи таъмини оби ошомиданӣ, аз ҷумла, ҳангоми таҳия ва қабули қонунҳо ва санадҳои дигари меъёриву ҳуқуқӣ;

**Тавсияҳо барои донорҳо ва ИМБ:**

- Мусоидат намудан ба таъсиси шӯрои байниидоравии ҳамоҳангсоз дар сатҳи миллӣ, ки намояндагони ҳамаи вазоратҳову идораҳои ба раванди таъмини об ва санитария ҷалбшударо дар бар гирад;
- Интихоб намудани ноҳияҳои озмоишӣ барои таҳия, амалисозӣ, танзим ва мониторинги лоиҳаҳо дар соҳаи таъмини оби ошомиданӣ ва санитария, тақвият бахшидан ба тавонмандии мақомоти маҳаллии ҳокимият, намояндагони бахши хусусӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ ва худтанзимкунанда;
- Таъсис додани хазинаҳои эътимод ҳамчун модели озмоишӣ оид ба дастгирии сармоягузориҳо дар ноҳияҳои интихобшуда барои расонидани кӯмаки молиявӣ дар амалисозии лоиҳаҳои таъмини оби ошомиданӣ ва санитария, бар асоси натиҷаҳои корҳои таҳқиқотӣ ва лоиҳаҳои санҷишии озмуда.

**Тавсияҳои умумӣ:**

- Масъалаи стратегияи маблағгузории донорӣ бояд дақиқтар мавриди арзёбии минбаъда қарор гирад то сурати умумии фаъолияти ҷомеаи донорӣ бо ҳадафи омор ва ҳамоҳангсозии минбаъдаи фаъолияти ҳамаистарафҳои манфиатдор дар самти таъмини оби ошомиданӣ ба даст оварда шавад.
- Ғайр аз омӯхтани амалия ва таҷрибаи Тоҷикистон, дар чаҳорчӯбаи таҳқиқи ба ин монанд таҷрибаи дахлдори пешқадами хориҷӣ, ки бо дарназардошти воқеият, тамоюли рушд ва талаботи имрӯза дар Тоҷикистон татбиқпазир аст, бояд омӯхта шавад.

---

[99] Қоидаҳо мутобиқи қарори Ҳукумати ҶТ таҳти рақами 531 аз 1 октябри соли 2009 тасдиқ шудаанд.

- Ба таври дақиқ таҳлил намудани масъалаи иштироки бахши хусусӣ дар раванди таъмини оби ошомиданӣ, махсусан дар раванди таъсис, истифода ва нигоҳдории системаҳои таъмини оби ошомиданӣ, зарур аст.
- Бо ҳадафҳои муайянсозии минбаъдаи талаботи аввалиндарача ба маблағгузорӣ, иҷрои муассири стратегияҳо ва барномаҳои асосие, ки масъалаҳои истифодаи об ва санитарияро, ҳамчунин иҷрои пурра ва саривақтии санадҳои байналмилалии меъёриву ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби Тоҷикистон эътироф шудаанд (мисли Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола ва ғ.), фаро мегиранд, идома додани машваратҳои ҳамаи тарафҳои манфиатдор зарур аст.

***Амалисозии тавсияҳои мазкур метавонад ба тарафҳои манифатдор дар эҷоди шароити мӯътадил барои минбаъд муваффақ шудан ба ҲРҲ, марҳила ба марҳила паст кардани сатҳи камбизоатӣ кӯмак кунанд ва ба натиҷаҳои зер хоҳад овард:***

- ***Такмили фаъолияти муштарак ва ҳамкории байни тарафҳои манфиатдор ба воситаи эҷоди шабакаи ба таври таъсирбахш коркунанда оид ба таъмини устувори об ва санитария;***
- ***Ҷалби маблағгузории иловагӣ аз ҷониби донорҳо дар сатҳи маҳал (ноҳия);***
- ***Татбиқи равишҳои навоварона дар ҳалли масъалаҳои вобаста ба устувории системаҳои таъмини об ва санитария дар деҳот, аз ҷумла намунаҳои таҳияи таърифаҳо, амалиёт, тарроҳии системаҳои таъмини об;***
- ***Интегратсияи чунин масъалаҳое мисли идоракунии таъсирбахш ва кам кардани хатари офатҳои табиӣ;***
- ***Тағйирот дар пойгоҳи ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ оид ба масъалаҳои таъмини оби ошомиданӣ ва санитария;***
- ***Интихоб, озмоиш ва таҳияи методҳо ва равишҳои муассири идоракунӣ, амалиёт ва хидматрасонии техникии системаҳои таъмини оби ошомиданӣ ва санитария дар деҳот ва г.***

## 8. ЗАМИМАҲО

***Замимаи 1. Феҳристи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, ки масъалаҳои таъмини оби ошомиданӣ ва корезро танзим мекунанд***

| | Номи санади меъёриву ҳуқуқии ҶТ | Таърихи қабул ва № НПА |
|---|---|---|
| | Сарқонуни ҶТ (дар натиҷаи раъйпурсии умумӣ, ки 22 июни соли 2003 баргузор гардид, тағйирот ворид карда шуданд) | 6 ноябри соли 1994 |
| | **Кодексҳои ҶТ** | |
| 1. | Кодекси замини ҶТ (дар таҳрири Қонунҳои ҶТтаҳти №498 аз 12.12.1997, №746 аз 14.05.1999, №15 аз 12.052001, №23 аз 28.02.2004, аз 28.07.2006, №199 аз 5.01.2008, №357 аз 18.06.2008, №405) | Аз соли 1992 |
| 2. | Кодекси ҷангали ҶТ (дар таҳрири Қонунҳои ҶТ аз 15.05.1997, №421, аз 5.01.2008, №352, аз 18.06.2008, №406) | Аз соли 1993 |
| 3. | Кодекси ҷиноии ҶТ (дар таҳрири Қонунҳои ҶТ аз 13.11.1998, № 684, аз 12.03.1999, №498, аз 12.03.2001, №498, аз 12.05.2001, №6, аз 2.12.2002, №89, аз 1.08.2003, №33, аз 17.05.2004, №35, аз 15,07.2004, №46, аз 1.03.2005, №86, аз 25.07.2005, №97, аз 26.12.2005, №125, аз 30.07.2007, №301, аз 5.01.2008, №339, аз 18.06.2008, №386, №389, аз 6.10.2008, №422, аз 31.12.2008, №451, 457, аз 26.03.2009, №487, аз 5.08.2009, №547, аз 11.03.2010, №600) | Аз соли 1998 |
| 4. | Кодекси шаҳрвандии ҶТ (дар таҳрири Қонунҳои ҶТ аз 6.08.2001, №41, аз 3.05.2002, №5, аз 1.03.2005, №85, аз 29.04.2006, №180, аз 12.05.2007, №247, аз 11.03.2010, №601) | Аз соли 1999 |
| 5. | Кодекси оби ҶТ (дар таҳрири Қонунҳои ҶТ аз 3.03.2006, №174, аз 20.03.2008, №381, аз 3.12.2009, №572) | Аз соли 2000 |
| 6. | Кодекси андози ҶТ (дар таҳрири Қонунҳои ҶТ аз 26.12.2005, №114, аз 28.07.2006, №193, аз 22.12.2006, №219, аз 5.03.2007, №239, аз 30.07.2007, №306, аз 20.03.2008, №376, аз 18.06.2008, №397, аз 26.03.2009, №493, аз 19.05.2009, №525, аз 3.12.2009, №571) | 3.11.2004, №1207 |
| 7. | Кодекси ҶТ «Дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ» (дар таҳрири Қонунҳои ҶТ аз 19.05.2009, №513, аз 5.10.2009, №550, аз 9.01.2010, №577, аз 12.01.2010, №580, аз 11.03.2010, №598) | Аз соли 2009 |
| | **Қонунҳои ҶТ** | |
| 1. | Қонуни Конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» (дар таҳрири Қонунҳои ҶТ | 17.05.2004, №28 |

| | | |
|---|---|---|
| | аз 21.11.2006, №211 ва аз 3.12.2009, №576) | |
| 2. | Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи табиат» (дар таҳрири Қонунҳои ҶТ аз 1.02.1996, №223, аз 10.05.2002, №30, аз 2.12.2002, №75, аз 15.07.2004, №58, аз 13.06.2007, №284) | 27.12.1993, №905 |
| 3. | Қонуни ҶТ «Дар бораи канданиҳои зеризаминӣ» (дар таҳрири Қонунҳои ҶТ аз 4.11.1995, № 120, аз 5.01.2008, №351, аз 31.12.2008, №471) | 20.07.1994, №983 |
| 4. | Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ» (дар таҳрири Қонунҳои ҶТ аз 22.04.2003, №19, аз 28.02.2004, №13, аз 28.12.2005, №138, аз 19.05.2009, №532) | 15.05.1997, №419 |
| 5. | Қонуни ҶТ «Дар бораи хусусигардонии амволи давлатӣ дар ҶТ» (дар таҳрири Қонунҳои ҶТ аз 22.05.2002, №4, аз 8.12.2003, №71, аз 26.03.2009, №497) | 16.05.1997, №464 |
| 6. | Қонуни ҶТ «Дар бораи энергетика» (дар таҳрири Қонунҳои ҶТ аз 26.12.2005, №118, аз 13.06.2007, №280, аз 30.07.2007, №310, аз 16.10.2009, №556) | 29.11.2000, №33 |
| 7. | Қонуни ҶТ «Дар бораи коршиносии экологӣ» (дар таҳрири Қонунҳои ҶТ аз 26.12.2005, №123, аз 30.07.2007, №328, аз 31.12.2008, №468, аз 12.01.2010, №589) | 22.04.2003, №20 |
| 8. | Қонуни ҶТ «Дар бораи таъмини амнияти санитарӣ-эпидемиологии аҳолӣ» (дар таҳрири Қонунҳои ҶТ аз 6.10.2008, №441, аз 31.12.2008, №481) | 8.12.2003, №49 |
| 9. | Қонуни ҶТ «Дар бораи байторӣ» (дар таҳрири Қонунҳои ҶТ аз 26.12.2005, №117, аз 30.07.2007, №326) | 8.12.2003, №73 |
| 10. | Қонуни ҶТ «Дар бораи додани литсензия ба шаклҳои алоҳидаи фаъолият» (дар таҳрири Қонунҳои ҶТ аз 01.03.2005, №81, аз 28.07.2006, №195, аз 13.06.2007, №277, аз 5.01.2008, №349, аз 18.06.2008, №399, аз 6.10.2008, №435, аз 26.03.2009, №485, аз 19.05.2009, №519, аз 5.10.2009, №551) | 17.05.2004, №37 |
| 11. | Қонуни ҶТ «Дар бораи ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об» | 21.11.2006, №213 |
| 12. | Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» (дар таҳрири Қонунҳои ҶТ аз 20.03.2008, №384) | 12.05.2007, №258 |
| 13. | Қонуни ҶТ «Дар бораи монополияҳои давлатӣ» (дар таҳрири Қонунҳои ҶТ аз 6.10.2008, №433) | 5.03.2007, №235 |
| 14. | Қонуни ҶТ «Дар бораи мақомоти худфаъоли ҷамъиятӣ» | 5.01.2008, №347 |
| 15. | Қонуни ҶТ «Дар бораи олами ҳайвонот» | 5.01.2008, №354 |
| 16. | Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва | 20.03.200 |

| | | |
|---|---|---|
| | сохтмонӣ» | 8, №380 |
| 17. | Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» | 19.05.2009, №508 |
| 18. | Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» | 19.05.2009, №526 |
| | **Қарорҳои Президент ва Ҳукумати ҶТ** | |
| 1. | Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи ҷорӣ кардани пардохт барои хидматрасонӣ оид ба таъмини об ба истеъмолкунандагон аз системаҳои обёрии давлатӣ дар ҶТ» | 8.04.1996, №460 |
| 2. | Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи такмил додани сохтори мақомоти марказии ҳокимияти давлатии ҶТ» | 30.11.2006, №9 |
| 3. | Низомнома дар бораи тартиби ситонидани пардохт барои хидатҳои таъмини об ба истеъмолкунандагон аз системаҳои обёрии давлатӣ дар ҶТ» - мутобиқи қарори Ҳукумати ҶТ тасдиқ шудааст | 25.06.1996, №281 |
| 4. | Низомнома оид ба ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хидматҳо) дар корхонаҳо ва созмонҳои ҶТ – бо қарори Ҳукумати ҶТ тасдиқ шудааст | 12.05.1999, №210 |
| 5. | Консепсияи истифода ва ҳифзи оқилонаи захираҳои об дар ҶТ – бо қарори Ҳукумати ҶТ тасдиқ шудааст | 1.12.2001, №551 |
| 6. | Низомнома дар бораи муайян кардани ваколатҳои мақомоти махсуси салоҳиятдори давлатӣ оид ба танзими истифода ва ҳифзи об – бо қарори Ҳукумати ҶТ тасдиқ шудааст» | 4.02.2002,№39 |
| 7. | Тартиби бурдани кадастри давлатии оби ҶТ – бо қарори Ҳукумати ҶТ тасдиқ шудааст | 30.04.2002, №193 |
| 8. | Консепсияи рушди соҳаҳои комплекси сӯзишворӣ-энергетикии ҶТ барои давраи солҳои 2003-2015 – бо қарори Ҳукумати ҶТ тасдиқ шудааст | 3.08.2002, №318 |
| 9. | Тартиби ҳавасмандсозии истифодабарандагони об, ки фаъолиятҳои муфиди ҷамъиятиро оид ба истифода ва ҳифзи оқилонаи об амалӣ менамоянд – бо қарори Ҳукумати ҶТ тасдиқ шудааст | 31.08.2002, №349 |
| 10. | Тартиби истифодаи иншоотҳои об барои эҳтиёҷоти хоҷагии моҳипарварӣ – бо қарори Ҳукумати ҶТ тасдиқ шудааст | 5.11.2002, №437 |
| 11. | Тартиби барасмиятдарорӣ, бақайдгирӣ ва додани иҷозатномаҳо барои истифодаи махсуси об – бо қарори | 3.12.2002, №485 |

| | | |
|---|---|---|
| | Ҳукумати ҶТ тасдиқ шудааст | |
| 12. | Қоидаҳои истифодаи объектҳои об барои эҳтиёҷоти гидроэнергетика – бо қарори Ҳукумати ҶТ тасдиқ шудаанд | 4.03.2003, №95 |
| 13. | Барномаи рушди иқтисодии ҶТ барои давраи то соли 2015 – бо қарори Ҳукумати ҶТ тасдиқ шудааст | 1.03.2004, №86 |
| 14. | Барномаи вазифаҳои аввалиндараҷа барои такмил додани шароити мелиоратсияи заминҳои обёришаванда барои солҳои 2005-2009 – бо қарори Ҳукумати ҶТ тасдиқ шудааст | 2.07.2005, №236 |
| 15. | Барномаи беҳтар кардани таъмини аҳолии ҶТ бо оби тозаи ошомиданӣ барои солҳои 2008-2020 – бо қарори Ҳукумати ҶТ тасдиқ шудааст | 2.12.2006, №514 |
| 16. | Низомномаи Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби ҶТ – бо қарори Ҳукумати ҶТ тасдиқ шудааст | 28.12.2006, №595 |
| 17. | Низомнома дар бораи Агентии сохтмон ва меъморӣ дар назди Ҳукумати ҶТ | 28.12.2006, №614 |
| 18. | Низомномаи Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва назорати савдо дар назди Ҳукумати ҶТ | 28.12.2006, №615 |
| 19. | Низомномаи Раёсати геология дар назди Ҳукумати ҶТ – бо қарори Ҳукумати ҶТ тасдиқ шудааст | 28.12.2006, №617 |
| 20. | Низомномаи Раёсати асосии назорати давлатӣ аз рӯи бурдани кори бехатар дар саноат ва назорати корҳои маъданкании назди Ҳукумати ҶТ – бо қарори Ҳукумати ҶТ тасдиқ шудааст | 28.12.2006, №618 |
| 21. | Консепсияи гузариши ҶТ ба рушди устувор – бо қарори Ҳукумати ҶТ тасдиқ шудааст | 1.10.2007, №500 |
| 22. | Низомномаи Кумитаи ҳифзи муҳити зист дар назди Ҳукумати ҶТ – бо қарори Ҳукумати ҶТ тасдиқ шудааст | 24.04.2008, №189 |
| 23. | Низомномаи ширкати саҳҳомии ҳолдингии шакли кушодаи “Барқи Тоҷик” | 31.10.2008, №537 |
| 24. | Барномаи амнияти озуқаворechoии ҶТ барои давраи то соли 2015 – бо қарори Ҳукумати ҶТ тасдиқ шудааст | 2.02.2009, №72 |
| 25. | Барномаи давлатии экологии ҶТ барои солҳои 2009-2019 – бо қарори Ҳукумати ҶТ тасдиқ шудааст | 27.02.2009, №123 |
| 26. | Барномаи барқарорсозии хатҳои обгузари фишории стансияҳои насосии Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби ҶТ – бо қарори Ҳукумати ҶТ тасдиқ шудааст | 29.04.2009, №235 |

| | | |
|---|---|---|
| 27. | Тартиби гузаштан аз тартиботи маъмурии вобаста бо амалисозии фаъолияти сохтмонӣ дар ҶТ – бо қарори Ҳукумати ҶТ тасдиқ шудааст | 6.05.2009, №282 |
| 28. | Қоидаҳои насб ба шабакаҳои муҳандисӣ ва расонидани хадамоти коммуналӣ – бо қарори Ҳукумати ҶТ тасдиқ шудаанд | 1.10.2009, №531 |
| 29. | Нақшаи миёнамуддати амалисозии Консепсияи ҳифзи муҳити зист дар ҶТ барои солҳои 2010-2012 – бо қарори Ҳукумати ҶТ тасдиқ шудааст | 27.02.2010, №94 |
| 30. | Низомнома дар бораи Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезияи ҶТ | 3.05.2010, №225 |
| 31. | Низомнома дар бораи Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати ҶТ | 3.05.2010, №227 |
| 32. | КОНСЕПСИЯИ ислоҳоти хоҷагии манзилию коммуналӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2010-2025 | 1.07.2010, №321 |
| | **Қарорҳои вазоратҳову идораҳо** | |
| 1. | Меъёрҳо ва қоидаҳои сохтмонии МКС ҶТ 40.01-2008 Таъмини об. Шабакаҳои ва иншоотҳои берунӣ. Аз ҷониби Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати ҶТ тасдиқ шудаанд | |
| 2. | Меъёрҳо ва қоидаҳои сохтмонии 2.04.03-85 Корез. Шабакаҳо ва иншоотҳои берунӣ. Бо қарори Кумитаи давлатии ИҶШС оид ба корҳои сохтмонӣ тасдиқ шудаанд | 21.05.1985, №71 |
| 3. | Меъёрҳо ва қоидаҳои сохтмонии 3.05.04-85 Шабакаҳо ва иншоотҳои берунии таъмини об ва корез. Бо қарори Кумитаи давлатии ИҶШС оид ба корҳои сохтмонӣ тасдиқ шудаанд | 31.05.1985, №73 |
| 4. | Меъёрҳо ва қоидаҳои сохтмонии 2.06.01-86 Иншоотҳои гидротехникӣ. Низомномаи асосии лоиҳакашӣ. Бо қарори Кумитаи давлатии ИҶШС оид ба корҳои сохтмонӣ тасдиқ шудаанд | 28.05.1986, №71 |
| 5. | Дастурамал дар бораи тартиби мувофиқа ва додани иҷозатномаҳо барои истифодаи махсуси об - аз ҷониби Кумитаи давлатии ҳифзи муҳити зист ва хоҷагии ҷангали ҶТ тасдиқ шудааст | 20.01.2005 |
| 6. | Тартиби баргузор кардани муҳокимаи (ошкорои) лоиҳаҳои таърифаҳо барои молҳои (корҳо, хадамот) субъектҳои монополияи табиӣ – аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдо тасдиқ шудааст | 28.05.2007, №28 |

| | | |
|---|---|---|
| 7. | Қоидаҳои ва меъёрҳои санитарии 2.1.4.004-07 Оби ошомиданӣ. Талаботи гигиенӣ ба сифати оби системаҳои мутамаркази таъмини оби ошомиданӣ. Назорати сифат. Бо фармони Вазорати тандурустии ҶТ тасдиқ шудаанд. Дар Вазорати адлияи ҶТ 1 марти соли 2007 таҳти рақами №245 ба қайд гирифта шудаанд. | 28.02.2007, №73-А |
| 8. | Қоидаҳо ва меъёрҳои санитарии 2.1.4.005-07 Талабот ба сифати оби системаҳои ғайримутамаркази таъмини об. Ҳифзи санитарии сарчашмаҳо. Бо фармони Вазорати тандурустии ҶТ тасдиқ шудаанд. Дар Вазорати адлияи ҶТ 1 марти соли 2007 таҳти рақами №245 ба қайд гирифта шудаанд. | 28.02.2007, №73-А |
| 9. | Қоидаҳо ва меъёрҳои санитарии 2.1.4.006-07 Минтақаҳои ҳифзи санитарии сарчашмаҳои таъмини об ва хатҳои обгузари дорои таъйиноти хоҷагиву ошомиданӣ. Бо фармони Вазорати тандурустии ҶТ тасдиқ шудаанд. Дар Вазорати адлияи ҶТ 1 марти соли 2007 таҳти рақами №245 ба қайд гирифта шудаанд. | 28.02.2007, №73-А |
| 10. | Таърифаҳо барои расонидани хадамот оид ба таъмини аҳолии шаҳри Душанбе бо оби ошомиданӣ ва корез – аз ҷониби Вазорати рушди иктисод ва савдои ҶТ тасдиқ шудаанд | 12.02.2010, №3 |

***Замимаи 2. Мазмуни санадҳои меъёрӣ, ки масъалаҳои таъмини оби ошомиданӣ ва корезро танзим мекунанд***

| **Ном ва шарҳи мухтасари санад** |
|---|
| **Сарқонуни ҶТ** |
| Сарқонун аз 10 боб (1. Асосҳои сохти конститутсионӣ; 2. Ҳуқуқҳо, озодиҳо, ӯҳдадориҳои асосии инсон ва шаҳрванд; 3. Маҷлиси Олӣ; 4. Президент; 5. Ҳукумат; 6. Ҳокимияти маҳаллӣ; 7. Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон; 8. Суд; 9. Прокуратура; 10. Тартиби тағйир додани Сарқонун) ва 100 модда иборат аст .<br>Чӣ тавре, ки дар моддаи 5 (инсон, ҳуқуқҳову озодиҳои ӯ арзиши олӣ маҳсуб мешаванд, ҳуқуқҳову озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби давлат эътироф, риоя ва ҳимоя карда мешаванд) ва дар моддаи 14 (ҳуқуқҳову озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби Сарқонун, қонунҳои ҶТ, санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, танзим ва ҳифз карда мешаванд) нишон дода шудааст, ин оғози муассир аст барои муколама дар бораи ҳуқуқи асосии инсон барои доштани дастрасӣ ба оби мувофиқи ошомиданӣ;<br>Дар боби аввали Сарқонун (моддаи 10) нишон дода шудааст, ки қонуни асосӣ дорои эътибори олии ҳуқуқӣ мебошад ва меъёрҳои он таъсири бевосита доранд, **қонунҳо ва санадҳои дигари ҳуқуқие, ки бар сарқонун мухолифанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд**. Аз оғози ба даст овардани истиқлолият то замони кунунӣ Тоҷикистон бисёр санадҳои қабулшудаи байналмилалиро қабул кардааст ва, **агар қонунҳои миллӣ бо санадҳои ҳуқуқии эътирофшудаи байналмилалӣ мувофиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ ба кор бурда мешаванд**.<br>**Моддаи 13** пешбинӣ менамояд, ки замин, канданиҳои теризаминӣ, **об**, фазои ҳавоӣ, олами ҳайвоноту наботот ва захираҳои табиии дигар **моликияти истисноии давлат аст ва давлат истифодаи таъсирбахши онро бар манфиати миллат кафолат медиҳад**;<br>Дар **моддаи 38** нишон дода шудааст, ки ҳар як шахс ба **ҳифзи саломатӣ** ҳуқуқ дорад ва **давлат оид ба такмили вазъи муҳити атроф чораҳо меандешад**. **Моддаи 44** ифода менамояд, ки **ҳифзи табиат** – ин ӯҳдадории ҳар як инсон аст. |
| **Кодекси оби ҶТ** |
| Вазифаҳои Кодекси оби ҶТ танзим кардани муносибатҳои об бо ҳадафҳои таъмин намудани истифодаи оқилонаи об барои эҳтиёҷоти аҳолӣ, соҳаҳои иқтисодиёт ва муҳити табиии атроф, ҳифзи системаи таъмини об аз ифлосшавӣ, чиркпуршавӣ ва фарсудашавӣ, пешгирӣ ва барҳам додани таъсири зараровари об, беҳсозии вазъият ва ҳифзи иншоотҳои об, таҳкими қонуният ва ҳифзи ҳуқуқҳои шахсони воқеиву ҳуқуқӣ дар соҳаи муносибатҳои об мебошанд.<br>Кодекси оби ҶТ механизмҳои иқтисодии истифодаи об, аз ҷумла: |

пардохт барои истифодаи махсуси об ва истифодаи умумии бепул, пардохт барои истифодаи захираҳои об дар ҳудуди лимитҳои муқарраршуда (ғайр аз обёрии кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал), пардохт барои истифодаи берун аз лимит ва ғайриоқилонаи захираҳои об, барои хадамоти вобаста ба ҷамъоварӣ, ҳамлу нақл то сарҳади истеъмолкунандагонро тавсиф менамояд.

Кодекс аз V қисм, 24 боб ва 146 модда иборат аст. Захираҳои об маҷмӯи обҳои зеризаминӣ ва рӯизаминиро фаро мегиранд. Об – моликияти истисноии давлат аст. Истифодаи об ҳамчун истифодаи умумии об бе истифодаи иншоот ё таҷҳизоти техникие, ки метавонанд ба вазъи об таъсир расонанд ва истифодаи махсуси об – истифодаи об тавассути истифодаи иншоот ва таҷҳизоти техникӣ тасниф мешавад. Истифодаи махсуси об пулакист. Дар қисми якум муқаррароти умумӣ оварда шудаанд; Боби 1 муқаррароти умумиро шарҳ медиҳад (моддаҳои 1-13). Боби 2 ҷойгиркунӣ, лоиҳакашӣ, сохтмон ва ба кор даровардани корхонаҳо, иншоотҳо ва объектҳои дигарро, ки ба вазъи об таъсир мерасонанд, баррасӣ менамояд (моддаҳои 14-18). Боби 3 коргузориро дар иншоотҳои об ва минтақаҳои ҳифзи об (моддаҳои 19-22), тартиби коргузорӣ дар объектҳои об ва минтақаҳои ҳифзи об (моддаҳои 19-22) баррасӣ менамояд. **Қисми II истифодаи обро шарҳ медиҳад:** Боби 4 навъҳои истифодаи обро тасниф мекунад (моддаҳои 23-26). Ин истифодаи умумӣ ва махсуси обро фаро мегирад (моддаҳои 23-26). Боби 5 ба истифодабарандагони об ва иншоотҳои истифодаи об дахл дорад (моддаҳои 27-29). Боби 6 тартиб ва шароити ба истифода додани объектҳои обро муайян менамояд (моддаҳои 30-41). Боби 7 ҳуқуқҳову ӯҳдадориҳои истифодабарандагони об ва созмонҳои хоҷагии обро муайян мекунад (моддаҳои 42-48). Боби 8 қатҳи ҳуқуқҳои истифодаи обро баррасӣ менамояд (моддаҳои 49-52). Боби 9 ба истифодаи иншоотҳои об барои эҳтиёҷоти ошомиданӣ, рӯзмарра ва ниёзҳои дигари аҳолӣ дахл дорад (моддаҳои 53-60). Боби 10 истифодаи иншоотҳои обро барои ҳадафҳои шифо, осоишгоҳ ва солимгардонӣ баррасӣ менамояд (моддаҳои 61-65). Боби 11 истифодаи иншоотҳои обро барои эҳтиёҷоти кишоварзӣ баррасӣ менамояд (моддаҳои 66-79). Боби 12 ба истифодаи иншоотҳои об барои ҳадафҳои саноатӣ ва эҳтиёҷоти гидроэнергетика дахл дорад (моддаҳои 80-84). Боби 13 истифодаи иншоотҳои обро барои эҳтиёҷоти нақлиёти обиву ҳавоӣ баррасӣ менамояд (моддаҳои 85-87). Боби 14 истифодаи иншоотҳои обро барои эҳтиёҷоти хоҷагии моҳипарварӣ баррасӣ менамояд (моддаҳои 88-91). Боби 15 истифодаи иншоотҳои обро барои эҳтиёҷоти хоҷагии шикор баррасӣ менамояд (моддаҳои 92-93). Боби 16 истифодаи иншоотҳои обро барои эҳтиёҷоти мамнӯъгоҳҳо баррасӣ менамояд (моддаҳои 94-97). Боби 17 истифодаи иншоотҳои обро барои партофтани обҳои партовӣ баррасӣ менамояд (моддаҳои 98-101). Боби 18 истифодаи иншоотҳои обро барои эҳтиёҷоти зидди сӯхтор, бартарафсозии ҳолатҳои фавқулодда ва ҳолатҳои дигари ба ин монанд баррасӣ менамояд (моддаҳои 102-103). Боби 19 истифодаи обанборҳоро

| |
|---|
| баррасӣ менамояд (моддаҳои 104-107). Боби 20 ба ҳалли баҳсҳо оид ба истифодаи об дахл дорад (моддаҳои 108-118). Қисми III ҳифзи об ва пешгирии таъсири зараровари онро баррасӣ менамояд. Боби 21 ҳифзи обро баррасӣ менамояд (моддаҳои 119-128). Боби 22 пешгирӣ ва бартарафсозии таъсири зараровари обро баррасӣ менамояд (моддаҳои 129-132). Қисми IV назорати давлатӣ, бақайдгирӣ ва банақшагирии истифодаи обро баррасӣ менамояд. Боби 23 назорати давлатӣ, бақайдгирӣ ва банақшагирии истифодаи обро баррасӣ менамояд (моддаҳои 133-140). Қисми V масъулият барои вайрон кардани қонунгузории обро муқаррар менамояд. Боби 24 масъулият барои вайрон кардани қонунгузории обро муқаррар менамояд (моддаҳои 141-146).<br><br>**Солҳои 2006, 2008 ва 2009 ба Кодекси оби ҶТ тағйироти зерин ворид карда шуданд:**<br><br>•**Қонуни ҶТ таҳти №174 аз 3 марти соли 2006:** ба Кодекс истилоҳҳои “иҷозатнома барои истифодаи махсуси об”, “Ассотсиатсияи истифодабарандагони об”, “созмони ҳавзавии хоҷагии об” дохил карда шуданд. Ба Кодек моддаи нав “5. Иншоотҳои хоҷагии об, ки дорои таъйиноти махсуси стратегӣ мебошанд” ворид карда шуд. “Литсензия” ба “Иҷозатнома барои истифодаи махсуси об” тағйир дода шуд. Бори нахуст ба шахсони воқеиву ҳуқуқӣ ҳуқуқҳои зерин дода шуд: а) дар моликияти худ доштани системаи таъмини об, ки мустақилона сохта шудааст; б) барои баланд бардоштани устувории таъмини об таъсис додани созмонҳои ғайридавлатӣ.<br>•**Қонуни ҶТ таҳти №381 аз 20 марти соли 2008:** дубора баррасӣ шуданд: а) мақсадҳо ва вазифаҳои Кодекс; б) салоҳияти Ҳукумати ҶТ; салоҳиятҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ; в) вазифаҳои назорати давлатӣ дар соҳаи бақайдгирӣ, истифода ва ҳифзи захираҳои об; мундариҷаи феҳристи давлатии субъектҳои хоҷагии об.<br>•**Қонуни ҶТ таҳти №572 аз 3 декабри соли 2009:** тағйирот ба таҳкими чораҳо оид ба мубориза бар зидди обхезиҳои равона шудаанд. |
| **Қонуни ҶТ «Дар бораи ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об»** |
| Қонун чаҳорчӯбаи ҳуқуқии ташкилот, фаъолият ва идоракунии АИО-ро ҳамчун ташкилоти ғайритиҷоратӣ оид ба амалиёт ва хидматрасонии техникии системаи обёрӣ барои манфиатҳои ҷомеа танзим мекунад. Қонун аз Боби 1: Муқаррароти умумӣ (моддаҳои 1-4); Боби 2: Таъсис ва барҳам додани АИО (моддаҳои 5-7); Боби 3: Мақоми ҳуқуқии АИО (моддаҳои 8-11); Боби 4: Идоракунии АИО (моддаҳои 12-17); Боби 5: Моликияти АИО (моддаҳои 18-19); Боби 6: Муқаррароти хотимавӣ (моддаҳои 20-25) иборат аст. Мутобиқи моддаи 3 ин қонун ҳадафи таъсис додани АИО ҳифз кардан, истифода бурдани системаҳои обёрии дохилихоҷагӣ, ки таҳти истифодаи муштарак ва инфиродӣ қарор доранд, барои тақсимоти одилона, муассир, саривақтии об байни |

| |
|---|
| соҳибони он ва истифодабарандагони дигари об, ҷамъоварии воситаҳои пардохти таъмини об, ҳалли баҳсҳо байни аъзоён ва истифодабарандагони дигари об оид ба тақсимот ва истифодабарии об мебошад. |
| **Қонун ҶТ "Дар бораи ҳифзи табиат"** |
| Қонуни мазкур пойгоҳи қонунгузориро бо принсипҳои асосии зерини муҳити атроф қафолат медиҳад: пешгирии вайроншавии экосистемаҳои табиӣ ва оғоз бахшидан ба тағйироти барнагарданда дар муҳити табиии атроф; мутобиқат бо ҳудудҳои қобили қабули таъсири экологӣ; стандартҳои сифатии муҳити табиии атроф, ки амнияти экологӣ ва ҳифзи захираҳои табииро кафолат медиҳад; бақайдгирии миқдориву сифатии таъсири зараровар ба муҳити табиии атроф; дастурамали арзёбии таъсири экологӣ. Қонун муносибатҳои обро бо мақсади истифода, ҳифзи оқилонаи захираҳои об ва таъмини асосҳои қонунгузорӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои шахсони воқеиву ҳуқуқӣ дар робита бо муносибатҳои об танзим мекунад.<br><br>Қонун аз 16 боб ва 90 модда иборат аст. Мутобиқи моддаи 5 захираҳои об таҳти ҳимояи махсус қарор доранд. Муқаррароти боби 6-ро (моддаҳои 38-42) ҳангоми лоиҳакашӣ, сохтмон, бозсозӣ ва амалиёти иншоот (махсусан системаҳои таъмини об) ба назари эътибор гирифтан зарур аст. Боби 7 талаботи экологиро дар тӯли амалиёти иншоотҳо пешбинӣ менамояд. Дар боби 11 нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ ва имкониятҳои он барои ширкат варзидан дар чорабиниҳои ҳифзи табиат тасвир шудааст.<br><br>**Соли 2007 ба Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи табиат» тағйироти зерин ворид карда шуданд:**<br><br>**Қонуни ҶТ таҳти №284 аз 13 июни соли 2007:** баъзе ваколатҳо дубора бознигарӣ карда шуданд: а) Ҳукумати ҶТ; б) мақоми салоҳиятдор дар соҳаи ҳифзи табиат; в) мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, якчанд масъалаҳои вобаста ба назорати давлатӣ ва идоравӣ ва ғ. дубора баррасӣ карда шуданд, вале онҳо муқаррароти бобҳои 6, 7 ва 11-ро фаро нагирифтанд. |
| **Кодекси замини ҶТ** |
| Кодекси мазкур муносибатҳои заминро танзим мекунад ва ба эҷоди шароит барои истифода ва ҳифзи оқилонаи замин, нигоҳдорӣ ва беҳсозии муҳити табиӣ, барои инкишофи баробари ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар Тоҷикистон равона шудааст (Пешгуфтор). Қонунҳои дигар, ки муносибатҳои заминро танзим мекунанд метавонанд бо тартиби қонунгузорӣ бар асоси Кодекси мазкур навишта шаванд.<br><br>Дар ҶТ замин моликияти истисноии давлат мебошад. 2. Заминҳои миллӣ ба категорияҳои зерин тақсим мешаванд (моддаи 3), аз ҷумла заминҳои дорои таъйиноти кишоварзӣ, заминҳои давлатии хазинаи |

| |
|---|
| ҷангал, заминҳои давлатии хазинаи об ва заминҳои захиравии давлатӣ. Категорияи заминҳо дар санадҳои зерин нишон дода шудааст – дар кадастри давлатии замин, дар китоби бақайдгирии замин, дар қарорҳои мақомоти иҷроияи ҳокимият дар бораи додани заминҳо. Боби 16 (моддаҳои 95-98) масъалаҳои нигоҳдории захираҳои обро муайян менамояд. |
| **Қонуни ҶТ «Дар бораи таъмини амнияти санитариву эпидемиологии аҳолӣ»** |
| Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиву ҳуқуқиро оид ба таъмин намудани некӯаҳволии санитариву эпидемиологӣ ва амнияти радиатсионии аҳолӣ танзим мекунад, ҳуқуқи инсонро ба муҳити мусоиди атроф ва ҳуқуқҳои дигари ба он алоқаманд ва кафолати амалисозии онро муқаррар менамояд. Қонун аз 7 боб, 39 модда иборат аст, ки дар онҳо нуктаҳои зерин баррасӣ мешаванд: 1) муқаррароти умумӣ (боби 1, моддаҳои 1-4); 2) ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳо оид ба некӯаҳволии санитариву эпидемиологии аҳолӣ (боби 2, моддаҳои 5-10); 3) талабот оид ба таъмини некӯаҳволии санитариву эпидемиологии аҳолӣ (боби 3, моддаҳои 11-25); 4) масъулият барои вайрон кардани қонунгузории санитарӣ (боби 4, моддаҳои 26-27); 5) назорати давлатии санитариву эпидемиологӣ ва назорати ҷамъиятӣ (боби 5, моддаҳои 28-31); 6) хадамоти давлатии санитариву эпидемиологӣ (боби 6, моддаҳои 32-38); 7) созмшномаҳои байналмилалӣ (боби 7, моддаи 39). Ба шаҳрвандон дастрасӣ ба иттилооти зерин таъмин карда мешавад: 1) вазъияти муҳити атроф; 2) сифат ва бехатарии маводҳои ғазоӣ ва оби ошомиданӣ (моддаи 5). Сифати обе, ки барои таъмини мутамарказ ва ғайримутамаркази об истифода мешавад, бояд ба қоидаҳои муқарраршудаи санитарӣ ҷавобгӯ бошад (моддаи 16). |
| **Қоидаҳо ва дастурҳои истифодаи объектҳои об барои эҳтиёҷоти хоҷагии моҳипарварӣ ва гидроэнергетика** |
| Қоидаҳои мазкур мутобиқи Кодекси оби ҶТ таҳия шудаанд (моддаи 91) ва ба танзими муносибатҳо оид ба ҳифзи ҳавзаҳои об (мутобиқи моддаи 2: ҳамаи кӯлҳо, обанборҳо, дарёҳо ва шохобҳои онҳо), ки барои мақсадҳои моҳипарварӣ истифода мешаванд ё метавонанд истифода шаванд, равона шудаанд. Мутобиқи моддаи 16 ҷамъоварии об аз ҳавзҳое, ки барои хоҷагии моҳипарварӣ таъйин шудаанд, метавонад пас аз тасдиқи мақомоти махсуси давлатӣ оид ба назорат а рӯи захираҳои табиӣ ва дастурамалҳо амалӣ шавад. |
| **Тартиби барасмиятдарорӣ, бақайдгирӣ ва додани иҷозатномаҳо барои истифодаи махсуси об** |
| Тартиби мазкур 20 январи соли 2005 тасдиқ шудааст ва тартиби барасмиятдарорӣ, бақайдгирӣ ва додани иҷозатномаҳо барои истифодаи махсуси обро (истифодаи об тавассути сохторҳои |

| |
|---|
| татбиқшаванда ва воситаҳои техникӣ, дар мавридҳои истисноӣ, объектҳои дигари обро метавон ба "истифодаи махсуси об" дод, агар онҳо ба шароити об таъсир нарасонанд) пешбинӣ менамояд. Тартиб феҳристи санадҳои заруриро барои ҳамоҳангсозӣ ва ба даст овардани иҷозатномаҳо муайян менамояд; принсипҳои роҳбарикунандаро оид ба таҳияи иловаҳо ва барҳам додани шароит барои истифодаи махсуси об пешниҳод мекунад; тартиб принсипҳои роҳбарикунанда оид ба баррасии лоиҳаҳои сохтмони (барқарорсозии) объектҳои таъмини обро новобаста аз шакли моликият пешбинӣ менамояд. Иҷозатнома аз ҷониби вазорати кишоварзӣ ва ҳифзи табиат (ҳудудҳои ҳифзи табиат); вазорати мелиоратсия ва захираҳои об (обёрӣ); мқомоти маҳаллии ҳокимият (барои истифодаи обҳои зеризаминии таъмини ғайримутамаркази об на камтар аз 50 м$^3$ дар як рӯзро ташкил медиҳад) дода мешавад. Ҳамоҳангсозӣ барои ба даст овардани иҷозатнома барои истифодаи махсуси об бояд амалӣ карда шавад аз ҷониби: муассисаҳои давлатии назорати санитарӣ; раёсати геология (обҳои зеризаминӣ); мақомоти давлатие, ки барои назорат аз рӯи обҳои гарм масъуланд; соҳибони хатҳои обгузар ва системаҳои корез; хадамоти байторӣ; ва ғ. |
| **Тартиби ҳавасмандсозии истифодабарандагони об, ки фаъолиятҳои ба ҷамъият муфидро оид ба истифодаи оқилона ва ҳифзи об амалӣ менамоянд** |
| Дастурамалҳои зерин бар асоси Кодекси об муаррифӣ шудаанд (моддаи 46), таъмини ҳавасмандиҳои истифодабарандагони обро, ки фаъолиятҳои вобаста бо истифодаи оқилона ва ҳифзи обро амалӣ мекунанд, мавриди ҳадаф қарор медиҳад. Тартиб ва сатҳи ҳавасмандиҳо аз ҷониби мақомоти болоии истифодабарандагони об мутобиқи санадҳои меъёриву ҳуқуқии ҶТ муқаррар шудааст. Ҷуброни пулӣ аз ҳисоби воситаҳои сарфашудаи истифодабарандагони об дар охири ҳар сол мутобиқи пешниҳодҳои мақомоти махсуси давлатӣ дар натиҷаи мониторинги фаъолият / гузоришҳо дода мешаванд. |
| **Кадастри давлатии об** |
| Кадастри об мутобиқи Кодекси об муаррифӣ шудааст (моддаҳои 12 ва 135) ва ба баланд бардоштани таъсирбахшӣ ва сарфакории таъмини об мутобиқи талаботи воқеӣ ба захираҳои об, реҷа ва сифати оби истифодашаванда ва такмили пеш бурдани ҳуҷҷатгузорӣ, вобаста ба иттилоот дар бораи истифодабарандагони об ба воситаи эҷод кардани системаи худкори электронии ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилоот равона шудааст. Вазоратҳои асосӣ оид ба рушд ва таҳия минбаъдаи ин санад: вазорати кишоварзӣ ва ҳифзи табиӣт (обҳои рӯизаминӣ) ва ҳамоҳангсозӣ бо маъмурияти мутамаркази (раёсати асосии) геология (обҳои зеризаминӣ) ва вазорати мелиоратсия ва захариҳои об (истифодаи об). |

| **Стратегияи бахши об (СБО) барои солҳои 2006–2020** |
|---|
| Санади мазкур масъалаҳои марбут бо захираҳои об, идоракунии якҷояи онҳо ва системаҳои истифодаи об дар робита бо рушди иқтисодӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатиро баррасӣ менамояд. Баланд бардоштани таъсирбахшӣ дар системаи истифодаи об – ҳадафи Стратегияи мавҷуд аст, ки мудохилаҳои кӯтоҳ-, миёна- ва дарозмуддатро дар бар мегирад. Ҳадафҳои асосии стратегӣ дар бар мегиранд: а) Қонеъ кардани талаботи истифодабарандагони об ва истеъмолкунандагони об ба захираҳои об баррасии зарурии зершӯъбаҳои байнидавлатии обро талаб менамояд; б) Барқарорсозии зерсохтори мавҷудаи хоҷагии об ва асосҳои истеҳсолии он; в) Муайян кардани арзиши пурраи барқарорсозӣ барои бахши тахмини об; г) Барқарорсозии заминҳои мутобиқ ба обёрӣ; ғ) Ворид кардани технологияҳои нав, аз нуктаи назари иқтисодӣ муассир; д) Иҷро намудани барномаи муассири иқтисодиёти об; е) Гузариши мунтазам ба равиши систематикии идоракунии воҳидҳои гидрографӣ ва маъмурӣ, таъсис додани ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об (АИО) дар ҳама ҷо, назорат ва танзими талабот ба об, гуногунсозии пардохт барои об ва таъмини об вобаста аз замина; ё) Иҷро кардани барқарорсозӣ, вусъат ва сохтани системаҳои нави таъмини об, системаҳои корез ва иншоотҳои обтозакунӣ; ворид кардани таҷҳизоти муосири техникӣ ва технологияҳо, обченкунакҳо ва назорати сифат. Боби 6: Таъмини об ва санитария муайян менамоянд, ки зерсохтор тақрибан ба 70 дар сад фарсуда шудааст, дар ҳоле ки миқдори талафоти об дар ин маврид 50-60%-ро ташкил медиҳад. Масъалаҳои асосии таъмини об, ки дар WSS баён шудаанд: а) пойгоҳи заифи қонунгузорӣ – Кодекси об масъалаҳои таъмини об ва санитарияро ба таври нокифоя баррасӣ менамояд; таҳия намудани қонуни махсус дар бораи таъмини об, стандартҳои оби ошомиданӣ ва рухсат додани хусусикунонии воситаҳои таъмини об ва системаҳои корез зарур аст; б) набудани обченкунакҳо ва имконияти маҳдуди истифодабарандагон барои амалӣ кардани пардохтҳо барои хадамоти расонидашаванда; в) набудани мақомоте, ки сиёсати техникӣ, лоиҳакашӣ, барқарорсозӣ, сохтмон ва истифодаи иншоотҳои обтозакунӣ ва таъмини обро тавонад ҳамоҳанг кунад; г) таъмини ғайридоимии барқ ва фарсудагии баланди воситаҳои асосӣ, ҳамчунин норасоии таҷҳизоти гидроэлектрикӣ; ғ) идроки пасти ҷамъиятӣ дар бораи методҳои зарурии истифодаи об ва санитария. |
| **Стратегияи миллии рушд барои солҳои 2007–2015 (СМР)** |
| Санади мазкур шарҳи мухтасари стратегияи ҶТ дар бораи рушди дарозмуддати ҷумҳурӣ ва самтҳои фаъолияте, ки барои амалисозииислоҳоти тарҳрезишудаи иқтисодӣ заруранд, мебошад. Мақсади ин ислоҳот дар он аст то суръати устувори баланди рушди иқтисодӣ таъмин ва ҳамин тариқ сатҳи камбизоатӣ бо ҳадафи муваффақ шудан |

| |
|---|
| ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола (ҲРҲ) паст карда шавад. Об ва санитария дар Блоки иҷтимоии Стратегия (боби 7.5, саҳ. 84) дода шудааст. Самти асосии фаъолиятҳо дар Бахши об: а) Ислоҳоти пурраи система тавассути беҳсозии сиёсати бахш ва муқаррарсозии созмонҳои нави соҳиб; б) Эҷоди шароитҳои мусоид барои сармоягузорӣ ба бахш ва ҷалби бахши хусусӣ; Рушди системаҳои маҳаллии таъмини об дар қасабаҳои деҳот. Натиҷаҳои интизорраванда: миқдори одамоне, ки ба оби бехатар, ошомиданӣ дастрасӣ надоранд, то нисф кам хоҳанд шуд, ассотсиатсияҳои нави соҳибони таъминкунандаи об, санитария ва хадамоти коммуналӣ таъсис хоҳанд шуд, ки кори бахшро танзим хоҳанд кард. |
| **Санади стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар ҶТ барои солҳои 2007–2009** (ССПСК) |
| Санади мазкур «Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар ҶТ барои солҳои 2007-2009» ба сифати барномаи миёнамуддати рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар таъйин шудааст. Фаъолиятҳои дар СПСК муайяншуда натиҷаҳои иҷрои Санади стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатиро (ССПСК) барои солҳои 2002-2006 ва дарсҳои дар рафти амалисозии он андӯхта ба назари эътибор мегиранд. Дар боби 2.1.1 “Мақоми камбизоатӣ. Таҳаввулот ва вазифаҳои асосӣ” муқаррар шудааст, ки “… қисми назарраси аҳолӣ дар Тоҷикистон бо масъалаи дастрасӣ ба оби ошомиданӣ рӯ ба рӯ аст. Танҳо аз се як ҳиссаи аҳолӣ ба оби хлоронидашуда аз муассисаҳои хадамоти коммуналӣ дастрасӣ дорад, 29% аҳоли обро аз сарчашмаҳои мутамарказ истифода мебарад, қисми боқимондаи одамон аз зарфҳои гуногун ва захбурҳои обёрӣ об мегиранд. 40% оби истеъмолшаванда барои ошомидан қобили қабул нест, 41% аҳолӣ оби муассисаҳои хадамоти коммуналиеро истеъмол менамояд, ки сифати паст дорад” (саҳ. 11). Нақша аз он иборат аст то таъмини мунтазами дастрасӣ ба оби баландсифати эмини ошомиданӣ аз 93 то 96 дар сад барои минтақаҳои шаҳрнишин ва аз 49 то 51 дар сад барои аҳолии минтақаҳои деҳот зиёд карда шавад. |

***Замимаи 3. Сохтор, тарзи идоракунӣ, рӯйхати муассисаҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳои дигари системаи ВМЗО ҶТ***[100]

**Сохтори дастгоҳи марказии ВМЗО ҶТ**

1) Роҳбарият
2) Раёсати истифодаи системаҳои обёрӣ
3) Раёсати захираҳои об, илм ва техника
4) Раёсати иқтисодиёт ва пешгӯӣ
5) Раёсат оид ба масъалаҳои ҳуқуқиву кадрӣ
6) Раёсати муҳосибот ва молия
7) Шӯъбаи истифода, мониторинги вазъияти техникии стансияҳои насосӣ, энергетика ва алоқа
8) Шӯъбаи алоқаҳои берунии иқтисодӣ
9) Шӯъбаи сохтмони асосӣ ва корҳои пудратӣ
10) Шӯъбаи механизатсия, нақлиёт ва саноат

***Сохтори идоракунии ВМЗО ҶТ, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблаггузорӣ мешавад***

1) Дастгоҳи марказӣ
2) Раёсати хоҷагии оби вилояти Кӯҳистони Бадахшон
3) Раёсати хоҷагии оби вилояти Суғд
4) Раёсати хоҷагии оби вилояти Хатлон
5) Раёсати байниноҳиявии хоҷагии оби Душанбе
6) Раёсати байниноҳиявии хоҷагии оби Ҳисор
7) Раёсати сохтмон, лоиҳакашӣ, истифодаи оби ошомидании минтақаҳои деҳот ва чарогоҳҳо

**Рӯйхати корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои дигари системаи ВМЗО ҶТ**

1) Муассисаи давлатии «ТоҷикНИИГиМ»
2) Муассисаи давлатии «Тоҷикоблоиҳа»
3) Дирексияи давлатии сохтмони мелиоративии Суғд
4) Дирексияи давлатии сохтмони мелиоративии Душанбе
5) Шӯъбаи тоҷикистонии раёсати Голодностепи системаҳои муҳандисии об ва канали "Дӯстлик"
6) Раёсати иттиҳодияи ҳавзавии хоҷагии оби саргаҳи Амударё "Амударё"
7) Секретариати комиссияи ҳамоҳангсозии байнидавлатии хоҷагии об
8) КВД "Экспедитсияи гидрогеологӣ-мелиоративӣ"
9) КВД "Суғдобсохтмон"
10) КВД "Вахшобсохтмон"
11) КВД "Таджикселезащита"

[100] Бо қарори Хукумати ҶТ аз 28 декабри соли 2006 таҳти №595 тасдиқ карда шудааст.

12) КВД “Обёрии мошинӣ”-и шаҳри Душанбе
13) КВД системаи муҳандисии обии Данғара
14) КВД “Шабакаҳо ва зеристгоҳҳои барқӣ”
15) КВД “Канали Чубек”-и ноҳияи Фархор
16) Корхонаи воҳиди давлатии “Тоҷикобавтоматика”
17) Корхонаи воҳиди давлатии “Маснуоти оҳанубетонӣ”-и шаҳри Сарбанд
18) Корхонаи воҳиди давлатии хоҷагии оби ноҳияи Рашт
19) Корхонаи воҳиди давлатии хоҷагии оби ноҳияи Ҷиргатол
20) Корхонаи воҳиди давлатии хоҷагии оби ноҳияи Нуробод
21) Корхонаи воҳиди давлатии хоҷагии оби ноҳияи Тоҷикобод
22) Корхонаи воҳиди давлатии хоҷагии оби ноҳияи Тавилдара
23) Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба сохтмон ва комплектатсияи системаҳои мелиоративӣ
24) Корхонаи воҳиди давлатии “Пешрав” Корхонаи воҳиди давлатии оид ба истифодаи иншоотҳои истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ
25) Корхонаи воҳиди давлатии корҳои махсусгардондашудаи №10-и шаҳри Ваҳдат
26) Корхонаи воҳиди давлатии канали “Хоҷабоқирғон”
27) Корхонаи воҳиди давлатии истифода ва сохтмони ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ

***Замимаи 4. Таърифаҳо барои расонидани хадамот оид ба таъмини аҳолии шаҳри Душанбе бо оби ошомиданӣ ва корез дар як моҳ ба ҳар сари одам***

| № | Хидмати расонидашаванда | Ҳаҷм ба ҳисоби одам/моҳ | Арзиши хидматҳо (бо сомонӣ) | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | Бе ААИ | ААИ – 18% | Бо ААИ |
| 1 | Хонаҳои бисёрҳуҷраи дорои аз 2 то 12 ошёна | | | | |
| | Оби ошомиданӣ | 10,8 м□ | 1,501 | 0,270 | 1,771 |
| | Корез | 11 м□ | 0,594 | 0,107 | 0,701 |
| | Ҳамагӣ | | 2,095 | 0,377 | **2,472** |
| 2 | Хонаҳои бисёрҳуҷраи дорои беш аз 12 ошёна | | | | |
| | Оби ошомиданӣ | 14,4 м□ | 2,001 | 0,360 | 2,361 |
| | Корез | 11,4 м□ | 0,616 | 0,111 | 0,727 |
| | Ҳамагӣ | | 2,617 | 0,471 | **3,088** |
| 3 | Хонаҳои хусусӣ | | | | |
| | Оби ошомиданӣ | 7,5 м□ | 1,043 | 0,188 | 1,231 |
| | Корез | 3 м□ | 0,16 | 0,03 | 0,19 |
| | Ҳамагӣ | | 1,203 | 0,218 | **1,421** |
| | | | | | |
| 4 | Хонаҳои умумӣ | | | | |
| | Оби ошомиданӣ | 9 м□ | 1,251 | 0,225 | 1,476 |
| | Корез | 9 м□ | 0,486 | 0,09 | 0,576 |
| | Ҳамагӣ | | 1,737 | 0,315 | **2,052** |

**Эзоҳ**: Таърифаҳо мутобиқи қарори Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ аз 12 феврали соли 2010 таҳти рақами 3 тасдиқ шудаанд. Ҳамчунин, мутобиқи қарори мазкур муқаррар шудааст:

1) Коэффициент:

- барои оби ошомиданӣ - 0,139,
- барои корез – 0,054

2) Таърифаҳо барои ҳаммомҳои тобистона – 0,295.

*Замимаи 5. Феҳристи нашриёҳо/манбаъҳои иттилоот*


1. Гузориши «Масъалаҳо ва тавсияҳои сатҳи ҷамоат дар таъмини оби ошомиданӣ дар деҳоти Тоҷикистон», SDC, ВМЗО, UNDP, феврали соли 2009;
2. Гузориши «Масъалаҳо ва тавсияҳои сатҳи байнивазоратӣ дар таъмини оби ошомиданӣ дар деҳоти ҶТ», SDC, ВМЗО, UNDP, июни соли 2009;
3. Гузориши «Идоракунии захираҳои об дар Тоҷикистон», Oxfam , декабри соли 2007;
4. SMART – муайян, андозашаванд, муваффақшаванд, воқеӣ, саривақтӣ;
5. Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсолаи (арзёбии хароҷоти молиявӣ) ҶТ;
6. Барномаи таъмини аҳолии ҶТ бо оби тозаи ошомиданӣ барои солҳои 2008-2020.
7. Маҷмӯаи иттилоотӣ: Донишҳои анъанавӣ дар соҳаи истифодаи замину об, (СҒД, Хазинаи дастгирии ташаббусҳои шаҳрвандӣ, БРСММ), соли 2006;
8. Дастурамал оид ба амалисозии лоиҳаҳои таъмини оби ошомиданӣ дар Тоҷикистон, SDC, ВМЗО, UNDP, соли 2009.

***Замимаи 6. Феҳристи шахсоне, ки дар сӯҳбатҳои инфиродӣ ширкат карданд***

| | | |
|---|---|---|
| 1. Муассисаи давлатии «Раёсати асосии «ТоҷикОбДеҳот» | Гул Ваҳҳобович Шарифов, Сармуҳандис | + 992 918 29 75 44 |
| | Рустам Ғаффоров, Сардори шӯъбаи банақшагирии молиявӣ | + 992 951 42 65 45 |
| 2. Обу корези шаҳри Ваҳдат | Мавҷудшо Зарипов, роҳбари обу корез, шаҳри Ваҳдат | |
| | Мирсаидов Хомидҷон, сармуҳандис | |
| 3. КВД «Раёсати истифодаи хатҳои асосии обгузар-5», ноҳияи Ҳисор | Саидмурод Раупов, сардор | + 992 918 73 66 64 |
| 4. Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон | Елена Ляпина, Ҳамоҳангсози барномаи “Санитарияи об” | + 992 37 224 03 74; 224 53 78;<br>+ 992 918 61 60 21<br>E-mail: elivanpis39@list.ru |
| | Умаралӣ Орипов, Роҳбар дар ноҳияи Ҳисор | + 992 918 68 54 58 |
| | Шамъигул Ҳаитова, корманд дар ноҳияи Ҳисор | + 992 919 97 66 33 |
| | Фирӯза Ғайратова, Роҳбар дар шаҳри Ваҳдат | + 992 901 07 07 93 |
| | Шамсигул Боева, корманд дар шаҳри Ваҳдат | + 992 907 40 26 25 |
| 5. Кумитаи рушди маҳал | Сайфов Шамсиддин, раис, деҳаи Сурхтеппа, шаҳри Ваҳдат | |
| | Ятимов Фатҳулло, раис, деҳаи Камонгарони боло, ҷамоати Баҳор, шаҳри Ваҳдат | + 992 917 11 38 31 |

| | | |
|---|---|---|
| | Боймуродов Бобомурод, аъзои кумита, деҳаи Камонгарони боло, ҷамоати Баҳор, шаҳри Ваҳдат | |
| | Мирсаидов, аъзои кумита, деҳаи Камонгарони боло, ҷамоати Баҳор, шаҳри Ваҳдат | |
| | Гулаков Қурбоналӣ, Раиси Кумитаи ҷамъиятии истифодабарандагони об, Камонгарони боло, ҷамоати Баҳор, шаҳри Ваҳдат | + 992 37 223 21 95 |
| | Сайфуллоев Зиёдулло, раиси деҳаи Зиракии боло, ҷамоати «Алмосӣ», ноҳияи Ҳисор | + 992 985 70 30 31 |